ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 809.155.0 (81.2 Тоҷ.)

СУЛТАНЗОДА ЗАРРИНА

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРӢ-СЕМАНТИКӢ ВА ТАРҶУМАВИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР «ТАРҶУМАИ ТАФСИРИ ТАБАРӢ»

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Роҳбари илмӣ:

номзади илмҳои филологӣ,

дотсент Исмонов К.Б.

ДУШАНБЕ – 2024

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....4

МУҚАДДИМА.....5-9

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.....10-15

БОБИ I. ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРӢ-СЕМАНТИКИИ ВФ ДАР «ТАРҶУМАИ ТАФСИРИ ТАБАРӢ».....16-72

1.1. «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» – ганҷинаи воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ.....19-31

1.2. Таснифи лексикии ВФ.....32-35

1.3. Сермаъноии ВФ.....36-43

1.4. Синонимияи ВФ.....44-52

1.5. Вариантҳои ВФ.....53-62

1.6. Антонимияи ВФ.....63-72

БОБИ II. ИБОРА ВА ТАРКИБҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ БО ФЕЪЛҲОИ ЁРИДИҲАНДА.....73-113

2.1. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи *кардан*.....77-83

2.2. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *намудан*.....84-85

2.3. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи *омадан*.....86-88

2.4. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *задан*.....89-91

2.5. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи *гирифтан*.92-95

2.6. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феълҳои ёридиҳандаи *гаштан/ гардидан*.....96-97

2.7. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи *кашидан*....98-99

2.8. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи *шудан*....100-101

2.9. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *мурдан*.....102-103

2.10. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *сохтан*.....104-105

2.11. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *доштан*.....106-108

2.12. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *ёфтан*.....109

2.13. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *рафтан*.....110-113
БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАВИИ ВФ ДАР АСАР.....114-147
3.1. Тарҷумапазирӣ ва тарҷуманопазирии ВФ.....114-122
3.2. Роҳҳои тарҷумаи ВФ дар асар.....123-124
3.3. Тарҷумаи калкавии ВФ.....125-135
3.4. Муодилёбӣ дар тарҷумаи ВФ.....136-139
3.5. Тарҷумаи ВФ бо муодили луғавӣ.....140
3.6. Тарҷумаи воҳиди луғавӣ бо ВФ.....141-142
3.7. Муқоисаи ВФ-и матни асар бо ВФ-и тарҷумашуда.....143-147
ХУЛОСА.....148-151
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....152
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....153-167
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....168

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ВФ – воҳидҳои фразеологӣ.

ТВФ – таркиби воҳидҳои фразеологӣ.

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ.

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

ДСРТ – Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

АИДПҶТ – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

МУҚАДДИМА

Кори диссертатсионӣ ба омӯзишу баррасии хусусиятҳои семантикӣ, сохторӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ дар асоси маводи куҳантарин тафсири Қуръони карим ба забони тоҷикӣ – «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ва баррасии чигунагии корбурди онҳо дар асар аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ, хусусан, фразеологияшиносии тоҷик арзёбӣ мегардад. Зеро омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар ин асар ба тавоноиву зоёии забони тоҷикӣ дар асрҳои IX-X ишора карда, ҳамзамон, далолат ба он менамояд, ки донишмандони тоҷик ҳанӯз дар он асрҳо аз таркиботу таъбироти устувор ва тарҷумапазириву тарҷуманопазирии онҳо огоҳӣ доштаанд.

Тавре маълум аст, воҳидҳои фразеологии забон ба симати оинае унвон мешаванд, ки ҷомеаи фарҳангӣ дар он худшиносии миллии худро инъикос менамоянд [Телия 1996, с.9], чаро ки дар зимни бештари воҳидҳои фразеологӣ маоние нуҳуфта шудааст, ки арзишҳои фарҳангӣ-миллиро фаро мегирад [Маслова 2001, с.25]. Илова бар ин, ҳамбастагӣ ва устуворие, ки байни ҷузъҳои воҳидҳои фразеологӣ вуҷуд дорад, аз як тараф, барои таъсирнопазириву ба тағйирот дучор нагардидани онҳо мусоидат намояд, аз тарафи дигар, ба заминаи таърихии забон далолат мекунад. Зеро пайдоиши воҳидҳои фразеологӣ ба қоидаву усули мушаххаси таркибофарӣ пойбанд набуда, дар натиҷаи тавсеаёбии маонии таркибҳо ва ба маҷозу киноя ва истиора гароиш ёфтани онҳо ба майдон меоянд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Дар муқоиса ба дигар бахшҳои забоншиносӣ омӯзиши фразеология таърихи тӯлоние надошта бошад ҳам, вале ин соҳаи забоншиносӣ дар таърихи форсу тоҷик аз қадимулайём шинохта шудааст. Чунончи дар аввалин луғатҳои форсии тоҷикӣ дар баробари шарҳу эзоҳ ёфтани калимаҳо воҳидҳои фразеологӣ низ мавриди шарҳу эзоҳ қарор гирифтаанд. Ҳанӯз дар «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ (асри

XI) **чашми олус** «нигаристан бувад ба гӯшаи чашм», **ҷанги зевар** «асби аблаҚ», **чашми оғил** «нигаристан бувад ба як сӯе», **шикасту микаст** барин таркибу ибораҳои устувор дар моддаҳои алоҳидаи луғавӣ оварда шуда, чун воҳидҳои мустақили луғавӣ (аниқтараш фразеологӣ) шарҳ дода шудаанд. Дар фарҳангу луғатҳои баъдӣ, аз қабили «Адот-ул-фузало»-и Қозихон Бадрмуҳаммади Деҳлавӣ (соли таълиф 1419), «Фарҳанги Сурурӣ»-и Кошӣ (солҳои 1599-1600), «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ»-и Инҷуи Шерозӣ (соли 1608), «Кашф-ул-луғот»-и Ғафур Абдураҳим ибни Аҳмади Суро (асрҳои XVI-XVII), «Бурҳони Қотеъ»-и Ибни Халаф Ат-Табрезӣ (соли 1652), «Фарҳанги рашидӣ»-и Абдурашид ибни Абдулғафур (1654), «Баҳори Аҷам»-и Тик Чанди Баҳор (1739), «Ғиёс-ул-луғот»-и Ғиёсиддин ибни Ҷалолиддин (1827) ва дигар фарҳангу луғатномаҳо таъбирҳо ва ибораву таркибҳои устувору тағйирнаёбандаи зиёд гирдоварӣ ва шарҳу тавзеҳ дода шуда, барои таъйид аз ашъору гуфтори суханварони гузашта шоҳид оварда шудааст [Маҷидов 1982, с. 5].

Мавриди зикр аст, ки омӯзиши илмӣ ва ҳаматарафаи воҳидҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ ба омӯзиши ин самт дар забоншиносии рус бастагии ногусастанӣ дорад. Рӯйхати китобу фарҳангҳои ба фразеологияи тоҷик бахшидашудаи донишмандони тоҷик, ки ҳанӯз соли 1971 С.В. Хушенова дар китоби «Изафетные фразеологические единицы таджикского языка» замима намудааст [Хушенова 1971, с.187-189], аз таваҷҷуҳи забоншиносони тоҷик ва эроншиносон шаҳодат медиҳад. Дар омӯзиши ин падидаи забонӣ метавон аз саҳми назарраси забоншиносони хориҷӣ: Ш. Балли, П. Смит, Х. Касарес, О. Есперсона, В. Крейзинг, В.В. Виноградов, Н.М. Шанский, Б.А. Ларин, В.А. Архангелский, А.В. Кунин, С.И. Ожегов, А.И. Смирнитский, С.И. Абакумов, А.А. Булаховский, В.П Жуков, М.И. Сидоренко, Л. И. Ройзенсон, Маҳмуд Фаҳмӣ ал-Ҳиҷозӣ, Муҳаммадалӣ ал-Хулӣ, Алӣ ал-Қосимӣ, Карим Закӣ Ҳисомуддин, Исомуддин Абдуссалом Абузулол, Парвиз Нотили Хонларӣ, Абдурраҳим Ҳумоюнфаррух, Ботинӣ Муҳаммадризо ва забоншиносони ватанӣ**:** Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Б.

Камолиддинов, С.В. Хушенова, Р. Эгамбердиев, Ҳ. Маҷидов, Р.М. Султанова, И. Ҳасанов, Р. Саидов, Х. Ҷалилов, А. Шарофиддинова, Ҳ. Дӯстов ёдовар шуд. Инчунин, аз асарҳои Ю.А. Рубинчик, А.А. Веретенников, Г.С. Голиева метавон ёдовар шуд, ки бевосита ба баррасии хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ дар забони форсӣ (тоҷикӣ) бахшида шудаанд. Илова бар ин, воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ дар зимни асарҳои таҳқиқотии ба забону услуби ин ё он асари классикӣ ва ё муосир бахшидашуда то ҷойе омӯхта шудаанд.

Дар таърифу тасниф ва баёни хусусиятҳои маъноию сохтории воҳидҳои фразеологии тоҷик таълифоти забоншинос Ҳ. Маҷидов ҷойгоҳи назаррасеро касб менамояд. Донишманди мазкур соли 1968 дар робита ба воҳидҳои фразеологии феълӣ таҳти унвони «Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии воҳидҳои фразеологии феълии забони адабии ҳозираи тоҷик» тадқиқот анҷом додааст. Дар ин рисола мавсуф дар мавриди роҳҳои ташаккули воҳидҳои фразеологии феълӣ, ки маҳсули давраҳои таърихӣ буда, барои ифодаи ягон раванди зиндагӣ дар забони халқ хизмат мекунанд, маълумоти муҳим оварда, сермаъноии унсурҳои луғавӣ, паҳлуҳои мухталифи пайдоиши маъно дар воҳидҳои фразеологии феълӣ ва фарқи онҳоро аз феълҳои таркибии номӣ бо далелҳои эътимоднок исбот менамояд [Маҷидов 1968].

«Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик» асари дигари Ҳ. Маҷидов мебошад, ки дар он доир ба муҳимтарин масъалаҳои фразеологияи тоҷик, аз қабили аломатҳои фарққунанда, ҳаҷм, хусусиятҳои маъноӣ, гуруҳҳо, манбаъҳои пайдоиш ва ҷиҳатҳои услубии воҳидҳои он маълумот оварда шудааст. Дар ин асар муҳаққиқ дар робита ба масъалаи иқтибосшавии воҳидҳои фразеологӣ ва тарҷумапазирию тарҷуманопазирии он андешаҳои ҷолиб ироа намудааст. Ҳарчанд асари мазкур аз ҷониби муаллиф ҳамчун дастури таълимӣ пешниҳод шуда бошад ҳам, вале масъалагузориҳои ин асар онро аз китобҳои бунёдӣ дар шинохти воҳидҳои фразеологии тоҷик гардонидааст [Маҷидов 1982].

Асари бунёдии дигар дар фразеологияшиносии тоҷик «Фразеологическая система современного таджикского литературного языка» унвон дошта, боз ба қалами ҳамин муҳаққиқ тааллуқ дорад. Дар асари мазкур дастовардҳои солҳои охири забоншиносии тоҷик дар соҳаи фразеология ба таври умум ва назарияҳои илмии муаллифро ба таври махсус оварда шудааст. Асари мазкурро метавон таҳқиқоти мукаммалу фарогир дар фразеологияшиносии тоҷик унвон кард [Маҷидов 2006].

Ба қалами ин донишманди сермаҳсул боз мақолаҳои зиёди илмие тааллуқ дорад, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо аз таъбиру таркибҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар баробари ин осор масъалаи ВФ, хусусан, тарҷумапазирӣ ва тарҷуманопазирии онҳо дар асарҳои ба тарҷума бахшидаи Eugene A. Nida. Toward A Science of Translating (Андар шинохти илми тарҷума) [1976] А.Д. Швейтсер Теория перевода (Назарияи тарҷума) [1988], В.Н. Комиссаров Назарияи тарҷума [2021] ва дигарон мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти М.М. Мирзоева «Воҳидҳои фразеологии асарҳои С.Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ» [2008] ва М. Муслимов «Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои луғавии арабӣ» [2009] ба таҳқиқоте, ки дар шинохти таркиб ва баёни хусусиятҳои тарҷумавии ВФ сурат мегиранд, заминаи мусоид шуда метавонанд.

Дар фразеологияшиносии тоҷик то имрӯз ба истиснои бархе мақолоти алоҳида, аз қабили мақолаи З. Шарипова «Мавқеи баъзе воҳидҳои фразеологӣ дар Қуръон» [Шарипова 2011] дигар пажуҳиши муфассалу бунёдие дар робита ба ин масъала анҷом нашудааст. Дар ҳоле ки дар фразеологияшиносии рус ва араб ба ин масъала таваҷҷуҳи зиёд шудааст. Дар ин ҷо метавон аз асари В.Д.Ушаков «Фразеология Корана» ёдовар шуд, ки дар он муҳаққиқ ба баррасии паҳлуҳои гуногуни воҳидҳои фразеологии забони арабӣ такя ба корбурди онҳо дар зимни оёти қуръонӣ пардохта,

хусусиятҳои воҳидҳои фразеологии номӣ ва феълиро шарҳу тавзеҳ додааст [Ушаков 1996].

Дар фразеологияшиносии араб метавон аз асарҳои Маҳмуд Фаҳмӣ ал-Ҳиҷозӣ, Муҳаммадалӣ ал-Хулӣ, Алӣ ал-Қосимӣ, Карим Закӣ Ҳисомуддин, Исомуддин Абдуссалом Абузулол «Ат-Таъобир-ул-истилоҳия байна-н-назария ва-т-татбиқ» [2005 عصام الدين] ёд намуд, ки воҳидҳои фразеологии арабро такя ба осори гузашта ва дастовардҳои имрӯзаи фразеологияшиносии ғарб таснифу таҳлил намудаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар навиштани ин диссертатсия мо ба таҳқиқоти забоншиносони мазкур ва асарҳои донишмандони дигаре, ки дар робита ба фразеологизм ва падидаҳои дигари забонии ба он марбут пажуҳиш анҷом додаанд, такя намудаем.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Масъалаҳои дар ин рисола баррасишуда бо барномаҳо ва мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ робитаи зич дорад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқи илмӣ метавонад дар таҳия ва такмили барономаҳои таълимӣ нақши муҳим бозад. Ҳамзамон бо ин, мавзуи диссертатсияи мазкур дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи филологияи араб ва кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Нишон додани чигунагии корбурди ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ва муайян намудани хусусиятҳои сохториву семантикии онҳо, ҳамзамон, бозтобнамоии тавоноии забони тоҷикӣ тавассути муодилёбиву муодилофаринии луғавию фразеологӣ дар баробари ВФ забони арабӣ аз мақсаду ҳадафҳои асосии диссертатсия ба шумор меравад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои расидан ба мақсаду ҳадафҳои худ таҳлилу баррасӣ намудани вазифаҳои зерин мавриди назар қарор дода шудааст:

- омӯзиш ва таҳлили ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»;
- муайян намудани хусусиятҳои сохторӣ ва семантикии ВФ дар асар;
- таъйини вижагии истифодаи вожаҳои асил ва иқтибосӣ дар зимни ВФ дар асар;
- таҳлили корбурди ҷараёнҳои луғавӣ-маъноии забони тоҷикӣ, аз ҷумла сермаъноӣ, синонимия ва антонимия дар сохти ВФ «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»;
- муайян намудани мафҳум ва корбурди вариантнокии ВФ ҳамчун падидаи забонӣ дар асар;
- нишон додани нақши феълҳо, хусусан феълҳои ёридиҳанда дар ташкили ВФ дар асар;
- таъйини соматизмҳо дар зимни ВФ дар асар;
- нишон додани тарҷумапазирӣ ва тарҷуманопазирии ВФ дар мисоли асар;
- муайян намудани усулҳои тарҷумаи муваффақонаи воҳиди фразеологии асар;
- гузаронидани таҳлили омории маводи фразеологӣ;
- мушаххас намудани ВФ-и вижаи асар.

Объекти таҳқиқ. Ба сифати объекти таҳқиқ «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», ки манбаи бойи корбурди воҳидҳои фразеологӣ ба шумор меравад, интихоб карда шуд.

Предмет (мавзуъ)-и таҳқиқ. Предмети таҳқиқи диссертатсионӣ таҳлилу баррасии ВФ ва хусусиятҳои тарҷумапазириву тарҷуманопазирии он дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мебошад.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Бунёду асосҳои назариявии диссертатсияро дастовардҳои донишмандони хориҷиву ватанӣ, аз қабили В.В. Виноградов, Н.М. Шанский, Б.А. Ларин, С.И. Ожегов, В.П Жуков, Маҳмуд Фаҳмӣ ал-Ҳиҷозӣ, Карим Закӣ Ҳисомуддин, Исомуддин Абдуссалом Абузулол, Ботинӣ Муҳаммадризо, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, С.В. Хушенова, Ҳ. Маҷидов, Р.М.Султанова, И. Ҳасанов, Р. Саидов, Х.Ҷалилов, Ҳ.Дӯстов ва дигарон ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Диссертатсия дар асоси методҳои маъмулу санҷидашудаи забоншиносӣ, аз қабили мушоҳидаву муқоиса, синхрониву диахронӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва тавсифӣ-таҳлилӣ таълиф шудааст. Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқ аз методи оморӣ истифода шудааст.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқ матни тоҷикии «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» баромад менамояд. Асари мазкур соли 2007 аз ҷониби донишмандони тоҷик, устодони Донишгоҳи давлатии Ҳуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров Салимов Н.Ю., Зоҳидов Н.Ш., Ғиёсов Н.И., Ҳасанов А.А. ва Самеев А. дар асоси нусхаи бачопрасонидаи Ҳабиби Яғмоӣ дар ҳафт муҷаллад ва ду китоб ба нашр расидааст.

Навгонии илмии таҳқиқ. Ҳарчанд дар робита ба роҳҳои калимасозӣ ва падидаҳои муродифӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» таҳқиқоти илмӣ анҷом шуда бошад ҳам, вале воҳидҳои фразеологии дар ин асар истифодашуда ҳанӯз мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифта, ҳатто мақолае дар ин росто ба чоп нарасидааст. Дар фразеологияшиносии тоҷик дар робита ба хусусиятҳои синонимӣ, антонимӣ, вариантнокии воҳидҳои фразеологӣ, инчунин, оид ба асиливу иқтибосӣ будани ҷузъҳои онҳо таҳқиқоти зиёд сурат гирифта бошад ҳам, дар ин диссертатсия бахши татбиқии онҳо такя ба маводи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» сурат гирифтааст.

Навгониҳои таҳқиқ аз таҳлилу баррасиҳои масъалаҳои зерин иборат аст:

– таҳқиқу баррасии хусусиятҳои сохтории ВФ дар асар;
– омӯзиш ва таҳлили ВФ-и асар аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ва категорияҳои луғавии он, аз қабили синонимия, антонимия, вариантнокӣ ва полесимия;
– таҳқиқи ВФ-и асар аз нигоҳи сохторӣ;
– баррасии нақши феълҳо, хусусан, феълҳои ёридиҳанда дар ташкили ВФ дар асар;
– баёни мушкилоти тарҷумаи ВФ дар забони тоҷикӣ ва нишон додани муодилёбиву муодилофаринии мутарҷимони асар барои воҳидҳои фразеологии қуръонӣ.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳошаванда:

1. Аксарияти кулли воҳидҳои фразеологие, ки дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» истифода шудаанд дар заминаи калимаҳои сирф тоҷикӣ ба вуҷуд омадааст ва фаќат ќисми ками онҳо вожаҳои арабӣ мебошад. Ин нукта аз он гувоҳӣ медиҳад, ки чунин воҳидҳои фразеологӣ таърихи чандасра доранд.

2. Ҷараёнҳои луғавӣ-маъноӣ, ки дар забони ҳозираи тоҷикӣ маъмуланд, хосатан сермаъноӣ, синонимия ва антонимия дар сохти ВФ «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба таври роиҷ корбурд шудаанд.

3. Вариантнокӣ усули ифодаи гуногуни воҳидҳои забонӣ буда ҳамчун падидаи забонӣ ба таври васеъ истифода шудааст. Вариантҳои лексикӣ, ки иситфодаашон дар забони тоҷикӣ сермаҳсул ба шумор меравад, бо тарзҳои гуногуни худ: илова ва ё ҳазф гаштани ҷузъҳои таркибии ВФ корбурди васеъ дорад. Вариантҳои фонетикӣ ва морфорологии фразеологизмҳо дар асар ба нудрат ба назар мерасад.

4. ВФ феълӣ бахши умдаи фразеологизмҳои «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»-ро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, истифодаи феълҳои кардан, намудан, шудан, гаштан, гардидан, мурдан, сохтан, доштан, ёфтан ва рафтан

дар ташкили ВФ-и асар нақши назаррас доранд. Дар ВФ-и асар феъли намудан на ба маънои феъли ёридиҳанда, балки ҳамчун феъли асосӣ ба кор рафтааст.

5. Барои расонидани пайғом ва маънои воҳидҳои фразеологии арабӣ мутарҷимони асар ба роҳҳои гуногуни тарҷума, аз ҷумла муодилёбӣ, тарҷумаи озод, тарҷумаи таҳтуллафзӣ рӯ овардаанд, вале дар ҳама маврид корбурди калимаҳои тоҷикиро дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ба калимаҳои арабӣ бартарӣ додаанд.

6. Тарҷумаи калкавӣ, ё таҳтуллафзӣ, яке аз роҳҳои сермасули тарҷумаи ВФ арабӣ ба забони тоҷикӣ мебошад. Дар ин гуна тарҷумаҳо дар бештари маврид қоидаҳои грамматикии забони тоҷикӣ сарфи назар карда шуда, ба тартиби воҳидҳои синтаксисӣ дар зимни ибораву ҷумла ба қоидаҳои наҳвии забони асл/арабӣ таваҷҷуҳ карда шудааст.

7. Тарҷумаи муваффақонаи воҳиди фразеологӣ ба воситаи муодили ВФ низ сурат мегирад. Қисми муайяни воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ натиҷаи ҷустуҷӯи муодили ВФ арабӣ мебошад.

8. Дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» бо воҳиди луғавӣ тарҷума кардани ВФ арабӣ ва инчунин тарҷумаи воҳиди луғавии арабӣ бо воҳиди фразеологии тоҷикӣ ба назар мерасад.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он хулоса мешавад, ки ин диссертатсия метавонад барои шинохти ҷойгоҳи ВФ дар асрҳои IX-X мусоидат намояд. Ҳамзамон, таҳқиқи диссертатсионӣ метавонад барои нафароне, ки ба тарҷума машғуланд, ҳамчун роҳнамо хидмат намояд, зеро дар он мушкилоти тарҷумаи ВФ ва тарҷумапазириву тарҷуманопазирии онҳо такя ба маводи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ. Натиҷаҳои диссертатсияро метавон зимни дарсҳои назариявию амалии таърихи забон, курсҳо ва семинарҳои тахассусӣ доир ба фразеология, назария ва амалияи тарҷума, ҳамзамон, барои

тартиб додани луғатҳои фразеологӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва дар дигар муассисаҳои илмӣ-таълимӣ истифода намуд.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқи диссертатсионии мазкур бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Дар баробари нашри мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар конференсияҳои гуногунсатҳ саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ боз дар он ифода мегардад, ки аввалин бор ВФ дар асоси маводи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мавриди пажуҳиш қарор гирифта, дар зимн хусусиятҳои тарҷумавии он бо муқоиса байни ВФ забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ ба таҳлил кашида шудааст.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ довталаби дараҷаи илмӣ дар конфронсҳои гуногунсатҳ баромад намудааст. Аз ҷумла, ин мавзуъ аз ҷониби довталаб дар конфронсҳои ҷумҳуриявии ноябриву апрелии кафедраи филологияи араб (солҳои 2019-2023) матраҳ гаштааст. Илова бар ин, аз рӯйи мавзуи таҳқиқ довталаби дараҷаи илмӣ дар конфронси илмии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ДМТ, 2021), конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Масъалаҳои ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ – омили муҳимми таҳкими давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (АИДПҶТ, 20.02.2023) ва конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Стратегия ва тамоюлҳои рушди журналистика, филология ва лингводидактика» (ДСРТ, 10.11.2023) баромад намудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи филологияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи № 4 аз 22.12.2023) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Кори таҳқиқӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи осори илмию бадеӣ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, 168 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифтааст.

БОБИ I

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРӢ-СЕМАНТИКИИ ВФ ДАР «ТАРҶУМАИ ТАФСИРИ ТАБАРӢ»

Забони тоҷикӣ дар тули таърих таҳаввулоти зиёди сарнавиштсозеро аз сар гузаронида, дар ҳувияту худшиносӣ ва вахдатофаринии халқи тоҷик нақши муассир доштааст. «Забони мо бо Истиқлоли ватани мо пайванди ногусастанӣ дорад. Яъне, вақте ки ватани мо озод ва мустақил будааст, забони мо ҳам шукуфо ва истиқлол доштааст ва баръакс. Гузашта аз ин, аз ҳамон ибтидои пайдоиш забон яке аз авомил ва ангезаҳои асосии ҷунбишҳои истиқлолхоҳӣ ва ватанпарастӣ буд. Барои ниёгони мо мафҳуми Ватан ва забон ҳамеша ҳаммаъно будааст» [Эмомалӣ Раҳмон 2016, с. 13].

Дар таърихи забони тоҷикӣ давраи давлатдории Сомониён ҳамчун дурахшонтарин саҳифае, ки сабаби эҳёи дубораи забони тоҷикӣ баъд аз ду қарни сукут гаштааст, шинохта мешавад. [1336 زرین کوب]. Сомониён, хусусан, ба насру назми порсӣ таваҷҷуҳи хос мекарданд. Ба сабаби ҳамин таваҷҷуҳ буд, ки шоиронро он ҳама ташвиқу такрим мекарданд ва мустақиман барои эҷоди манзумаҳое мисли «Шоҳнома», ё тарҷумаи кутубе монанди «Калила ва Димна»-и Ибни Муқаффаъ ва «Таърихи Табарӣ»-ву «Тафсири кабири Табарӣ» фармонҳое содир мекарданд [358.ص ،1369 صفا]. Аз муҳимтарин асарҳое, ки дар ин давра бо ташаббуси бевоситаи амирони Сомонӣ тарҷумаву тадвин гардидаанд, тарҷумаҳои «Таърихи Табарӣ» ва «Тафсири Табарӣ» ба шумор мераванд. «Майли дар адабиёти хаттӣ ҷорӣ кардани забони модарӣ дар фаъолияти тарҷумонии давраи Сомониён низ равшан мушоҳида мешавад. Дар байни асарҳои дар ин давра аз арабӣ ба забони форсӣ тарҷумашуда асари машҳури «Таърихи Табарӣ» ва асари дигари калонҳаҷми ӯ «Тафсир» (тафсири Қуръон) аҳаммияти бештар касб кардаанд. Тарҷумаи ҳар дуи ин асар (аниқтараш тарҷумаи асари аввал тафсир аст) ба як давраи муайян (қариб соли 963) тааллуқ дошта, бо фармони ҳокимони сомонӣ ва муқаррабони онҳо иҷро шудаанд» [Ғафуров 2008, с. 377-378]. Дар

муқаддимаи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба ин ташаббуси амирони Сомонӣ чунин ишора шудааст, ки «Пас, бифармуд малики музаффар Абусолеҳ, то уламои Мовароуннаҳрро гирд карданд, аз шаҳри Бухоро чун фақеҳ Абубакр ибни Аҳмад ибни ҳомид ва чун Халил ибни Аҳмад ас-Сиҷистонӣ ва аз шаҳри Балх Абуҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Алӣ (ва) аз Бобулҳинд фақеҳ ал-Ҳасан ибни Алии Мандусро ва Абулҷаҳм Холид ибни Ҳонӣ ал-Мутафаққеҳро ва (ҳам аз ин гуна) аз шаҳри Самарқанд ва аз шаҳри Сипеҷоб ва Фарғона ва аз ҳар шаҳре, ки буд дар Мовароуннаҳр ва ҳама хатҳо бидоданд бар тарҷумаи ин китоб, ки ин роҳи рост аст» [1[1], с.4-5].

Воқеан, чунин ташаббуси амири сомонӣ боис гашт, ки донишмандони тоҷик дар баробари тарҷумаву таълиф ба забони арабӣ ба тарҷумаву таълиф ба забони модарии худ - тоҷикӣ, пардозанд. «Ин фатво аз он пас дасти ҳама арабидонону тафсиршиносони Мовароуннаҳрро боз гузошт ва ҳар кас бар ҳасби гароишҳои динии хеш ба тарҷума ва зимнан ба тафсири Қуръон пардохт. Бархе низ гӯйишҳои маҳаллии худро дар ин кор дахолат доданд» [آذرنوش 1375، ص. 15].

«Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ҳамчун асари тарҷумавӣ-таълифӣ ганҷинаи асосии забони тоҷикӣ ба шумор меравад, зеро мутарҷимон/муаллифони ин асар, пеш аз ҳама, талош кардаанд, то аз тавоноии забони модарии худ, ки дар баҳамовариву ваҳдатофарӣ нақши муассир дорад [Эмомалӣ Раҳмон 2016, с.15] истифода намоянд. Маҳз ҳамин нукта боиси калимасозиҳову таъбирофариниҳо ва муодилёбиҳо дар забони тоҷикӣ гашта, онро дар баробари забони илми давр – забони арабӣ, қарор додааст. Аз ҷумла дар ин асар, чи дар бахши тарҷумавӣ ва чи дар бахши таълифии он, воҳидҳои фразеологӣ ба таври васеъ истифода шудаанд, ки муҳимтарин ва бузургтарин далеле бар камолот ва тавоноии забони тоҷикии

[1] Дар рисола рақами яки даруни қавси чоркунҷа ба ҷилди якуми Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. К.1. Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. – 884 с. ва рақами дуи даруни чунин қавс ба ҷилди дувуми асари мазкур (Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. К.2. Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. – 744 с.) ишора мекунад.

он давр ба шумор мераванд. «Шеваи гуфтор ва таквини иборату шумул ба андозаи онҳо бар маонии мавриди назар худ нишон медиҳад, ки дар он ду-се қарни сукут забоне, ки дарӣ ном гирифтаву дар Хуросон ривоҷ ёфта буд, ончунон ки гоҳе тасаввур меравад, хом набуд ва бегумон дар шеъру наср таҷрибаҳои мутааддиде андӯхта буд» [آذرنوش 1375، ص. 14].

«Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз нахустин тарҷумаҳои насрие ба шумор меравад, ки дар баробари фарогирии мавзуоти гуногун дар худ андешаҳои забоншиносиеро низ ниҳон доштааст. Чунончи, мегӯянд: «Аммо ин оят, ки Худой гуфт, азза ва ҷалла: «Ва мо унзила ала-л-малакайни би Бобила Ҳорута ва Морута», инро (ду) гуна тафсир кардаанд. Гуруҳе чунин хонанд, ки «ва мо унзила ала-л-малакайни», «лом»-ро ба сар хонанд. Ва гуруҳе чунин хонанд: «ва мо унзила ала-л-маликайни», «лом»-ро ба зер хонанд Аммо ин кас, ки «малакайн» хонад, «лом» ба сар, гӯянд: Ҳорут ва Морут ду фаришта буданд. Аммо он кас, ки «маликайн» хонад – лом ба зер, гӯяд: Ин Ҳорут ва Морут ду малик буданд аз одамиён, ки подшоҳи замин буданд» [ҷ.1, с. 83-85].

Дар ин гуфтори мутарҷимон дида мешавад, ки онҳо дар баробари истилоҳи фатҳаи арабӣ аз вожаи «сар» ва дар баробари «касра» аз вожаи «зер» истифода намудаанд, ки ин худ аз истилоҳофаринии эшон дар баробари истилоҳоти забоншиносии араб мебошад ва онро метавон нахустин таҷрибае дар ин росто унвон кард [Исмонов 2023, с. 225-226].

Дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ба гунае ба этимологияи калимаҳо низ ишораҳо шудааст: «Ва «дарахт» ба забони паҳлавӣ «алам» бошад» [ҷ.2, с. 63]; «Ва аз баҳри он ӯро Ҷамшед гуфтанд, ки «ҷам» ба забони паҳлавӣ рӯшноӣ бошад ва «шед» офтоб бошад ва аз некуии ӯ буд, ки ӯро «Ҷамшед» хонданд» [56, К.2, с. 312].

Чи тавре дида мешавад, мутарҷимон калимаҳои «дарахт» ва «Ҷамшед»-ро аз нигоҳи этимологӣ шарҳ додаанд, ки ин, аз як тараф, аз нахустин иқдомоти донишмандони тоҷик дар ҷодаи решашиносии вожаҳо унвон шуда, аз тарафи дигар, ба огоҳии онҳо аз забони паҳлавӣ дарак медиҳад.

Дар зимни асари мазкур баҳсҳои забоншиносие, аз қабили чи гуна аз як забон пайдо шудани забонҳои дигар [ҷ.1, с. 407], ҳамнишинии калимаҳову хусусияти тақдиму таъхири онҳо дар ҷумла [ҷ.2, с. 121] ва ғ. баён гаштаанд, ки метавон онҳоро ҳамчун нахустин баррасиҳои забоншиносӣ дар забони тоҷикӣ қаламдод кард.

Бад-ин тартиб, «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» дар забони тоҷикӣ метавонад ба масобаи аввалин китобе унвон шавад, ки дар он андешаҳои забоншиносӣ ба таври муҷаз ҳам бошад, матраҳ гашта, дар баробари истилоҳоти забоншиносии араб истилоҳоти забоние муодилсозӣ шудааст [Исмонов 2023, с. 225-226].

1.1. «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» – ганҷинаи воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ

Дар забон дар баробари ибораҳои ноустувор ибораҳои бисёри устуворе низ мавҷуданд, ки ҳамчун масолеҳи дар тӯли қарнҳо рехтаву устуворгардидаи забон дар шакли таъбироти тайёр, машҳур ва бо маъниҳои пешакӣ маълуму забонзадашуда мавриди истифода қарор мегиранд [Ғаффоров 1966, с.67; Маҷидов 1982, с. 4]. Ин воҳидҳои устувор воҳидҳои фразеологиеанд, ки ҳамчун шоҳкориҳои забон муаррифӣ мегарданд ва дар баробари равону балеғ намудани калом боз дар тарсими рӯзгору анъаноти мардумӣ ва интиқоли он аз насл ба насл саҳми назаррасе мегузоранд. Забони тоҷикӣ, ки ҳамчун забони шеъру сухани воло шинохта шудааст, саршор аз воҳидҳои фразеологие мебошад, ки чи дар забони гуфторӣ ва чи дар забони навишторӣ роиҷу забонзада гаштаанд. Рехтагӣ ва ифодаи як мафҳум намудани воҳиди фразеологӣ ба калима баробар ва муодили он ба шумор мераванд. Ҳамин аст, ки воҳидҳои фразеологӣ монанди гуруҳҳои луғавӣ ба соҳаҳои гуногуни зиндагӣ дахлдор буда, хусусият, рӯҳия, характер, идея ва амалиёти гуногуни одамонро ифода мекунанд [Маъсумӣ 2013, с. с.176].

Бо омӯзиш ва баррасии асарҳои донишмандони форсу тоҷик ба ин воқеият метавон расид, ки классикони мо ба ВФ ва ба хусусиятҳои

семантикиву сохтории он ошноӣ доштаанд. Масалан, Қудома ибни Ҷаъфар (ваф.337 ҳ) истилоҳи тамсилро ба маънои фразеология истифода карда мегӯяд: «Тамсил навъест, ки ба маъное далолат мекунад, ки калимоти таркиби он ба он далолат наменамояд. Маҳз ин калимот намунаи маъноест, ки ба он ишора ва таъбир карда мешавад. Чунончи, вақте Марвон ибни Муҳаммад аз байъат ба Ибни Валид худдорӣ кард, Ибни Валид ба ӯ чунин навишт: « أما بعد، فإني أراك تقدم رجلا وتؤخر أخرى. فإذا أتاك كتابي هذا فاعتمد على أيتهما شئت. والسلام». (Тарҷумаи таҳтуллафзӣ: Аммо баъд, ман мебинам, ки ту пойе пеш ва пойи дигар ба қафо мегузорӣ. Вақте ин мактуби ман ба ту расид, пас, ба яке аз ин ду эътимод кун. Саломат бош. Тарҷумаи озод: Аммо баъд, туро дар байъат дудила мебинам, вақте мактуб расид, мавқеатро мушаххас намо). Дар илова Қудома мегӯяд, ки агар ин суханро (Марвон) ба таъбири дигар мегуфт, масалан, дар байъати ман таъхир карда истодаӣ, биёву байъат намо, бе шак маънои болоро ифода карда наметавонист. Ин аз маониест, ки дар балоғати сухан ба он ниёз аст ва ҳеҷ шоиру суханваре аз он бениёз буда наметавонад [Исмонов 2023, с. 115-116].

Илова бар ин, дар осори Абуҳилоли Аскарӣ, Ибни Форис, Саолабӣ, Замахшарӣ ва дигарон ба ин падидаи забонӣ ишора шуда, барои он мисолҳои зиёде оварда шудааст. Гузашта аз ин, муфассирон ва муҳаддисон ҳангоми шарҳу тавзеҳи оёту аҳодис ба хусусиятҳои устуворӣ ва семантикии ВФ ишора кардаанд. Чи тавре К.Б. Исмонов ишора кардааст: «Гузашта аз ин, дар кутуби тафсир муфассирон ба воҳидҳои фразеологии қуръонӣ ишора кардаанд.

Нуктаи ҷолиб ин аст, ки дар забоншиносии араб маҳз донишмандони арабинигори форсу тоҷик ба масъалаи воҳидҳои фразеологӣ ва хусусиятҳои он дар забони арабӣ таваҷҷуҳ ва дар шарҳу тавзеҳи он талош намудаанд. Аз ин бошад, метавон чунин хулоса баровард: а) воқеан, донишмандони форсу тоҷик, ки дар масоили забонии забони арабӣ таълифу тасниф кардаанд, аз нубуғати вижаи забондонӣ бархӯрдор будаанд; б) баид нест, ки чунин донишмандон аз хусусиятҳои забонии забони модарии худ низ огоҳии комил

доштаанд ва маҳз ҳамин онҳоро дар шинохти воҳидҳои фразеологии забони арабӣ мусоидат намудааст; в) шояд ба масобаи забони модарии ин донишмандон набудани забони арабӣ муҷиб гаштааст, то ба ҳар таъбире мӯшикофона диққат намоянд» [Исмонов 2023, с.117]..

Ҳарчанд пайдоиш ва ташаккули воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ба таърихи забони тоҷикӣ ва тавсеаву густариши он робитаи ногусастанӣ доштаву дар нахустин асарҳои насриву назмии бамеросмондаи он ба таври васеъ корбурд шуда бошад ҳам ва, ҳамзамон бо ин, дар фарҳангномаҳои форсии тоҷикӣ таъбирҳои маҷозӣ ва киноёту истиорот шарҳу тавзеҳ ва маънокушоӣ гашта бошад ҳам, вале омӯзиши сохтор ва дигар хусусиятҳои ин падидаи забонӣ ба солҳои 60-уми асри XX бармегардад. Ба таъкиди Ҳ.Маҷидов, «солҳои 60-ум солҳои ташаккули илми фразеологияи тоҷик буд. Дар ин солҳо як силсила мақолаҳо, якчанд рисолаҳои номзадӣ навишта шуданд. Аввалин бор луғати фразеологии забони ҳозираи тоҷик тартиб дода шуд. Масъалаҳои доира, ҳаҷм, хосиятҳои муҳим ва гуруҳҳои асосии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ то андозае муайян гардиданд» [Маҷидов 1982, с.7]. Метавон гуфт, ки дар фразеологияшиносии тоҷик асарҳои Ю.А. Рубинчик, М.Н.Маъсумӣ, Р.Ғаффоров, Ҳ.Маҷидов, Р.М. Султанова, Б.Камолиддинов, С.В. Хушенова, Т.Мақсудов, Р.Игамбердиев ва дигарон асарҳои бунёдӣ ба шумор мераванд.

Бо касби истиқлол ва истеҳком ёфтани пояҳои забони тоҷикӣ доираи омӯзиш ва шинохти воҳидҳои фразеологии тоҷик васеътар гаштааст ва хусусиятҳои корбурдӣ ва муқоисавии воҳидҳои фразеологӣ дар асоси ин ё он асари таълифӣ ё тарҷумавӣ аз ҷониби пажуҳандагони ватанӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Вале бо ин ҳама ҳанӯз паҳлуҳои зиёде дар робита ба воҳидҳои фразеологӣ ноомӯхта боқӣ мондааст. Хусусан, омӯзиши корбурди воҳидҳои фразеологӣ дар шоҳкорҳои назмиву насрии асрҳои гузаштаи тоҷик ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дар ин ҷо метавон аз шоҳкории насри тоҷик «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ном бурд, ки «намунаи дигари насри куҳани тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) мебошад,

ки аз китоби «Ҷомеъ-ул-баён фи тафсири-л-Қуръон»-и Муҳаммад ибни Ҷарир бо фармони Мансур ибни Нуҳи Сомонӣ (961-976) аз ҷониби як гуруҳ уламои Мовароуннаҳр бо забони, ба истилоҳ, «форсии дарии роҳи рост», яъне забони содаю мафҳуми тоҷикӣ тарҷума шудааст. Дар ин китоб дар баробари луғоту ибороти Қуръон миқдори зиёди калимоту ибороти тоҷикӣ, аз қабили намоз, рӯза, ёрон (саҳоба), пайғомбар ва ғ. истифода шудааст» [Эмомалӣ Раҳмон 2016, с.237-238].

Мутарҷимони «Ҷомеъ-ул-баён» агарчи дар назари аввал кори муқаррарии тарҷумониро ба поён оварда, китоби Ибни Ҷарири Табариро манзури форсизабонон сохтаанд, аммо дар асл ба вуҷуд овардани тарҷумаи оятҳои қуръонӣ ба наҳву асли худ ҳамсанги як асари комилан тоза ва оригиналӣ офаридан аст. Агар онҳо фаслҳои марбут ба тафсирро ҳам сарфи назар мекарданд, ҳамоно ба форсии дарӣ зуҳур кардани аввалин тафсир мусаллам буд, зеро ҳар як тарҷумаи хуб ба масобаи тафсири мухтасар ва ҳар як тафсир навъе аз тарҷумаи муфассалу густарда аст [Ғаффорова 2018, с.141].

Ба таъкиди Ҷалол Матинӣ: «Усулан тафсирҳои форсӣ манбаи саршор барои забону адаби форсӣ аст, зеро дар дараҷаи аввал эътиқоди қавии мазҳабӣ ва диққату нуктасанҷии муфассирону мутарҷимон сабаб гардидааст, ки эшон, ба хусус дар тарҷумаи оёти қуръонӣ ва интихоби алфози форсӣ дар баробари калимот ва таркиботи қуръонӣ диққату васвоси фавқулодае ба кор баранд. Ба ҳамин ҷиҳат тафосири форсӣ теъдоди касире луғоту таркиботи нодиру қобили мулоҳизаи форсиро дар бар дорад. Ба илова, чун дар Қуръони маҷид мавзӯоти мухталифи ахлоқӣ, динӣ, фиқҳӣ, қисасӣ ва амсоли он мавриди баҳс қарор гирифтааст, луғот ва таркиботи форсии кутуби тафсир комилан мутанаввеъ аст, бар хилофи китобҳое, ки дар мавзӯе хос навишта шудааст, монанди «Ҳидоят-ул-мутааллимин фи-т-тиб» дар илми пизишкӣ ва «Ҳудуд-ул-олам мин-ал-машриқ ило-л-мағриб» дар ҷуғрофия, ки ҳар як муштамил бар як даста аз луғот аст» [Матинӣ 1349, с.18-19].

Озарнӯш бошад, дар робита ба шевогӣ ва салосати забони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ишора карда, мегӯяд: «Бегумон аз дилангезтарин мутуни

порсии куҳан матни китобест, ки аз дербоз ба «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» машҳур аст. Калимот ва истилоҳоти гӯшнавоз, сара, ноб ва низ таркиботи устувор, аммо бепироя ва содиқона, ки аз самими рӯҳи форсҳо ҳазору сад сол пеш сарчашма гирифта, аз ин китоб ҷунге сохта, ки пайваста адиби форсихонро оромиш мебахшад. Шеваи гуфтор ва таквини иборат ва шумул ба андозаи онҳо бар маонии мавриди назар худ нишон медиҳад, ки дар он ду се қарни сукут забоне, ки дарӣ ном гирифтаву дар Хуросон ривоҷ ёфта буд, ончунон ки гоҳ тасаввур меравад, хом набуд ва бегумон дар шеъру наср тачрибаҳои мутааддиде андӯхта буд» [Озарнӯш 1375, с.26].

«Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дар муқоиса бо китобҳои насриву назмие, ки дар асрҳои IX-X бо забони форсии тоҷикӣ бевосита таълиф шудаанд, бинобар асари тарҷумавӣ-таълифӣ будан фарогири вижагиҳои зиёди калимасозиву таъбирофаринӣ аст [Исмонов 2020, с.12] аз тарафи донишмандони гузаштаву имрӯз ҳамчун нахустин тарҷума ва тафсири расмии Қуръони карим эътироф гашта, аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор аст, ба гунае ки онро ҳамсанг бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ хондаанд. «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» аз боризтарин асарҳои насрии давраест, ки дар таърихи забони тоҷикӣ ҳамчун ба майдоноии забони адабии тоҷик ва коркарди фонди асосии луғавии он ба шумор меравад [Маъсумӣ 2005, с.149].

Дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» воҳидҳои фразеологии зиёде, аз қабили то ҳеҷ касро дил бинамонад [ҷ.1, с.317], ҳуҷҷат бар ӯ гирифт [ҷ.1, с.609, дилаш ба ҷой бозомад [ҷ.1, с.756], андеша ба дил андарафтод [ҷ.1, с.756], сар барафканданд, во сари гуфтор шуданд [ҷ.1, с.802], об аз чашм фуру омад [ҷ.2, с.15], об аз чашм бичаст [ҷ.2, с.22], даст аз ӯ бидор [ҷ.2, с.44] ва ғ. ба кор рафтаанд, ки аз нигоҳи сохторӣ ба қавоиди забони тоҷикӣ ва аз нигоҳи маъноӣ ҳатто ба хонандаи нозуксанҷи имрӯзӣ фаҳмоанд.

Воқеан, таҳлили воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» нишон медиҳад, ки «забони адабии тоҷик, ки дар давоми якчанд аср тадричан кор карда шуда, ҳанӯз дар асрҳои VIII-X ба номи забони «дарӣ» ё «форсии дарӣ» тамоман сурат гирифта, ҳамчун забони умумихалқӣ ва

давлатӣ расмият ёфта буд, дар давоми асрҳо торафт бой шуда, дар баробари ин тағйиротеро аз сар гузаронидааст» [Маъсумӣ 2005, с.145], дар ин асрҳо ба фарқ аз асрҳои баъдӣ камтар зери таъсири забони арабӣ қарор гирифта буд.

Гузашта аз ин, забони «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ», хусусан, ба таври густарда истифода шудани воҳидҳои фразеологӣ дар он ҳокӣ аз нерумандӣ ва тавоноии забони тоҷикӣ мебошад. Бад-ин маъно, ки бо ин забон ҳанӯз дар асри Х-и мелодӣ донишмандон-мутарҷимони тоҷик тавонистанд асарҳои бунёдиеро дар улуми гуногун аз забони арабӣ, ки дар он рӯзгор забони илм ба шумор меравад, ба забони тоҷикӣ ба таври равону шево тарҷума намоянд.

Хулоса, «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба унвони яке аз сарчашмаҳои мондагорсози воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ шинохта шуда, баёнгари тавоноии забони тоҷикӣ дар тӯли асрҳо мебошад ва онро метавон ҳамчун ганҷинаи ВФ забони тоҷикӣ унвон намуд.

Таҳлили ВФ дар асар нишон медиҳад, ки муносибати мутарҷимон/муаллифон ба ин падидаи забони гуногун будааст. Аз ҷумла, ба чигунагии корбурди ВФ дар асар метавон муносибати онҳоро ба ВФ чунин тасниф кард:

Ба маънои ҳақиқӣ корбурди таркибҳое, ки имрӯз ҳамчун ВФ шинохта шудаанд. Дар асар бархе ифодаҳое оварда шудааст, ки имрӯз агарчи ҳамчун воҳиди фразеологӣ шинохта шавад ҳам, вале муаллифони асар онро ба маънои воқеиаш истифода кардаанд. Масалан, таъбири нақш дар об шудан/нақш бар обу будан/нақш дар об кардан, ки ҳамчун ВФ ифодагари бефоида, барабас, нопойдор ва барабасу ба мақсад нарасидан [Фозилов 1962, ҷ.1,с.704] ва вариантҳои дигари он: нақш бар об задан/афкандан/кардан/кашидан, ки «киноя аз кори бесуботу беқоида кардан аст: Оқил фиреби гиряи зоҳид намехӯрад,

Ин нақши тозаест, ки бар об мезанад. Муҳсини Таъсир» [لاله تيك ،1392 2055.ص ،3.ج] дар фарҳангномаҳо оварда шудаву дар муқобили нақш бар санг задан-ба маънои пойдор ва устувор кардан [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.891] қарор дорад, дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба маънои ҳақиқии худ дар об нақш

кардан омадааст: «Ва қудрати тамомтарин он аст, ки нақш бар об кардааст, аз баҳри он ки халқон нақш бар чизҳои дигар кардаанд, чун гилу чӯб ва сангу сим ва зару биринҷ ва оҳан ва он чӣ бад-ин монад, ки нақш пазирад ва об аст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ нақш напазирад» [2, с.8].

Аз мутолиаи ин сархат чунин хулоса метавон кард, ки муаллифони асар ҳарчанд ифодаи бар об нақш карданро ба маънои воқеияш истифода карда бошанд ҳам, аз маънои маҷозии он, ки муҷиби ВФ гаштани ин ифода гаштааст, огоҳӣ доштаанд ва таъбири охири ин сархат: «…об аст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ нақш напазирад» [2, с.8] ин андешаро таъйид менамод.

Айни ҳамин нукта дар мавриди рӯй зард/сурх/сиёҳ гардидан дида мешавад. Чунончи дар асар омадааст: «рӯйҳои шумо зард гардад ва дувум рӯз сурх гардад ва сеюм рӯз сиёҳ гардад» [2, с.94]. Дар ин ҷумла рӯ зард/сурх/сиёҳ гардидан ба маънои воқеӣ омадааст, дар ҳоле ки дар чанд ҷойи ин асар таъбирҳои[1] рӯ зард гардидан: «рӯйҳои эшон зард гашта буд ва ларза бар андомашон афтода» [2, с.46] ва сурхрӯ кардан[2]: «Қорунро ташвирзада кард ва Мӯсоро сурхрӯй кард» [2, с.625] истеъмол гардидааст.

Ишора ба пайдоиши ВФ. Аз таҳлили ВФ дар асар бармеояд, ки мутарҷимон гоҳе барои равшантар гаштани маънои ВФ барои хонанда ба асли пайдоиши он ишора намудаанд. Ба таври намуна, дар асар ВФ гирех аз забон кушодан: «Гуфт: «Корҳои ман осон кун ва ин гирех, ки бар забони ман аст, бозгушой, то ҳар чӣ ман гӯям, андарёбанд» [1, с.784] чандин бор, вале ҳамеша дар робита ба чигунагии суханварии Мӯсо (а) то замони масъулияти паёмбариаш оварда шудааст. Ин ВФ ба маънои лакнатро аз забон дур кардан ва суханвар гаштан ба гунае ки ҳама ба балоғати суханаш таваҷҷуҳ намоянд далолат менамояд. Мутарҷимон/мусаннифони асар онро ба гунаи «Ва ин гирехи забони Мӯсо, алайҳи-с-салом, аз он буд, ки бад-он кӯдакӣ оташ дар даҳон ниҳода буд ва забонаш бисӯхта ва аз он сабаб сухан раво ва неку натавонистӣ гуфтан» [2, с.164] шарҳу тавзеҳ додаанд. Мавриди зикр аст, ки

[1] Дар асар корбурди ВФ рӯ сиёҳ шудан/гардидан, ки имрӯз дар забонамон истеъмол мешавад, ба назар нарасид.
[2] Сурхрӯ кардан шакли мутааддии сурх рӯ гардидан аст.

воҳиди мазкури фразеологӣ дар натиҷаи тарҷумаи таҳтуллафзии таъбири қуръонии «« аз арабӣ ба тоҷикӣ ба майдон омадааст.

Бо воҳиди луғавӣ шарҳ додани воҳиди фразеологӣ. Дар асар ба назар мерасад, ки барои расонидани маъно ба хонанда гоҳе ВФ бо воҳиди луғавӣ шарҳ дода шудааст. Аз ҷумла дар асар омадааст: «Гуфт: «Мо фарзандони эшонро ҳамекушем ва эшонро хор ҳамедорем ва ба оқибат Мӯсоро бикушем ва пас Бани Исроил бо мо ҳарб кунанд ва эшонро низ бикушем ва аз дарди сар ва судои эшон бираҳем» [1, с.427-428]. Дар ин ҷумла ибораи дарди сар оварда шудааст, ки ҳамчун ибораи озоди синтаксисӣ ба ҳисси озори сар аз ягон иллат ё таъсир, судоъ, сардард ва дарде, ки дар ноҳияи сар эҳсос шавад [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.412; دهخدا 1998، ج.7،ص.10589] далолат мекунад, дар ҳоле ки ҳамчун воҳиди фразеологӣ киноя аз ташвиш, заҳмат; чиз ё ҳодисае, ки боиси ташвишу саргардонӣ мешавад [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.412], ташвиш, саргардонӣ хархаша [Фозилов 1962, ҷ.1, с.285], меҳнату ранҷ ва гирифториву машаққат буда, бо лафзи овардан, бурдан, берун бурдан, додан, кардан, гирифтан ва кашидан мустаъмал мебошад [دهخدا 1998، ج.7،ص.10590].

Дар ин ҷумла ба ин нукта бояд таваҷҷуҳ намуд, ки мутарҷимон/муаллифони асар ВФ дарди сарро бо калимаи арабии судоъ, ки ба сардард[1] ишора менамояд, шарҳу тавзеҳ додаанд. Ба ибораи дигар, воҳиди луғавиро ҳамчун муродифи воҳиди фразеологӣ овардаанд. Аммо мушкилӣ дар ин ҷост, ки вақте ибораи дарди сар ҳамчун воҳиди фразеологӣ истифода мешавад, дигар калимаи судоъ наметавонад муродифи луғавии он қарор гирад, чаро ки калимаи судоъ танҳо ба сардард далолат мекунад. Чунончи дар забони арабӣ калимаи мазкур бо феъли усиба (أُصِيْبَ шакли маҷҳулии феъли асоба أَصَابَ) омада, сардард шуданро ифода мекунад ва ба ягон маънои маҷозие, ки баёнгари ранҷу заҳмат ва гирифториву машаққат бошад, ишора намесозад [Сулаймонӣ 2010, с.659]. Чунин муносибати мутарҷимон/

[1] صُدَاعٌ сардард: الصداع المزمن дарди нимсара (дарди асабҳои нисфи сар); أُصِيْبَ بالصداع сардард шуд [Сулаймонӣ 2010, с.659].

муаллифони асар ба ВФ дарди сар дар ҳолест, ки онҳо аз маънои фразеологии он ба хубӣ огоҳӣ доштаанд. Чунончи таркибҳои зерини дар асар овардашуда: дарди сар додан: «Ва мардумон ба ӯ ёр гарданд ва шуморо аз дасти ӯ ранҷ бошад ва дарди сар диҳад ва он гоҳ тадоруки он натавонӣ кардан» [1, с.305], дарди сар расидан: «Ва ҳазор сол подшоҳӣ кард, ки ӯро дарди саре нарасид ва ҳеч кас ба вилояти ӯ андарнаёмад ва ба вай бадар наёмад» [1, с.342], дарди сар пайдо шудан: «дар ҷаҳон ҳеч кас чун ман нест, ки ҳашсад сол подшоҳӣ кардам ва мулкати машриқ то мағриб рондам ва ҳаргиз маро дарди саре падид наёмад ва ҳеҷ хасме ба вилояти ман дарнаёмад ва ба ман бадар наёмад» [1, с.342] гуфтори мазкурро таъйид менамоянд.

Ҳарчанд дар асар дар баробари **дарди сар** таъбири **дарди шикам** [2, с.115] корбурд шуда бошад ҳам, вале баръакси таъбирҳои **дарди дил** ва **дарди сар** дорои маънои маҷозӣ нест, то ҳамчун воҳиди фразеологӣ шуморида шавад. Вале дар асар таъбири мазкур дар таркиби масалгунае корбурд гаштааст ва шарҳе, ки мутарҷимони асар ба он бастаанд, ба ВФ будани он ишора мекунад. Чунончи, дар матн омадааст: «Пас, Довуд, алайҳи-с-салом, дуо кард ва гуфт: «Бор Худовандо, туршӣ ман хӯрдам ва дарди шикам бар Бани Исроил ниҳодӣ!» Яъне, гуноҳ ман кардам ва уқубат бар эшон ниҳодӣ, воҷиб набошад [2, с.115]. Чи тавре дида мешавад, дарди шикам ба маънои уқубат оварда шудааст, аммо ин маъно бе бахши аввали он: туршӣ хӯрдан пурра намешавад. Аз ин рӯ, дарди шикамро дар ин ҷо метавон ҳамчун ибораи озоди синтаксисие, ки ба маънои аслии худ омадааст, шарҳу тавзеҳ дод. Ҷойи дигаре ин таъбирро мутарҷимон ҳамчун муодили маъноии вожаи «غول», ки дар ояти 47-и сураи «Соффот» омадааст, овардаанд: «Ки нест андар он дарди шикаме ва на эшон аз он маст шаванд [2, с.346]. Вожаи «غول» дар забони тоҷикӣ бо муодилҳои 1) мастӣ; 2) сардард аз шамолхӯрӣ; 3) ранҷ, машаққат муодилҷӯй шудааст [Сулаймонӣ 2010, с.893], илова бар ин, дар тарҷумаҳои муосири қуръони Карим ояти мазкур ба гунаи «на дар он шароб ақл пӯшида шавад ва на онҳо аз он шароб маст шаванд» [Қуръон 1436, с.1123]. Аз ин баррасиҳо бармеояд, ки мутарҷимон бо овардани таъбири

дарди шикам на шикамдард, балки зарару зиёнро дар назар доранд. Бо чунин хулосагирӣ метавон таъбири дарди шикамро ҳамсанги таъбирҳои дарди сару дарди дил шуморида, аз ҷумлаи воҳидҳои фразеологӣ қаламдод кард.

Дар ҷойи дигари асар омадааст: «Зайнаб бар занони дигар гарданкашӣ кардӣ ва гуфтӣ, ки: «Маро Худои азза ва ҷалла ба занӣ ба пайғомбар, алайҳи-с-салом, додаст ва шуморо падарони хеш бидодаст» ва бад-ин бар дигарон фахр овардӣ» [2, с. 267]. Ҳарчанд ҷумлаи «Маро Худои азза ва ҷалла ба занӣ ба пайғомбар, алайҳи-с-салом, додаст ва шуморо падарони хеш бидодаст» ба гунае ба маънои ВФ гарданкашӣ кардан равшанӣ андохта, то ҷойе на баёнгари саркашиву исён кардан, балки ифодагари фахр намудани онро ифода намуда бошад ҳам, вале мутарҷимон/муаллифон барои ифодаи дақиқи он онро бо ибораи озоди синтаксии бар дигарон фахр овардан шарҳу тавзеҳ додаанд.

Шарҳи ВФ бо ВФ-и дигар. Дар асар ба назар мерасад, ки бархе маврид муаллифон/мутарҷимони он барои ифодаи маънои воҳиди фразеологӣ воҳиди фразеологии дигарро, ки ҳаммаъно ва муродифи он аст, овардаанд. Масалан, дар ҷумлаи «Акнун бояд ки даст ба ман диҳӣ ва аҳде бо ман бикунӣ, ки чун кори ту нек гардад ва туро манзалате ва мартабате падидор ояд, чун ман дар он вақт пеши ту бирасам, маро навозиш кунӣ ва тимор дорӣ» [1, с.312-313], ВФ аҳд бастан дар шарҳи даст додан ба касе оварда шудааст. Дар забони тоҷикӣ таркиби даст додан ба касе ба маънои вохӯрӣ кардану ба аломати ризоият дасти якдигарро фишурдан [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с. 423] ва дар робита ба чизе таоҳуд кардан меояд ва таркиби аҳд бастан муродифи он ба шумор меравад. Чи тавре дида мешавад, дар ин ҷо кӯшиш шудааст, то ВФ «даст додан ба касе бо феъли таркибии номии аҳд бастан шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Дар ҷумлаи мазкур боз таркибҳои манзалату мартабат ёфтан/падидор омадан барои шарҳу тавзеҳи кори касе нек гардидан ва темор доштан бошад, дар шарҳи навозиш кардан ба кор рафтааст.

Дар асар ВФ соматӣ корбурди васеъ доранд. Пажуҳиш ва баррасии воҳидҳои фразеологӣ нишон медиҳад, ки дар меҳвари бештари онҳо инсон ва калимаҳои алоқаманд ба он қарор дорад. Ин нукта хоси воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ набуда, балки дар дилхоҳ забон ба назар мерасад. Масалан, дар таҳқиқе, ки дар такя ба китоби «Асос-ул-балоға»-и Замахшарӣ дар забони арабӣ анҷом шудааст, таъкид мешавад, ки бештари воҳидҳои фразеологӣ ба инсон бастагӣ дошта, шумораи он ба 1170 адад мерасад [عصام الدين 2005، ص.189]. Хусусан, калимаҳои ифодакунандаи узвҳои бадан дар дохили воҳидҳои фразеологӣ хеле назаррас буда, дар рушду такомули ин гуна воҳидҳо нақши калидӣ бозидаанд. Доираи истеъмоли аксари калимаҳои ифодакунандаи бадан хеле васеъ буда, даҳҳо ва гоҳҳо садҳо воҳидҳои фразеологиро ба вуҷуд овардаанд [Муслимов 2009, с.22-23]. Аз ҷумла, маводи «Фарҳанги Баҳори Аҷам»[1393], ки чун аввалин сарчашмаи фарогир ва муътамади воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ эътироф шудааст, «Луғатномаи Деҳхудо» [1998], «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [1969] ва «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [2008] ба серистеъмол будани ин гуна воҳидҳои фразеологӣ, чи дар забони адабиёти классикӣ ва чи дар забони адабии муосири тоҷик ишора месозанд. Шояд сабаби чунин доираи васеи корбурд доштани онҳо дар дохили воҳидҳои фразеологӣ ҳамон бошад, ки онҳо мафҳумҳои ҳаётан муҳимро ифода карда, асрҳо боз дар забони тоҷикӣ бетағйир истифода бурда мешаванд. Сабаби дигари зиёд будани миқдори воҳидҳои фразеологии бо калимаҳои ифодакунандаи узвҳои бадан дар ин аст, ки доираи истеъмоли ин гуна калимаҳо хеле васеъ буда, аксарашон сермаъноянд [Муслимов 2009, с.23].

Аз баррасии воҳидҳои фразеологии ба инсон, хусусан, ба калимаҳои ифодакунандаи узвҳои бадани ӯ алоқаманд бармеояд, ки ин гуна воҳидҳо ифодагари ҷанбаҳои гуногун ва сифатҳои мухталифи инсон мебошанд. Чунончи агар бархе ба сифатҳои инсон ва паҳлуҳои мусбиву манфии ӯ ишора созанд, пас, қисмати дигар дар асоси узвҳои бадан таркиб ёфтаанд.

Дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» қариб калимаи арабие, ки ифодагари узви бадан бошад, истифода нагардидааст. Ба истиснои калимаи меъда, ки ҳамагӣ якбор ва он ҳам ба маънои аслии худ: «ва ба тани ӯ фуру шуд ва ба меъда ӯро фуру шуд ва ба шиками ӯ андар бигашт [1, с.274]. Дар ин асар ҳатто калимаи қалб, ки муродифи пурраи вожаи дили тоҷикӣ аст ва имрӯз аз ҷониби хосу ом истифода мешавад, танҳо дар зимни ибораву ҷумлаҳои арабӣ оварда шудааст: «Фахуз бисамъиҳи ва басариҳи ва қалбиҳи ва лисониҳи»[ҷ.1, с.310].

Ҳамзамон, як узви бадан ҳамроҳ бо чандин феъл омада, дар сохтани ВФ гуногун замина гузоштааст. Масалан, дар матни асар се воҳиди фразеологӣ бо вожаи ангушт оварда шудааст, ки ба гунаи зайланд: ангушт дар гӯш кардан - кунанд ангуштҳо эшон андар гӯшҳошон аз соиқаҳо – бими марг [1, с.18]; карданд ангуштҳои эшон андар гӯши эшон [2, с.673]; сари ангушт хоидан - Ва чун танҳо гарданд, бихоянд бар шумо сарҳои ангуштон аз хашм [1, с.199]; ангушт ба дандон гирифтан - аз гӯшаи хона берун омад ва ин ангушти рост ба дандон гирифт [1, с.607]. Мавриди зикр аст, ки таъбири «ангушт дар гӯш кардан», ки ба гунаи «сари ангушт дар гӯш кардан» низ меояд, таъбири қуръонист: «يجعلون أصابعهم في آذانهم» (ангуштони худро дар гӯшҳояшон ниҳанд [Қуръон 1436, с.10]. Дар «Луғатномаи Деҳхудо» варианти воҳиди фразеологии мазкур ба таври «ангушт дар гӯш ниҳодан» ба маънои «банд кардани сӯрохи гӯш то шунида нашавад» [Деҳхудо 1998, ҷ.3, с.3591] оварда шудааст. Воҳиди фразеологии дигар «сари ангушт хоидан» аст, ки ифодагари «навъе аз таҳдид, ки аҳвиё бар зуафо кунанд; таҳдиду тахвиф намудан» [Деҳхудо 1998, ҷ.3, с.3591; Баҳор1393, ҷ.1, с.196] мебошад. «Ангушт ба дандон гирифтан» воҳиди фразеологии савумест, ки бо вожаи дандон дар асар омадааст. Ҳарчанд дар забони тоҷикӣ воҳиди фразеологии «ангушт (ба дандон) газидан //ангушти ҳайрат ба дандон газидан» ба маънои ҳайрону вола шуда мондан» [ФТЗТ 2008, с.66] мустаъмал бошад ҳам, вале дар ифодаи маъно аз воҳиди фразеологии «ангушт ба дандон гирифтан» тафовут доранд. Дар забони тоҷикӣ, инчунин, воҳиди фразеологии «ангушт

ба даҳон ниҳодан/гирифтан» мустаъмал аст, ки, аз як тараф, ба маънои киноя аз мутааҷҷибу мутаҳайир мондан, аз тарафи дигар, ба маънои ишорат кардани дигаре ба сукут мебошад. Ба таъбири шоир:

Бӯсае хостам, ангушт ниҳодӣ ба даҳон,

Бар ман ин кор ба як бор чунин танг магир. (Ҳасани Деҳлавӣ) [Деҳхудо 1998, ҷ.3, с.3591; Баҳор1393, ҷ.1, с.195]. Бо таҳлили воҳиди фразеологии «ангушт ба даҳон ниҳодан/гирифтан» ва муқоисаи он ба воҳиди фразеологии «ангушт ба дандон гирифтан» метавон ба ин хулоса расид, ки воҳидҳои мазкури фразеологӣ, аслан, вариантҳои якдигарианд, дар ҳоле ки воҳиди фразеологии «ангушт ба дандон гирифтан» бинобар сиёқи матни асар аз тобиши дигари маъноӣ, ки ишора ба монеъ шудан аз коре менамояд, бархӯрдор мебошад.

Хулоса, омӯзиши ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон медиҳад, ки муаллифон/мутарҷимони асар барои шевотару расотар шудани каломи худ аз ВФ ба таври васеъ истифода бурда, ҳамзамон, ҷиҳати шарҳу баён ва гиреҳкушоии маонии маҷозии он аз роҳҳои гуногун, аз қабили шарҳ додан бо воҳидҳои дигари фразеологӣ ва ё воҳидҳои озоди синтаксисию воҳидҳои луғавӣ истифода намудаанд.

1.2. Таснифи лексикии ВФ

Бо омӯзиш ва баррасии лексикаи ВФ «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» маълум гардид, ки дар таркиби ВФ дар ин асар омада дар баробари калимаҳои сирф тоҷикӣ боз чанд калимаи иқтибосӣ ва он ҳам аз забони арабӣ истифода шудааст. Чунин истифодаи калимаҳои иқтибосӣ дар зимни ВФ ҷойи тааҷҷуб надорад, зеро яке аз роҳҳои бой шудани таркиби луғавӣ ва лексикаи ҳар забон, пеш аз ҳама, иқтибоси вожаву таркибҳо аз забонҳои беруна мебошад. Бар ин асос дар олам ҳеҷ забоне нест, ки битавонад аз омехтагӣ ба забони дигар худро бар канор дорад [Исмонов 2015, с.112].

Ба таъбири донишманди эронӣ, Парвиз Хонларӣ «ҳеҷ забоне аз забонҳои аҳвоми мутамаддин аз луғоти фаровони бегона холӣ нест ва иллати ин амр он аст, ки тамаддун аз иртибот ва бархӯрди миллатҳо бо якдигар тавсеа ва тараққӣ меёбад ва ғолибан он чӣ миллате аз миллати дигар иқтибос мекунад бо номи аслии он ҳамроҳ аст. Шояд танҳо чанд қабилаи ваҳшӣ битавон ёфт, ки дар забонашон лафзи бегона набошад ё кам бошад, зеро ки бо дигарон ошноӣ ва омезиш надошта ва аз эшон чизе наомӯхтаанд» [خانلري 1373،ص.111].

Ба таъкиди забоншиноси шинохтаи тоҷик М.Н.Қосимова: «Ягон забони адабӣ бе калимаҳои иқтибосӣ вуҷуд дошта наметавонад. Забоншиносони қайд кардаанд, ки ҳама гуна иқтибосот дар ҳар забон мутобиқшавии (адаптатсия) миллиро аз сар мегузаронад ва аз рӯйи хусусиятҳои лексикӣ, грамматикӣ ва услубӣ мутобиқ шуда, дар зинаҳои гуногуни системаи забонӣ аз рӯйи меъёри муайян мавриди истеъмол қарор мегирад» [Қосимова 2005, с.25].

Ҳарчанд тағйироти ҷиддӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ ба воқеаи таърихии асрҳои VII-VIII рӯйдодагӣ вобаста будаву ҷорӣ кардани забони арабӣ ҳамчун забони расмии мардуми Осиёи Миёна ва Эрон аз он лаҳза оғоз шуда бошад [Маъсумӣ 2005, с.146] ва илова бар ин ки «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» тарҷума ва тафсири китоби Қуръони карим, ки ба забони арабӣ нозил шудааст, бошад ҳам, вале корбурди калимаҳои арабӣ дар он, чи берун аз таркиби ВФ ва чи дар таркиби он, бисёр кам аст.

Гузашта аз ин, баррасии лексикаи ВФ дар асар нишон медиҳад, ки калимаҳои арабӣ, пеш аз ҳама, дар бахши тафсирии асар ба кор рафтаанд, на дар бахши тарҷумавии он. Барои таъйиди гуфтор дар ин ҷо метавон ба бархе аз ВФ-и асар, ки дар таркиби онҳо калимаҳои арабӣ ба кор рафтааст, ишора намуд. Аз қабили ВФ аз дунё берун шудан: «Дуруст он аст, ки Мӯсо ва Ҳорун ба Тийа аз дунё берун шуданд [1, с.82]; аз модар дар вуҷуд омадан: «Мӯсо, алайҳи-с-салом, аз модар дар вуҷуд омад» [2, с.410]; аз қавл баргаштан: «Иблис чун донист, ки фариштагон бо вай ёр нестанд, аз он қавл бозпас омад» [1, с.670]; аз паси ҳурмати касе рафтан: «Ҳаргиз то ман будам, аз паси ҳурмати касе нарафтаам, аз баҳри он, ки агар касе аз паси ҳурмати ман ояд, бар ман азим талх ва сахт бошад» [1, с.246]; аҷал сипарӣ шудан: «Ва чун Довудро аҷал сипарӣ шуд, ҳанӯз Байтулмуқаддас тамом нашуда буд» [1, с.814]; дар дил хаёл кардан: «ба фолаш нохуш омад ва андар дил хаёл кард ва ният» [2, с.502]; ба шурфи марг будан ва дар ҳоли хеш афтодан/будан: «Сутайҳ бар шурфи марг буд ва андар ҳоли хеш уфтода буд» [1, с.293]; ба даст ҳадис кардан: «Даст хомӯш дор ва ба даст ҳадис макун пеши Пайғомбари Худои азза ва ҷалла» [2, с.504]; ба забони фасеҳ/фаҳмо гуфтан: «Худои таоло мар он гург ба сухан овард, то ба зуфони фасеҳ гуфт» [1, с.603]; ба раҳмати Худо расидан ва рӯҳ таслим кардан: «Пас, рӯзи сеюм амирулмуъминин Алӣ ибни Абутолиб, каррама-л-Лоҳу ваҷҳаҳу, ба раҳмати Худо расид ва рӯҳ таслим кард» [2, с.234]; димоғ гардидан=ба димоғи касе халал расидан: «ин девонае аст ва димоғаш гардидааст ва мардумро аз роҳ меавканад» [2, с.553]; дар ҳоли ҳаёт будан: «дар он вақт, ки Пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи, ҳанӯз дар ҳоли ҳаёт буд» [1, с.349]№ даст қавӣ шудан/гардондан: «дасти Пайғомбар, салла-л-Л оҳу алайҳи, қавӣ гардонд» [1, с.511], «Ва Муовияро ба рӯзгори Усмон, разийа-л-Лоҳу анҳу, даст қавӣ шуд» [2, с.213], дил эҳтимол/бардошт кардан: «тарсам, ки кушандаи падарро бозкушам, ки дилам эҳтимол накунад, ки кушандаи падарро даст боздорам» [1, с.285]; дил мутмаин/ором будан: «дили вай ором гирад ва ба ҷой бозояд, то чун рисолат диҳад вайро, дилаш мутмаин бошад» [1, с.786]; дил қарор

гирифтан: «хоҳад, ки сухангӯяндаро бубинад, то дили ӯ қарор гирад» [1, с.435]; дили касеро қувват додан: «Ва ба Ҳабаша рафтанд ва Эзиди таоло ва тақаддаса хост, ки дили эшонро қуввате диҳад [2, с.177]; дӯстӣ бо касе ҳаром кардан/буридан: «ман дӯстии хеш ба ту ҳаром кардам то он гаҳ, ки ту ба рӯи вай ва дар миёни анҷуман хию дар рӯи ӯ андозӣ» [2, с.22]; лоиқи вақт будан: «ва аз он ҷойгоҳ ба тафориқ оят-оят ва ду-ду оят ва сура-сура, чунонки лоиқи вақт буд, мефиристод сӯи Пайғомбар, алайҳи-с-салом» [2, с.534]; нони худ талаб кардан: ««Шумо ҳар касе нони хеш талаб кунед» [2, с.236]; ҳазлу бозӣ набудан: «ҳама рост аст ва ҳазлу бозӣ нест» [2, с.720], уқда/гирех аз забон бардоштан: «Аз Худои азза ва ҷалла фаро хост, то он уқда аз зафони вай бардошт» [1, с.785] аз ВФ ба шумор мераванд, ки дар таркибашон як ё ду вожаи иқтибосии арабӣ ба кор рафтааст.

Воқеан, агар мо истифодаи ин 25 вожаи иқтибосии арабиро дар зимни 23 ВФ дар муқоиса ба ВФ дигари дар асар омада қиёс намоем, бисёр ночиз ба назар мерасад. Яъне, дар баробари тақрибан шашсад ВФ дар асар омада, ҳамагӣ дар таркиби 23-тои он як вожаи арабӣ (дар ду маврид ду вожаи арабӣ дар таркиби ВФ) истифода шудааст ва боқимонда ҳама калимаҳои сирф тоҷикианд. Ин нукта, аз як тараф, ба он вобаста бошад, ки «калимаҳои аслии тоҷикӣ ҳамчун унсурҳои доимии воҳидҳои фразеологӣ нишона аз онанд, ки чунин воҳидҳои фразеологӣ асрҳо боз дар забонамон вуҷуд доранд ва дар ҳамин шаклу қолаб маъмуланд» [Муслимов 2009, 17], аз тарафи дигар, баёнгари ин воқеият аст, ки мутарҷимон/муаллифони асар ба хотири посдории забони модарӣ ва ҳифзи асолату нишон додани тавоноии забони тоҷикӣ талош кардаанд, то танҳо вожаҳои асили тоҷикиро, чи дар алоҳидагӣ ва чи дар таркиби ибораҳои озоди синтаксисӣ ё фразеологӣ, ба кор баранд.

Гузашта аз ин, дар асар дар баробари ВФ-е, ки дар таркибашон вожаҳои иқтибосии арабӣ қарор доранд, боз дар аглаби маврид гунаҳои вожаҳои асили тоҷикидоштаи онҳо оварда шудааст, ки намунаи он дар фразеологизмҳои дил эҳтимол кардан [1, с.285] ва дил бардоштан/ бардошт кардан [1, с.603], дил мутмаин шудану дил ором гирифтан [1, с.786],

инчунин, укда аз забон кушодан [1, с.785] ва гирех аз забон кушодан [1, с.784] мушоҳида мешавад.

Бо таҳлилу баррасии истифодаи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар таркиби ВФ метавон ба чунин хулоса расид, ки мутарҷимон/муаллифони асар ин гуна вожаҳоро шояд ба хотири гуногунрангии баён ва гурез аз такрор ба кор гирифтаанд ва ё вариантсозиву гунанокии ин ВФ аз таҳрифу тасҳифи котибон/нассохон маншаъ мегирад ва агар ҳамин гуна бошад, пас, ин кор метавонад тавассути матншиносии асари мазкур, ки як кори алоҳидаи ҷиддиро тақозо мекунад, мушаххас карда шавад.

1.3. Сермаъноии ВФ

Дар мавриди сермаъноӣ ва ё дар маҳдудаи як маъно (моносемантикӣ) мондани воҳидҳои фразеологӣ байни забоншиносон ихтилофи назар вуҷуд дошта, бархе падидаи сермаъноиро дар ВФ ҳанӯз ба таври зарурӣ наомӯхта шуморида [Ураксин 1975, с.39; Рубинчик 1981, с.29], бархе дигар вуҷуди ин падидаро дар ВФ зери суол гузоштаанд [http://schooled.ru/ukrmova/phraseology/index.html 10.01.2020], дар ҳоле ки дар бештари фарҳангҳои фразеологии ба забонҳои гуногун таснифшуда тобишҳои маъноии ВФ бо тартиби рақамгузорӣ оварда мешавад ва «Фарҳанги ибораҳои рехта»-и Ф.Фозилов низ аз ин истисно нест [Фозилов 1969]. Тобишҳои маъноии ВФ бо тартиби рақамгузорӣ овардан худ ифодагари он аст, ки бархе ВФ дар маҳдудаи як маъно қарор нагирифта, балки метавонад вобаста ба матн ва равиши гуфтор ба маъноҳои мухталиф ишора намояд.

Дар фразеологияшиносии тоҷик вуҷуди падидаи сермаъноӣ дар ВФ таъкид мегардад. Чунончи донишманди тоҷик Ҳ.Маҷидов ба вуҷуди ин падида ишора карда, мегӯяд: «Ибораҳои полисемӣ бо ифодаи маъноии умумиятдиҳанда ва тобишҳои гуногуни семантикӣ дар байни гуруҳҳои дигари воҳидҳои фразеологӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Ҳамаи маъниҳои ибораи полисемӣ ба ҳам бо маъноии умумии он алоқаманд шуда мемонанд. Бо вуҷуди он ҳар як маъноии алоҳидаи ибора аз маъноҳои дигар бо тобишҳои хеле нозуки семантикӣ ва мавқеъҳои истеъмоли хоси худ фарқ мекунад» [Маҷидов 1968, с.156].

Мушкилоти сермаъноии ВФ, пеш аз ҳама, бар он бармегардад, ки маъмулан хусусияти сермаъноии онҳо, ҳам аз хусусиятҳои сермаъноии воҳидҳои луғавӣ ва ҳам аз ибораву таркибҳои озоди синтаксисӣ, фарқ дорад, чаро ки хусусияти маъноии ВФ хусусияти мухабиротӣ (коммуникативӣ) дорад ва он дар матн ва умуман дар истеъмол бештар ва амиқтар зоҳир мешавад [Шарофиддинова 2016, с.59]. Ба ибораи дигар, маҳз матн

муайянкунандаи ба кадом маъно омадани ВФ ва ё чи гуна тобиш гирифтани он мебошад.

Нуктаи дигари ҷолиб дар баррасии сермаъноии ВФ ин чанд дарсад сермаъно будани ВФ дар ин ё он забон аст. Ба ин маъно, ки оё метавонад ҳар ВФ сермаъно бошад ва ё ин хоси гуруҳи каме аз он аст. Дар робита ба ин масъала низ байни донишмандон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Аз ҷумла, Н.М.Шанский падидаи сермаъноиро дар ВФ дар забони русӣ ҳанӯз ташаккулнаёфта шуморида, шумораи ВФ сермаъноиро русиро дар баробари ВФ моносемантикии забони мазкур бисёр ночиз қаламдод мекунад. Ҳамзамон, бештар (ҳатто ҳама)-и ВФ сермаъноро дар забони русӣ дар доираи ифодаи ду маъно маҳдуд меҳисобад [Шанский 1996, с.40].

Мавриди зикр аст, ки такя ба фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногун бархе таҳқиқоти басомадии сермаъноии ВФ анҷом шудааст. Мувофиқи он дар забони русӣ 17 дарсади ВФ ва дар забони белорусӣ 15 дарсади ВФ-ро ВФ сермаъно ташкил медиҳад. Дар забони украинӣ бошад, аз 3227 ВФ 194 сермаъно (тақрибан 6 дарсад) буда, аз ин шумора 175 ВФ дорои ду маъно (тақрибан 5,5 дарсад), 18 ВФ дорои се маъно (тақрибан 0,5 дарсад) ва як ВФ дорои чор маъно (тақрибан 0,03 дарсад) будааст [http://schooled.ru/ukrmova/phraseology/index.html10.01.2020].

З.Г.Ураксин сермаъноии ВФ-ро дар забони бошқирӣ таҳқиқ намуда, таъкид месозад, ки «қисмати бештари ВФ-ро дар забони бошқирӣ ВФ моносемантикӣ ташкил медиҳад. Чунончи, ба таъкиди мавсуф, таҳлили 3000 ВФ нишон додааст, ки аз он 247 ВФ ифодагари ду ва ё зиёда маъност, ки ин дар умум 9 дарсади шумораи ВФ-и забони бошқириро ташкил медиҳад» [Украсин 1975, 38].

Дар робита ба чанд дарсади ВФ забони тоҷикиро ташкил намудани ВФ сермаъно ҳанӯз таҳқиқоте анҷом нашудааст, дар ҳоле ки ба таъкиди Г.С.Голева, тақрибан 6 дарсади фонди умумии ВФ забони форсиро ВФ сермаъно ташкил медиҳад [Голева 2006, с.46].

Таҳлилу таҳқиқи мавзуъ нишон медиҳад, ки дар забони тоҷикӣ ВФ сермаъно, аслан, ВФ феълӣ мебошанд. Сермаъноии ВФФ, пеш аз ҳама, ба шумораи зиёд будани ин навъи ВФ дар забони тоҷикӣ вобаста мебошад. Ба ин маъно, ки ба таъкиди фразеологияшиносони забони тоҷикӣ қисмати бештари ин забонро ВФФ ташкил медиҳад. Илова бар ин, дар забони тоҷикӣ маҳз ҳамон ВФ дар маҳдудаи ифодаи як маъно боқӣ мемонад, ки ҳамчун истилоҳоти таркибии ин ё он касбу ҳунар, ё ки ягон соҳаи илму техника истифода мешаванд, аз қабили сир давондан (дар кулолӣ), арзиши изофӣ (дар иқтисодиёт) ва ғ. [Маҷидов 1982, с.48], дар ҳоле ки ВФ дигар метавонанд аз маҳдудаи якмаъноӣ берун шаванд ва бо гузашти замон ифодагари маъноҳои нав бошанд, чаро ки «сермаъноии воҳидҳои фразеологӣ аз ҳодисаҳои маъмули ин воситаҳои муҳимми забони тоҷикӣ ба шумор рафта, он ба қонуниятҳои муайяни дохилии худ соҳиб аст. Маъноҳои иловагии воҳидҳои фразеологӣ, ки вобаста ба талаботи давру замон ба тозагӣ пайдо шуда метавонанд, баробари сермаъноии луғавӣ дар такмили таркиби лексикӣ-фразеологии забонамон мақоми муҳим доранд» [Маҷидов 1982, с.51].

Таҳлили сермаъноии ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон дод, ки дар он чанде аз ВФ сермаъно истифода шудааст. Аз ҷумла, дар асар воҳиди фразеологии **даст доштан** корбурд шудааст, ки он аз воҳидҳои сермаънои фразеологӣ ба шумор меравад. Чунончи, даст доштан дар асар ҳангоми бе корбурди ягон пешоянд бо он ба маъноҳои сабр кардан: «Ё модар, аз ин қавл бозмагард, даст бидор, то туро бикушад» [1, с.609] ва рӯза хӯрдан/тарки рӯзагирӣ кардан: «ҳар кӣ рӯзаи моҳи рамазон як рӯз даст бидорад» [1, с.108] омада, бо корбурд шудан бо пешоянд, хусусан, бо пешоянди аз ва бо ба маонии: 1) даст аз чизе/касе доштан= раҳо кардан: «Пас, Уҷ даст аз эшон бидошт ва эшон ғамнок ва тарснок сӯйи Мӯсо ва Бани Исроил бозрафтанд» [1, с.79]; 2) тарк кардан ва дар коре идома надодан: «Он гаҳ ноумед гашт ва даст аз дуо кардан ва фарзанд хостан бидошт» [1, с.175]; 3) ӯро ба ҳоли худ гузошт: «Аҷам даст аз кори пайғомбар, алайҳи-с-салом, бидошт» [1, с.297]; 4) худдорӣ кардан: «Пас, пайғомбар, алайҳи-с-салом, даст

аз он суханон бидошт аз баҳри Абусуфён» [2, с.618]; 4) ибодат кардан: «сазовор аст Ӯро парастидан ва даст аз хидмати Ӯ боз набояд доштан» [1, с.399]; 5) дахолат накардан: «Ва эшон маро бо араб даст боз бояд доштан» [2, с.503], яъне ба кори ману араб дахолат нанамоянд, далолат менамояд.

Дар «Луғатномаи Деҳхудо» барои таъбири даст доштан маонии тавоно будан бар чизе, тасаллуту қудрат ва имконият доштан оварда шуда, пасон маонии дигари он, аз қабили мутасарриф будан, дар хифо (пинҳонӣ) ба коре дахолат доштан, маҳорат доштан, раҳо кардану даст бардотшан ва ғайра оварда шудааст [Деҳхудо, ҷ.7, с.10854-10855], ки аз сермаъноии ин воҳиди фразеологии шаҳодат медиҳад.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бошад, барои таъбири даст доштан ду маъно: даст доштани *касе дар коре* а) маҳорат доштан дар коре, аз кору касбе огоҳ будан; б) дахолат доштани касе дар коре оварда шудааст [ФТЗТ, ҷ.1,с.423].

Чи тавре ишора шуд, **даст доштан** аз воҳидҳои фразеологии маъмулест, ки бештар бо илова шудани пешоянди дар ба он-»даст доштан дар чизе/коре» корбурд мешавад ва имрӯз ба ду маъно меояд: а) маҳорат доштан дар коре, аз кору касбе огоҳ будан; б) дахолат доштани касе дар коре [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.423]. Вале, аз назари инҷониб, корбурди ин воҳиди фразеологӣ – даст доштан имрӯз танҳо ба як маъно- дахолат доштан дар коре далолат мекунад ва корбурдаш ба ҳамин як маъно маҳдуд гаштааст. Дар ҳоле ки ин таъбир дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» тамоман ба маънои дигар истифода шуда, муродифи даст бардоштан аз чизе, даст боздоштан аз чизе ва даст кашидан аз чизе, ки ҳамагӣ ифодагари тарк намудан ва худдорӣ кардан аз чизе мебошанд, омадааст.

Корбурди воҳиди фразеологии «даст доштан» дар асар ба маънои худдорӣ кардан ва тарк намудан бори дигар ин нуктаро таъйид менамояд, ки сарфи назар аз рехтагӣ ва забонзада шудани дилхоҳ таркибу таъбир дар муайяннамоии он матн мавқеи асосиро мебозад. Ба таъбири дигар, воҳидҳои фразеологӣ низ ҳукми калимаро доранд ва «ҳар як калимае, ки барои

ифоданоку образнок баромадани фикр хизмат мекунад, қатъи назар аз исм ва ё феъл будани худ берун аз матн маънои абстракт (умумӣ) дорад. Аз ин рӯ, матн барои кушода додани вазифаи синтаксисӣ, услубӣ, дар айни замон, ифодаи идиоматикӣ ва эмотсионалии калимаҳо роли мебозад [Ҳусейнов 1973, с.54].

Дар асар таъбири даст боздоштан низ ба кор рафтааст, ки ҳарчанд варианти даст доштан бошад ҳам, вале боз маонии вижае ба худ дорад. Масалан, дар ҷумлаҳои «Ва Мӯсо мар иёл он ҷо даст боздошт ва худ бирафт [1, с.782], «Асо бад-ӯ даст боздошт» [1, с.781] ва «Фармони Ҳақ таоло, ба гуфти ту ва савганди ту даст бознадорам» [1, с.271] корбурди даст боздоштан ба маънои гузоштану тарк кардан омадааст, ки то ҷойе ба маънои даст доштан наздик аст ва дар ин гуна ҷумлаҳо агар ба ҷойи ибораи «даст боздоштан» ибораи «даст доштан» истифода шавад, ба маъно халал ворид намегардад. Вале дар мавриди зер: «Ва бифармуданд, то духтарони пайғомбар даст боздоштанд ва он духтаронро ба наздики пайғомбар бозоварданд» [1, с.617], даст боздоштан ба маънои талоқ кардан ва ҷудо шудан аз зан [Деҳхудо, ҷ.7, с.10835] мебошад, ки ибораи даст доштан ифодагари он шуда наметавонад.

ВФ **гардан кашидан/гарданкашӣ кардан** низ дар асар ҳамчун ВФ сермаъно ба кор рафтаанд. Чунончи дар ҷумлаи «Эшон гуфтанд: «Мо битарсем, ки вай бар мо ифрот кунад, яъне андар сухан гуфтан бо мо газофкорӣ кунад ё гардан кашад бар мо» [1, с.785], ВФ гардан кашидан ба маънои нофармонӣ кардан, аз итоат сар тофтан [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.306] омадааст. Ин дар ҳолест, ки ВФ гарданкашӣ кардан, ки ифодагари исёнгарӣ, исён, балвогарӣ [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.307] гунаи он ба шумор меравад, корбурди он дар асар тамоман тобиши дигар гирифтааст. Ин фарқиятро дар ҷумлаи «Зайнаб бар занони дигар гарданкашӣ кардӣ [2, с.267] бараъло мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи аз матн маълум мешавад, ки ВФ гарданкашӣ кардан ифодагари фахр кардан/намудан буда, онро ба саркашӣ намудану исёнгарӣ намудан маънидод кардан дуруст нест. Шояд ишора ба

сермаъноии ҳамин ВФ аст, ки соҳибони асар пас аз ин таъбирро истифода кардан боз таъбири «бад-ин бар дигарон фахр овардӣ»-ро овардаанд [2, с.267], ки бе шак тафсири ВФ гарданкашӣ намудан аст. Воқеан, чунин муносибати мутарҷимон/ муаллифони асар далолат ба он менамояд, ки падидаи сермаъноии ВФ дар он рӯзгор низ маълуму маъруф будааст.

Даст дароз кардан ҳамчун ибораи озоди синтаксисӣ ифодагари дастро барои чизе гирифтан дароз намудан мебошад, вале ба симати ВФ ин ибора сермаъно ба шумор меравад, ки маонии зерини дар асар омадаи он метавонад таъйиди ин гуфтор бошад. Даст дароз кардан ба маънои 1) *ба касе* зӯрӣ кардан; ҷабр кардан; таарруз (таҷовуз) кардан ба касе [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.423; Фозилов 1963, ҷ.1, с.319]: «то Ҳамза ба Макка буд, ҳеч кас аз бими Ҳамза даст бар паёмбар дароз натавонистӣ кардан» [1, с.776]; «мардумони Макка даст бар пайғомбар, алайҳи-с-салом ва ёронаш дароз карданд ва эшонро ҳамеранҷониданд ва хориҳо бо эшон ҳамекарданд [1, с.776]; 2) ба маънои дастдарозӣ/таҷозвуз кардан [Фозилов 1963, ҷ.1, с.319]: «Ва бо ӯ хилват кард ва даст бар Сора дароз хост кард» [1, с.403].

Чи тавре дар мисоли ахир дида мешавад, ВФ даст дароз кардан ҳаммаъно ба ВФ дастдарозӣ кардан шудааст: «Аз баҳри он ки тарсид, ки гуруҳи вай дастдарозӣ кунад бад-эшон» [1, с.774].

Дар асар ВФ даст ба касе/чизе задан омадааст, ки аз ВФ сермаъно ба шумор меравад. Масалан: 1) даст задан: ёрӣ талабидан/паноҳ бурдан: «чун аҳли Начрон ба азобе чунин дарафтоданд, даст ба малики Рум заданд ва малики Рум ҳам тарсо буд ва эшонро ёрӣ дод» [1, с.192]; 2) пайравӣ кардан: «даст бад-ин сиёҳӣ, ки бар сапедӣ набиштааст андар задаем» [2, с.645].

ВФ мазкур дар асар ба ин ду маъно истифода шудааст, дар ҳоле ки ин ВФ дар забони тоҷикӣ ба маони дигаре, аз қабили 1) ба коре мудохила кардан; 2) ба чизе шуруъ кардан ва 3) машғули чизе шудан [Фозилов 1963, ҷ.1, с.309] далолат мекунад.

Чашм ниҳодан, ки ифодагари мувозибу муроқиб будан, поидан, вуқуи амре ё ҳодисаеро мунтазир будан, дида ба касе ва ё чизе дӯхтан мебошад

[Деҳхудо, ҷ.6, с.1606], аз ВФ дигари серистеъмол дар асари мавриди назар аст, ки метавон аз он ҳамчун ВФ сермаъно ёд кард. Масалан, ВФ мазкур дар ҷумлаи «Қобил чашм бад-он ниҳода, ки куҷо ӯро холӣ дарёбад» [1, с.336], ба маънои мувозибу муроқиб ё худ поидан аст, дар ҳоле ки дар ҷумлаи «ва чашм барниҳоданд, ки то Асвадро куҷо андарёбанд» [2, с.489] ВФ-и мазкур ба маънои ҷосус гумоштан аст. Ба назари инҷониб, маънои дувуми ин ВФ бо эҳтимоли зиёд аз забони арабӣ тарҷума шудааст, зеро дар забони арабӣ яке аз маонии айн, ки муоидили асосиаш дар забони тоҷикӣ чашм аст, гумошта ва ҷосус мебошад [Сулаймонов 2010, с.860].

Илова бар ин, ВФ чашм ниҳодан ба маънои итоат кардану гӯш ба фармон будан низ меояд, чунончи аз истифода дар матни асар бармеояд: «Ҳама чашм бар пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи, ниҳода буданд» [2, с.504], ВФ мазкур ба маънои итоат кардану фармон бурдан аст.

Аз сермаъноии ВФ чашм ниҳодан метавон чунин хулосагирӣ намуд, ки яке аз сабабҳои сермаъно шудани воҳидҳои фразеологӣ ин сермаъно будани вожаҳои дар таркибашон омада мебошад. Ба ин гуна сермаъноии ВФ мазкур то ҷойе бастагӣ ба сермаъноии калимаи чашм дорад.

Айни ҳамин нуктаро метавон дар робита ба ВФ даст доштан/даст боздоштан низ таъкид намуд, чаро ки дар таркиби мазкур феъли доштан аз феълҳои сермаънои забони тоҷикӣ ба шумор меравад ва эҳтимол дорад, ки сермаъноии ВФ аз сермаъноии ин феъл маншаъ гирад. Аз ин ҷо метавон хулоса баровард, ки калимаҳо дар зимни ВФ ҳарчанд маънои мустақили худро аз даст диҳанд ҳам, боз то ҷойе тобишҳои маонии худро нигоҳ дошта, дар ташаккулу таҳаввули маъноӣ ва сермаъноии он нақш мегузоранд.

Мавриди зикр аст, ки ВФ овардашуда аз ҷумлаи он ВФ сермаъное мебошанд, ки дар асар вобаста ба мавқеъ аз ду то панҷ тобиши маъноии онҳо оварда шудааст, ки ин бо мисолҳо аз асар иқтибоскарда таъйид шудааст. Илова бар ин, дар матни асар чандин ВФ дигаре ба як маъно истифода шудаанд, дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ аз шумори ВФ сермаъно шуморида мешаванд. Масалан, ВФ лаб газидан дар забони тоҷикӣ ба се маъно а) лаби

поинро ба зери дандон гирифтан ба аломати касеро нигоҳ доштан аз гуфтани чизе; б) хомӯш шудан, гап назадан; в) афсӯс хӯрдан, изҳори пушаймонӣ ва надомат кардан [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.703] корбурд мешавад, дар ҳоле ки дар асар тобиши маъноии дигари он ба назар мерасад, ки метавон ҳамчун маънои чоруми ин ВФ шуморид: «аз паси эшон лаб бигазидандӣ ва чизҳо гуфтандӣ» [2, с.743].

Чи тавре аз матни асар бармеояд, ВФ лаб газидан дар ин ҷо ба маънои масхараву таҳқир намудан бо сухан омадааст. Ин бошад, пеш аз ҳама, аз он маълум мешавад, ки маонии сегонаи ин ВФ, ки пештар ёд шуд, дар ин ҷо мувофиқат наменамояд. Ҳамзамон, мутарҷимони асар ин ВФ-ро дар баробари калимаи арабии «همزة» қарор додаанд, ки маънои луғавии он айбҷӯй аз мардум, бадгӯикунанда, ғайбаткунанда, хурдагир мебошад.

Ё худ ВФ дили касе ба касе/чизе сӯхтан ба ду маъно: 1) ба касе/чизе тараҳҳум, дилсӯзӣ кардан, ғамхорӣ кардан, 2) ба ҳоли касе афсӯс кардан [Фозилов 1963, ҷ.1, с.359] меояд, вале дар ҷумлаи «миёни мо ва миёни ӯ нест магар ҳарб, аз баҳри он-к дилҳои мо ҳама аз ӯ сӯхтааст» [2, с.506], ВФ дил сӯхтан, аслан, ифодагари дилмондагӣ ва димоғсӯхтагӣ аз нафаре мебошад, ки (агар пешоянди аз-ро сарфи назар кунем) аз ду маънои боло тафовути назаррас дорад.

Такя ба таҳлилҳои боло метавон чунин хулоса намуд, ки тақрибан аз 600 ВФ, ки дар матни асар истифода шудааст, 6 ВФ дар мавридҳои гуногун ва бо маонии мухталиф корбурд гаштаанд, ки тақрибан 1 дарсади онро ташкил медиҳад. Ба таъбири дигар, як дарсади ВФ дар асар истифодашуда ВФ сермаъно ба шумор меравад. Инчунин, аз таҳлили падидаи сермаъноии ВФ дар асар бармеояд, ки мутарҷимон/ муаллифони он аз вуҷуди ин падида дар забон огоҳӣ доштаанд. Ҳамин аст, ки онҳо барои ифодаи дақиқи маънои ВФ (чи тавре дар ВФ гарданкашӣ кардан мушоҳида шуд) боз аз ибораҳои озоди синтаксисӣ истифода намудаанд.

1.4. Синонимияи ВФ

Ҳангоми таҳлилу баррасии ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба муносибати синонимии онҳо рӯбарӯ мешавем. Ҳамон гуна ки ВФ ба ҳайси муодил/эквиваленти калима баромад мекунад, боз метавонад ҳамсангу ҳаммаънои ВФ дигар бошад [Шанский 1996, с.57-58]. Ҳамин аст, ки ҳангоми тарҷумаи ин ё он ВФ дар баробари муродифи синонимии он аз муродифи фразеологияш низ истифода менамоянд [Муҳаммадиев 1962, с.35].

Ба фарқ аз сермаъноии ВФ фразеологияшиносон дар мавриди синонимияи фразеологӣ иттифоқи назар доранд, танҳо ихтилофи назарҳо дар мавриди якдигарро пурра ва ё нисбатан иваз намудани якдигарии синонимҳои ВФ ба назар мерасад. Масалан, В.Жуков зери мафҳуми синонимияи фразеологизмҳо ВФ-еро дар назар дорад, ки аз рӯйи сохтор ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ дошта, аз рӯйи ифодаи маъно фарогири як маънои луғавию фразеологӣ бошанд, вале дар айни замон аз ҷиҳати тобиши маъноӣ ва хусусиятҳои услубӣ байни онҳо тафовут вуҷуд дошта бошад [Жуков 1986, с.94].

Ҳарчанд синонимҳо аз манбаъҳои асосии ғанӣ гардонидани забон, ба вижа таркиб ё фонди луғавии он буда, беҳтарин воситаи баёни тобишҳои маъноии мафҳум ва ҳолату рӯҳияи шахс ба шумор рафта, барои роҳ надодан ба такрори бемавқеи вожаву таъбирҳо, саҳеҳию равшании фикр ва тафсиру тафҳими вожагону таъбирҳо ба нависандаву гӯянда мусоидат намоянд ҳам[Воҳидов, 1980, с.87], вале на ҳамеша дар матн якдигарро иваз карда метавонанд [Мирзоева 2008, с.25], чун ба гунае ҳар вожаву таъбире тобиши вижаи худро дорад, ки дар дигар вожаву таъбир он дида намешавад. «Ҷиҳати муҳимми воҳидҳои фразеологии синонимӣ ифодаи маъноҳои умумии ба ҳам наздики онҳост. Чунин ақидае, ки гӯё ду ва зиёда ифодаҳои синонимӣ як мафҳумро ифода карда, дар матн якдигарро пурра иваз карда метавонанд, ба ҳақиқат дуруст намеояд. Дар ҳар як фразеологизми синонимӣ чунин тобиши маъноии махсусро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар синоними дигар ё

тамоман вуҷуд надорад, ё ки бо тариқи дигар ифода ёфтааст» [Маҷидов 1982, с.55-56].

Воқеан, синонимияи ВФ дар забони тоҷикӣ, хусусан, дар байни ВФ феълӣ назаррас буда, бо муродиф шудани ду ва зиёда ВФ силсилаҳои ВФ ташкил меёбанд, ки аз нигоҳи мавқеи истеъмол, системаи образнокӣ ва таркиби лексикӣ аз якдигар тафовут доранд, вале маҳз маънои ба ҳам наздикашон онҳоро ба як силсила муттаҳид кардааст. «Одатан, воҳидҳои фразеологии муродифӣ як силсиларо ташкил менамоянд ва ба он фразеологизмҳои гуногун, ки аз ҷиҳати обуранги бадеӣ ва мавқеи истеъмол аз якдигар тафовут доранд, дохил мешаванд» [Мирзоева 2008, с.24].

Дар матни асар барои ифодаи маънои мурдан воҳидҳои фразеологии зиёде истифода шудаанд, аз қабили: аз дунё рафтан [1, с.55], аз дунё реҳлат кардан [1, с.286], аз дунё берун шудан [1, с. 36], марг ҳозир омадан [1, с.251], марг чашидан [2, с.358], марг касеро гирифтан [1,с.59], марг расидан [1, с.274], аз марг нараҳидан [1, с.286], руҳ таслим кардан [1, с. 531], зиндагонӣ сипарӣ шудан [2, с.135], ҷон аз тан баромадан [2, с. 90], ба ҳаёти абадӣ пайваста шудан [2, с.723], фармон ёфтан [2, с.136], қазо кардан [2, с. 139], ба раҳмати Худо расидан [2, с.225]. Воқеан, мо агар аз мавқеи гузарандагиву мондагии феълҳои дар ин ибораҳо истифода шуда сарфи назар намоем, пас, дармеёбем, ки дар онҳо як паём дода шудааст.

Ҳамзамон, дар ин силсилаи синонимии ВФ 15 ВФ гирд оварда шудааст, ки ба як маънои луғавӣ-мурдан ишора месозанд, дар ҳоле ки аз нигоҳи корбурду таркиби лексикӣ ва обуранги бадеӣ байни онҳо тафовут ба назар мерасад. Масалан, ВФ аз дунё реҳлат кардан [1, с.286] ва аз марг нараҳидан [1, с.286] дар як ҷумла: «Пас, чун аз дунё реҳлат кард, аз баҳри он ки марг қазост бар ҳама халқ ва ҳеҷ кас аз марг нараҳад» [1, с.286] истифода шудаанд, вале бо тобишҳои услубии худ наметавонанд ҷойи якдигарро иваз намоянд, чаро ки ВФ аз дунё реҳлат кардан тобиши эҳтиромӣ дошта, доираи корбурди хоси худро дорад. Яъне, дар ин ВФ як навъ тобиши адабу эҳтиром

дида мешавад ва нисбат ба нафароне гуфта мешавад, ки аз обурӯву эҳтироме дар назди мардум бархӯрдоранд. Вале ВФ аз марг нараҳидан аз ин гуна тобиш бархӯрдор нест ва ҳамнишинии калимаҳои марг ва нараҳидан дар ин ВФ оҳанги ҳушдордиҳанда дорад.

Мавриди зикр аст, ки дар асар ВФ ифодагари миронидану куштан низ силсилаи синонимиро ташкил додаанд, аз қабили қабзи руҳ кардан: «ӯ ба фармони Ҳақ таоло қабзи руҳи эшон бикунад»[2, с.535], ҷони касеро бардоштан: Худои азза ва ҷалла ҷони ӯ бардошт [2, с.622], ҷон аз касе ҷудо кардан: «ва эшон ҷон аз ӯ ҷудо кунанд» [1, с.162] ҷони касеро ситонидан: «фариштагони азоб бираванд ва ҷони ӯ бистонанд [1, с.162], аз пушти замин бардоштан: «Асваду-л-каззобро аз пушти замин бардоштанд» [2, с.490].

Чи тавре дида мешавад, дар ин силсилаи синонимӣ ҳама феълҳои гузаранда истифода шудаанд.

Дар баробари ин силсиласинонимҳо, дар ин ҷо метавон боз аз ВФ гардан задан: «шамшер бикашид, ки гардани вай бизанад» [2, с.23] ва таъна задан/ханҷар задан: «Пас, чун Умарро он таъна заданд ва ҳол бар ӯ бигардид» [1, с.352] ёд кард, ки ифодагари миронидану куштан мебошанд. Танҳо тафовути ин ду аз силсилимуродифҳои боло дар он аст, ки дар ин ҷо бевосита ба натиҷа не, балки ба гунае ба асбоби амалӣ шудани рӯйдоду ҳодиса ишора шудааст.

Дар асар силсиласинонимҳои дигаре низ ба кор рафтааст, ки дар ин ҷо метавон ба бархе аз он ишора намуд. Аз ҷумла, ВФ бо касе як шудан: «халқе биёмаданд ва бо Мӯсо, алайҳи-с-салом, ва бо Бани Исроил яке шуданд» [1, с.793], бо касе даст як кардан: «то биравад ва бо Исмоил даст яке кунад» [1, с.658], бо касе дил яке доштан: «Ва дигар Марсад ва ӯ низ бо Ҳуд дил яке дошт» [2, с.436], ба якдигар рост шуданд: «ҳама ба якдигар рост шуданд ва пеши ин меҳтар шуданд, ки писар оварда буд» [2, с.92] низ як силсилаи синонимиро ташкил додаанд, ки тобишҳои хоси худро доранд. Чунончи дар ин силсилаи синонимӣ бо касе дил яке доштан аз ВФ дигари ин силсила тафовути назаррас дорад, чаро ки агар ВФ дигари ин силсила ифодагари ба

таври амалӣ иттифоқ намудани ду ё зиёда нафар бошад, пас, ВФ бо касе дил як доштан ҳамақидаву ҳамфикр будани нафар(он)-еро ба нафари дигаре нишон медиҳад, ки метавонад дар сатҳи майлу рағбат бе огоҳнамоии тарафи дигар сурат гирад.

Дар баробари ин ВФ, боз метавон ВФ даст ба дасти касе задан: ва даст бар дасти амирулмуъминин Умар, разийа-л-Лоҳу анҳу, ҳамезаданд ва бозмегаштанд» [2, с.617] ва даст ба дасти касе додан: «Акнун бояд ки даст ба ман диҳӣ ва аҳде бо ман бикунӣ» [1, с.312]-ро, ки то ҷойе варианти ҳамдигарианд, метавон ба силсилаи синонимии бо касе иттифоқ гаштан илова намуд.

Дар асар ду ВФ ба маънои зодан/таваллуд шудан корбурд шудааст, ки яке дар вуҷуд омадан: «ҳанӯз дар вуҷуд наёмада буд» [1, с.297] ва дигаре касеро фарзанд омадан: «Пас, марде буд аз меҳтарони эшон ва ӯро писаре омад бар ин сифат» [2, с.92] мебошад. Тобиши услубие, ки барои таъини тафовути корбурдии ин ду ВФ мусоидат мекунад, ин муносибат ба шахсияти таваллудшаванда аст. Чунончи ВФ дар вуҷуд омадан дар мавриди шахсиятҳо истифода шудааст, дар ҳоле ки ВФ касеро фарзанд омадан на ба шахсияти таваллудшаванда, балки ба шахсият ва ҷойгоҳи падар/модари таваллудшаванда нигаронида шудааст.

Дар ин силсилаи синонимӣ метавон ВФ аз модар ҷудо шуданро низ ворид намуд: «чун аз модар ҷудо шуд, ҳамон гоҳ ба сухан омад» [1, с.758], ки ин ҳам ифодагари таваллуд гаштан мебошад. Истифодаи ВФ дар вуҷуд омадан ва ё ибораи таваллуд шудан дар ин ҷумла маънои ВФ аз модар ҷудо шуданро дода наметавонад, чаро ки қисмати дувуми ҷумла: «ҳамон гоҳ ба сухан омад» ба ин имкон намедиҳад. Ба ин маъно, ки дар ВФ ба вуҷуд омадан ба таври мутлақ хабар аз зода шудани нафаре медиҳад, дар ҳоле ки дар ВФ аз модар шудан бевосита ба ҳамон ҳолати таваллуд гаштан ишора месозад ва ин паёмро медиҳад, ки ӯ таваллуд шудан баробар ба сухан омад.

ВФ бор гирифтан: «в-аз он говбон бор гирифта буд ва кӯдаке биёвард» [1, с.608], бор доштан: «Ҳавво дигарбора бор дошт» [1, с.471] ва шикам

баровардан: «чун шикам баровард, гуфт: «Ман ин шикам аз Ҷирҷири обид баровардам» [1,с.191] ҳамагӣ ифодагари обистан шудан/ҳомиладор шудан буда, як силсилаи синонимии ВФ ташкил медиҳанд. Ҳарчанд ВФ ин силсила метавонанд дар ҷумла якдигарро иваз намоянд, вале боз ВФ мазкур ҳамчун баёнгари марҳилаҳои гуногуни обистанӣ тобишҳои маъноии хоси худро доранд, ки истифодаи онҳо ба ҷойи якдигар метавонад дар сухан ноҷуриро ба бор орад. Ҳамзамон, тобишҳои маъноиеро дар корбурди ҳар яки он дида метавон. Чунончи таъбири шикам баровардан ҳарчанд аз ҳамон ҳолати бордор шудан/бор гирифтан дарак диҳад ҳам, вале аз нигоҳи истифода аз ҳолати ғайришаръӣ ва бо як оҳанги эътирозӣ хабар медиҳад.

Илова бар ин, дар асар силсилаи синонимии ВФ ба ҷаҳон андар шудан: «бо пироҳане ва шарворе бираванд ва ба ҷаҳон андар бишаванд» [1, с.522] ва ба ҷаҳон даррафтан: «моро дастуре деҳ, то ба ҷаҳон дарбиравем [2, с.26] ба маънои дар ҷаҳон паҳн гаштану интишор ёфтан; силсилаи синонимии андар чизе фурӯ мондан: Намруд андар ин фурӯ монд [1, с.393] ва ба кори касе андар мондан: «Пас, он кофирон ба кори ӯ андар монданд [1, с.692] ба маънои оҷизу нотавон ва ҳайратзада дар коре гаштан; силсилаи синонимии ба дил сард гардонидан ва ба чашм зишт кардан: «ва хостанд Билқисро бар дили Сулаймон, алайҳи-с-салом, сард гардонанд ва бар чашми вай зишт кунанд» [2, с.138] ба маънои касеро дар назди касе бад кардан ва муносибати онҳоро барҳам задан; силсилаи синонимии кор ба сар омадан ва кор сипарӣ шудан: «кори Парвиз андар ин рӯзгор ба сар ояд ва сипарӣ шавад» [2, с.195] ба маънои мурдан; силсилаи синонимии даст хомӯш доштан ва бо даст ҳадис накардан: «даст хомӯш дор ва ба даст ҳадис макун» [2, с.504] ба маънои дастро ҳаракат надодан ва ғ. ба кор рафтааст.

Мавриди зикр аст, ки ВФ даст хомӯш доштан ва ба даст ҳадис кардан дар асл на синоним, балки антоними якдигарӣ мебошанд, вале аз он ҷо ки ВФ ба даст ҳадис кардан дар шакли инкорӣ-наҳӣ оварда шудааст, аз нигоҳи ифодаи маъно бо ВФ даст хомӯш доштан муродиф шуда омадааст.

Дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» силсилаи синонимии фразеологӣ ба маънои малику подшоҳ ва сарвари қавм шудан оварда шудааст, ки аз 6 ВФ иборат аст: кор ба касе рост шудан: «Язид биншаст, кор бар ӯ рост шуд» [2, с.530], кор бар касе қарор гирифтан: «кор бар Шис ибни Одам қарор гирифт» [1, с.338], кор ба касе афтодан: «кор ба Шис афтод» [1, с.338], кори ҷаҳон ба касе расидан: «кори ҷаҳон ба Муовия расид» [1, с.535], мулк ба дасти касе афтодан: «мулк ба дасти хеше (аз они) Намруд афтод [1, с.409], мулк аз касе шудан: «Пас, он рӯз, ки Худои таоло хост, ки он мулкат аз вай бишавад» [2, с.128].

Ба андешаи инҷониб, ВФ ин силсила, ки дар зимни бештари онҳо вожаи кор вуҷуд дорад, ба гунае баргирифта аз забони арабӣ ва дар қолаби таъбирҳои арабӣ эҷод шудаанд, чаро ки арабҳо дар ин ин гуна таркибҳо вожаи амр (أمر) истифода мебаранд, ки муодили пурраву бебаҳси он ҳамин вожаи кори тоҷикӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба боварӣ метавон гуфт, ки ВФ кор ба касе рост шудан, кор ба касе қарор гирифтан, кор ба касе афтодан ва кори ҷаҳон ба касе расидан ВФ тарҷумавӣ мебошанд.

Соҳибони асар барои пурратар ифода кардани мафҳум ва, ҳамзамон, дар як ҷумла ба такрор роҳ надодани ВФ дар як ҷумла чанд синоними ВФ-ро овардаанд: «Ва сабаби берун шудани Иброҳим, алайҳи-с-салом, аз ин ҷаҳон он буд, ки Худой, азза ва ҷалла, Азроилро, алайҳи-с-салом, гуфта буд, ки чун қабзи руҳи Иброҳим кунӣ, ҷони ӯ ба фармони ӯ бардор, то ӯ нафармояд ва дастуре надиҳад, ҷони ӯ бармадор [1, с.144]. Дар ин ҷо ду ВФ қабзи руҳи касе кардан ва ҷони касе бардоштан синоним шуда омадаанд, ки ба гумони ғолиб ба хотири ба такрор роҳ надодан аст, чаро ки ВФ ҷони касе бардоштан дар ҷумлаи мазкур ду бор корбурд шудааст ва истифодаи сеюмбораи он дар равонию оҳангнокии ҷумла халал ворид менамояд.

Вале аз назари инҷониб пайиҳам овардани ду ВФ синонимӣ: фармон ёфтан ва руҳ таслим кардан дар ҷумлаи «Пас, бидонистанд, ки Сулаймон, алайҳи-с-салом, муддати як сол гузаштааст, то фармон ёфта ва руҳ таслим карда» [2, с.142] на ба хотири гурез аз такрор, балки барои шарҳу тафсир

додани ВФ аввалӣ (фармон ёфтан) бо ВФ дувумӣ (руҳ таслим кардан) мебошад. Ҳарчанд дар китобҳои таърихии гузашта ВФ фармон ёфтан ба маънои мурдан истифода шуда бошад ҳам [Деҳхудо 1998, ҷ.11, с.17101], дар зеҳн маънои дигари он ба даст овардани дастур ва ё ба коре амр шудан мерасад, ки шояд ин нукта боиси дар тафсири он овардани ВФ дигар (руҳ таслим кардан) гаштааст. Ин бошад, бори дигар далолат ба он мекунад, ки мутарҷимон/муаллифони асар барои расонидани маъно ҳатто ба хурдтарин нукта диққат додаанд, то хонанда дар фаҳми он ба хато наравад.

Айни ҳамин нуктаро дар ҷумлаи «Пас, ҳар кӣ ин сухан бигуфт, мусалмон шуд ва аз куфр берун омад ва хуни ӯ баста шуд ва шамшер аз гардани ӯ биуфтод ва моли ӯ бар ёрон ва умматони Муҳаммад ҳаром гашт» [1, с.102] мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин ҷумла чор ВФ: аз куфр берун омад, хуни касе баста шудан, шамшер аз гардани касе афтодан ва моли ӯ бар мусулмонон ҳаром гаштан як силсилаи муродифиро ташкил дода, ифодагари мусулмон шудан мебошанд. Аз назари инҷониб ин силсилаи муродифии ВФ-ро овардани муаллифони асар ба хотири шарҳи мафҳуми мусулмон шудан аст. Мавриди зикр аст, ки ВФ ин силисила дар баробари тобиши маъноие, ки дар ин ҷумла сабаби синонимияи онҳо гаштааст, маонии мустақили дигаре доранд[1]. «Ифодаи мундариҷаи умумии ба ҳам наздик ва сохту таркиби мутобиққунандаи ду ва зиёда ибораҳои фразеологии феълӣ онҳоро ба ибораҳои синонимӣ табдил медиҳанд. Хусусияти махсуси маънои ибораҳои фразеологии феълӣ дар ташаккули силсилаи синонимии он роли калон мебозанд. Робитаи синонимии ибораҳои фразеологии феълӣ беохир ва печ дар печ мешаванд» [Маҷидов 1968, с.177].

[1] «Профессор Ж.Доскараев- мегӯяд М.Муҳаммадиев, калимаҳои синонимие, ки дар матни муайян якдигарро иваз карда, хусусияти синонимӣ пайдо мекунанд, аммо берун аз он матн ин хусусиятро доро нестанд, ба гурӯҳи алоҳида ҷудо карда, онҳоро «синонимҳои шартӣ» меномад» [Муҳаммадиев 1962, с.34]. Такя ба ин мо низ метавонем, гурӯҳи синонимҳои ВФ-ро, ки дар як матн ҳамчун муродиф якдигарро иваз намуда, вале дар мавридҳои дигар маънои мустақили худро дошта бошанд, «синонимҳои шартии фразеологӣ» ном барем. Воқеан, ВФ аз куфр берун омад, хуни касе баста шудан, шамшер аз гардани касе афтодан ва моли ӯ бар мусулмонон ҳаром гаштан дар алоҳидагӣ ба маънои тамоман аз ҳамдигар фарққунанда ишора созанд.

Дар ҷумлаи «Ман дар рӯи падару модар нигоҳ ҳамекардам, рӯйҳои эшон зард гашта буд ва ларза бар андомашон афтода» [1, с.46], ВФ рӯй зард гаштан ва ларза бар андом афтодан як силсилаи синонимиро ташкил медиҳанд, чаро ки дар ин ҷо ҳар дуро маънои тарсидан муттаҳид менамояд, дар ҳоле ки дар ғайри ин маврид метавонад ҳар яке аз ВФ ифодагари маънои хоси худ бошад. Чунончи рӯйи касе зард гаштан метавонад ба бемории шахс ишора карда, ларза ба андом афтодан ифодагари ҳолати асабоният бошад.

Ҷойи дигар муаллифон се ВФ синонимӣ: дил ором гирифтан, дил ба ҷой бозомадан ва дил мутмаин шуданро дар як ҷумла ҷамъ овардаанд: Эзид, таоло ва таҡаддаса, хост, ки вайро машғул кунад, то дили вай ором гирад ва ба ҷой бозояд, то чун рисолат диҳад вайро, дилаш мутмаин бошад»[1, с.786], ки ҳар яке такмилдиҳандаи дигар аст.

Дар як матн ва ё як ҷумла истифода кардани силсилаи синонимии ВФ ин андешаро боз таъкид менамояд, ки «дар ҳар як ибораи фразеологии синонимӣ чунин тобиши маъноӣ ва ё обуранги бадеиро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар ибораи дигари силсилаи синонимӣ он ё тамоман вуҷуд надорад ва ё ба тариқи дигар ифода ёфтааст. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат дар матн ду ва зиёда ибораҳои синонимӣ барои пурратар ва ҳаматарафа кушода додани моҳияти мафҳум дар якҷоягӣ ба кор бурда мешаванд» [Маҷидов 1968, с.175-176].

Таҡдири ба кор бурда шудани ВФ синонимӣ дар забон ба таҡдири бакорбарии калимаҳои синонимӣ ҳамгун мебошад. Ба ин маъно, ки ба кор бурда шудани калимаҳои синонимӣ ва хусусияти синонимии калимаҳо ҳодисаи доимӣ набуда, бо гузашти замон маонии синонимии онҳо ё ташаккул меёбад ва ё рафта-рафта маҳдуд мегардад. «Калимае, ки дар як марҳилаи икишофи ҷамъият роли муҳим бозидааст, дар марҳилаи дигари ҳаёти ҷамъиятӣ, мумкин аст, маҡоми на он ҡадар муҳимме ишғол нанамояд ва ё аз истеъмол баромада монад. Аз тарафи дигар, ҳар як калимаи дар марҳилаи муайяни тараққиёт роли муҳимме набозидагӣ, мумкин аст, дар марҳалаи дигар аҳаммияти муҳим пайдо кунад. Ба ин маънӣ, яке аз аъзоҳои силсилаи

калимаҳои синонимӣ оҳиста-оҳиста аз ҷиҳати маъно ва андозаи истеъмол бартарӣ пайдо карда ба маънои ҳамаи аъзоҳо боқӣ мемонад, дигар аъзоҳо бо яке аз роҳҳои зикршуда ҷараён хоҳанд намуд» [Муҳаммадиев 1962, с.48].

Чи тавре дар боло ишора шуд, ВФ дар баробари бо ВФ дигар синоним шудан, инчунин метавонад бо воҳиди луғавӣ, яъне калима синоним шуда ояд, вале «бо вуҷуди умумияти маъноӣ доштани воҳиди фразеологӣ бо воҳиди луғавӣ онҳоро муродифи баробармаъно ё комил (пурра) гуфта наметавонем, зеро воҳиди луғавӣ дар ҳамаи мавридҳо воҳиди фразеологиро иваз мекунад, вале воҳиди фразеологӣ дар навбати худ на дар ҳамаи ҳолатҳо метавонад ҷойи воҳиди луғавиро гирад. Бинобар ин, муродифоти воҳиди фразеологиро бо воҳиди луғавӣ муродифи нисбӣ метавон гуфт» [Назарова 2015, с.60]. Аммо набояд фаромӯш кард, ки воҳиди луғавии муродифи нисбии ВФ ҳеҷ гоҳ наметавонад дар расонидани маъно он оҳанг ва таъсири воҳиди фразеологиро дошта бошад.

Баррасии синонимҳои ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон дод, ки дар ин асар дар 12 силсилаи синонимӣ зиёда аз 60 ВФ гирд оварда шудааст, ки ин тақрибан 10 дарсади ВФ дар асар бакоррафтаро ташкил медиҳад. Бакорбарии силсилаи синонимии ВФ дар асар нишон медиҳад, ки муаллифони он аз ин падидаи забонӣ, пеш аз ҳама, ба хотири беҳтар расонидани маъно, аз такрор худдорӣ кардан ва шарҳу тафсири ҳамдигарии ВФ истифода бурдаанд. Таҳлилҳо нишон дод, ки синонимҳо ВФ, сарфи назар ба як маънои умумӣ далолат карданашон, боз тобишҳои хоси маъноӣ-услубии худро доранд, ки дар матн якдигарро иваз карда наметавонанд ва корбурди яке ба ҷойи дигар метавонад ба балоғати сухан халал ворид намояд.

1.5. Вариантҳои ВФ

Ҳарчанд дар забоншиносии тоҷик масъалаи вариантнокии ВФ ҳамчун падидае, ки аз синонимияи ВФ тафовут дорад, омӯхта ва мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта шуда бошад ҳам, вале боз ҳастанд забоншиносоне, ки байни вариантнокӣ ва синонимияи ВФ фарқе намегузоранд. Масалан, Н.Копиленко, З.Попов ва А.Бабкин байни вариантнокии ВФ ва синонимияи он тафовуте намебинанд, зеро ба андешаи онҳо ягонагии воҳидҳои фразеологӣ танҳо дар гунаҳои сохтори грамматикӣ нигоҳ дошта мешавад, дар ҳоле ки бо тағйир ёфтани калима аз нигоҳи маъно воҳиди нави фразеологӣ ба майдон меояд. Ба ин тартиб, дигаргун шудани ҷузъҳои дохилии воҳидҳои фразеологӣ боиси пайдоиши синонимҳои фразеологӣ мегардад» [http://schooled.ru /ukrmova/phraseology/index.html 10.01.2020].

Чунин гуногунандешии забоншиносон аз он ҷо маншаъ мегирад, ки «вариатсияи фразеологӣ бо ҳодисаи синонимияи фразеологӣ басо робитаи наздик дорад ва баъзе аз муҳаққиқон онро вариантҳои синонимияи фразеологӣ, аз қабили А.П.Хазанович ва «лонаи фразеологӣ» (фразеологическое гнездо), чун Н.М.Шанский номбар мекунанд» [Шарофиддинова 2017, с.90].

Мавриди зикр аст, ки на фақат дар сатҳи синонимия ва вариатсияи ВФ, балки дар сатҳи синонимия ва вариатсияи калима ихтилофи назар вуҷуд дорад. Чунончи М.Т.Ҷабборова мавҷуд будани баъзе ҷиҳатҳои умумӣ байни муродифот ва вариантҳои вожаҳоро сабаби сар задани ихтилофи ақидаҳо байни олимон шуморида, умумияти ин ду падидаи забониро чунин нишон медиҳад: 1) мансубияти ҳар дуи онҳо ба як ҳиссаи нутқ; 2) дар адои як вазифаи синтаксисӣ омадани онҳо; 3) зикр ёфтани онҳо дар як моддаи луғавӣ дар фарҳангномаҳо [Ҷабборова 2014, с.4]. Дар идома мавсуф ба баёни фарқияти онҳо пардохта, таъкид менамояд, ки «байни муродифот ва вариантнокӣ нишонаҳои фарққунандае низ вуҷуд доранд, ки ҳодисаҳои гуногуни забонӣ будани онҳоро таъкид мекунанд: 1) яке аз тафовути ҷиддии онҳо дар маъноҳояшон зоҳир мегардад, яъне агар муродифот дар аксар ҳолат

калимаҳои наздикмаъно бошанд, пас, вариантҳои воҳидҳои луғавӣ айнияти маъноӣ доранд; 2) муродифҳо вожаҳои аз ҷиҳати шакл гуногун буда, аз ваҷҳи маъно ба якдигар наздиканд; 3) муродифҳо дар забони адабӣ ва шеваҳо хусусияти услубӣ доранд, вале вариантҳои вожаҳо аз чунин вазифа то андозае озод ҳастанд» [Ҷабборова 2014, с.4-5].

Ба таъкиди фразеологияшиносон дар забони тоҷикӣ вариантҳои ВФ дар байни ВФ феълӣ бештар ба назар мерасад. «Вариантҳои ибораҳои фразеологии феълӣ шаклҳои гуногуни ҳамон як ибора, яъне инвариант буда, аз ҷиҳати ифодаи маъно ҳам пурра ба якдигар баробар меоянд. Гоҳо чунин ибораҳое дучор мешаванд, ки бо ин ё он ҷузъи таркибиашон аз ҳам тафовут доранд, лекин онҳо шаклҳои гуногуни як ибора набуда, ба роҳҳои мухталиф ба вуҷуд омадаанд. Чунин ибораҳоро ба гуруҳи вариантҳои ин ё он ибораи фразеологӣ дохил намудан мумкин нест… Сохти асосии ибора, схемаи он ҷариб дар ҳамаи вариантҳо як нигоҳ дошта мешаванд. Семантикаи ибора ҳам дар ҳамаи шаклҳои он тағйир намеёбад. Масалан, ибораи фразеологии «бо як тир ду нишон задан»-ро агар ҳамчун инварианти ибора қабул кунем, пас, ибораҳои «бо як тир ду сайд задан», «бо як тир ду шикор задан», «бо як лой ду похса задан», «бо як карашма ду кор кардан» вариантҳои онро ташкил медиҳанд» [Маҷидов 1968, с.175,178,179].

Ҳарчанд вариантҳои ВФ аз якдигар аз нигоҳи каму зиёд доштани ҷузвҳои таркибӣ, дар таркиб доштани калимаҳои муродифӣ ва ё тобишҳои услубӣ метавонанд тафовут дошта бошанд, вале ҳаргиз дар расонидану ифодаи маъно фарқ дошта наметавонанд [Шанский 1996, с.55-56]. Зеро нуктаи асосие, ки дар баробари шакли ягона доштани вариантҳои ВФ онҳоро дар як инвариант муттаҳид менамояд, ин, пеш ҳама, маънои ифодагари ҳамон ВФ аст. Чунончи дар вариантҳои ВФ бо як тир ду нишон задан», «бо як тир ду сайд задан», «бо як тир ду шикор задан», «бо як лой ду похса задан», «бо як карашма ду кор кардан» бо он ки аз нигоҳи услубӣ, характери умумистеъмолӣ, китобӣ ва гуфтугӯӣ доштанашон аз якдигар тафовут доранд [Маҷидов 1982, с.59], боз бараъло дида мешавад, ки ВФ «бо як тир ду сайд

задан» ва «бо як тир ду шикор задан» аз инварианти худ «бо як тир ду нишон задан» танҳо бо дигаргуниҳои ҷузъӣ фарқ менамоянд, дар ҳоле ки ВФ «бо як лой ду похса задан» ва «бо як карашма ду кор кардан» аз инварианти худ аз нигоҳи фарогирии воҳидҳои луғавӣ ба куллӣ фарқ мекунанд ва танҳо чизе, ки онҳоро ба инвариант пойбанд мегардонад, ин мазмун ва муҳтавои маъноии он аст.

Сабаби вариант пайдо кардани ВФ, аз як тараф, тағйироту таҳаввули маъноии калимаҳо ва васеъ ва тангшавии корбурди онҳо бошад, аз тарафи дигар, ба майдон омадани варианти нав ба мақсадҳои услубӣ сурат мегирад. Дар протсеси тасвири воқеа барои ба мазмуни ягон фразеологизм илова намудани тобишҳои нави семантикӣ ва обуранги бадеӣ баъзе ҷузъ ва унсурҳои грамматикии фразеологизм иваз ё партофта мешаванд, гоҳо ин ё он ҷузъи воҳиди фразеологӣ афтида мемонад, ки дар натиҷа семантикаи умумии фразеологизм тағйир наёбад ҳам, фразеологизм ба тобишҳои нави экспрессивӣ соҳиб мешавад [Маҷидов 1982, с.59].

Аз назари инҷониб, сабаби дигаре, ки дар пайдо гаштани вариантҳои ВФ мусоидат менамояд, ин тарҷума шудани ВФ аз як забон ба забони дигар аст. Барои намуна агар мо ВФ «пашша фил сохтан»[1]-ро инвариант ба шумор диҳем, пас, ВФ «аз дона гунбаз сохтан» ва «дар пиёла тӯфон сохтан» вариантҳои шуда метавонанд, дар ҳоле ки аввали аз забони арабӣ (جعل من حبة قبة) ва дувумӣ аз забони англисӣ (to make tsunami in the cup) тарҷума гаштааст. Вобаста ба чигунагии тағйирот дар ҷузвҳои таркибии вариантҳои ВФ[2] онҳоро ба се гуруҳ тақсим менамоянд:

1. Вариантҳои фонетикӣ. Ҳарчанд дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» вариантҳои гуногуни калимаҳо, аз қабили сапед-сафед, хуруҳ-хурус, гувой-гувоҳ, бузан-будан, зуфон-забон ва ғ. оварда шуда бошад ҳам, вале дар таҳқиқу пажуҳиши ВФ дар ин асар ба чунин натиҷа расидем, ки дар ин асар

[1] Воҳиди фразеологии мазкур аз забони русӣ иқтибос шудааст [Маҷидов 1982, с.74], шояд муодили пурраи тоҷикии он ВФ «аз осмон ситора овардан» бошад, чаро ки ҳар ду ба кори мустаҳил ва бузург нишон додани кори кӯчак ишора менамоянд.

[2] Агар тағйироти ҷузъҳо сабаби эҷоди маъноҳои нав гардад, дар ин маврид вариантнокии ВФ аз байн рафта, он ҳамчун синонимияи ВФ баромад менамояд [Жуков 1978, с.118].

вариантҳои фонетикии ВФ бисёр ба нудрат оварда шудааст. Масалан, дар асар ВФ даст ба чизе кушодан, ки ифодагари ба коре оғоз кардан ва тибқи матн ба чизе иҷозат ёфтан аст, ба ду гуна оварда шудааст: даст ба ҳарб кушодан: «ва дасти Пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи, кушода кард бар душманони вай» [2, с.193] ва даст ба ҳарб гушода кард: «Ва Пайғомбар даст бар ҳарб гушода кард, то ҳеҷ кофир аз Макка берун наёрист омадан аз дасти Пайғомбар, алайҳи-с-салом ва аз дасти мусалмонон» [1, с.516].

Чи тавре дида мешавад, дар ВФ аввалӣ феъли кушодан бо «к» ва дар дувумӣ ҳамин феъл, аммо бо ҳарфи «г» оварда шудааст. Дар «Луғатномаи Деҳхудо» дар баробари варианти даст гушодан боз варианти даст гушудан оварда шудааст [Деҳхудо 1998, ҷ.7, с.10806], вале ба ВФ даст кушодан ишорае нагаштааст.

Такя ба он чи дар асар ва луғатномаҳо омадааст, метавон чунин хулосагирӣ намуд, ки ВФ даст кушодан чор варианти фонетикӣ: даст кушодан, даст кушудан, даст гушодан ва даст гушудан дошта, дар асар танҳо ду варианти он: даст кушодан ва даст гушодан ба кор рафтаасту тамом.

Дар асар ҷойе сапед шудани чашм: «Ва сапед шуд ду чашми ӯ аз тимори ӯ андӯҳгин» [1, с.592], ки бе тардид варианти сафед шудани чашм ва ифодагари бе нур ва кӯр шудани чашм аст, омадааст, вале варианти дувумии он зикр наёфтааст;

2. Вариантҳои морфологӣ. Таҳлили муқоисавии ВФ дар асар нишон дод, ки дар он вариантҳои морфологии ВФ низ ба кор нарафтааст, ба истиснои корбурди феъли гирифтан ва баргирифтан дар таркиби ВФ бор гирифтан/баргирифтан, ки ба маънои бордор/ҳомиладор шудан меояд: «Ва зани Имрон бор баргирифт» [1, с.751] ва «то Марям бор гирифт бо Исо» [1, с.182]. Дар ин ҷо мулоҳиза мешавад, ки тафовут дар байни ин ду варианти ВФ тағйироти феъл аст, ба ин маъно, ки дар аввалӣ феълӣ гирифтан ва дар дувумӣ феълӣ баргирифтан корбурд шудааст.

Чи тавре маълум аст, пешвандҳои фаро-, боз-, дар-, бар- ва ғ. дар забони тоҷикӣ ҳамчун пешвандҳои калимасоз, ки бо феъл меоянд, шинохта

шудаанд. Ҳамин аст, ки тобишҳои маъноии феъли баргирифтан, ки аз феъли гирифтан бо овардани пешванди бар- сохта шудааст, аз феъли гирифтан тафовут доранд: баргирифтан – дар маънии вайрон кардан; ба худ гирифтан; бардоштан [Сиёев 1968, с.115-122] ва дар ин ҷо омехтагие байни вариантҳои морфологӣ бо шаклҳои грамматикии ВФ[1] сурат нагирифтааст.

Илова бар ин, метавон вариантҳои чизе даст доштан: «дилам эҳтимол накунад, ки кушандаи падарро даст боздорам» ва аз чизе даст доштан: «агар аз мамлакат даст боздорам, бечора гардам» [1, с.671]-ро ба вариантҳои морфологии ВФ-и асар ворид намуд, зеро дар ВФ дувумӣ пешоянди аз истифода шудааст, дар ҳоле ки дар ВФ аввали он ба кор нарафтааст.

3. Вариантҳои лексикӣ. Аз корбурдтарин вариантҳои ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» вариантҳои лексикӣ мебошад, ки дар натиҷаи тағйири яке аз ҷузъҳои дохилии он ба вуҷуд меояд [Маҷидов 1982, с.61]. Масалан, чунин тағйиротро дар вариантҳои ВФ рӯйи касе зард гаштан мушоҳида мекунем: «чун эшон таом нахӯрданд, аз эшон битарсид ва гунаи рӯи вай зард гашт» [1, с.673] ва «Пайғомбар, алайҳи-с-саломро, диданд он ҷойгоҳ нишаста ва гунаи Ӯ зард гашта ва ҳеҷ каси дигарро надиданд» [2, с.568]. Дар мисоли дувумӣ калимаи рӯ пас аз калимаи гуна оварда нашудааст, ки маҳз ҳамин онро варианти ВФ аввалӣ гардонидааст.

ВФ аз дунё берун шудан: «Дуруст он аст, ки Мӯсо ва Ҳорун ба Тийа аз дунё берун шуданд» [1, с.82] ва аз ин ҷаҳон берун шудан: «Ва бад-он вақт, ки Расул, салла-л-Лоҳу алайҳи, аз ин ҷаҳон берун шуд» [1, с.103] вариантҳои фразеологиро ташкил додаанд ва тафовут дар байни онҳо иваз шудани як калима ба муродифаш (дунё – ҷаҳон) ва, ҳамзамон, илова шудани ишораҷонишини ин ба варианти дувумӣ мебошад.

Дар вариантҳои ВФ гирех аз забон кушодан тағйироти дигари ҷузъҳои таркибии ВФ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар асар ҷойе «гирех аз забони ман бардор» [2, с.162] омада, ҷойи дигар он ба гунаи «гирех, ки бар забони

[1] Ба таври намуна ВФ ба чашми сар диданро метавон овард, ки дар асар шаклҳои грамматикии он ба гунаи зайл: ба чашми сар бинад [1, с.143], ба чашми сар бубинем [1, с.460], ба чашми сар ҳамебинем [2, с.551] оварда шудааст ва ин ҳаргиз вариантҳои ВФ ба шумор намеравад.

ман аст, бозгушой» [1, с.784] омадааст ва дар ин ҷо на фақат тафовут байни феълҳои ин ВФ: бардоштан ва бозгушодан, балки дар корбурди пешояндҳо аз/бар низ дида мешавад. Илова бар ин ки дар ВФ дувумӣ «бар забони ман аст» ҳамчун ҷумлаи муайянкунандаи «гирех» омадааст, дар ҳоле ки дар аввалӣ ин нукта дида намешавад. Дар як маврид варианти дигари ин ВФ уқда аз зафон бардоштан: «Аз Худои азза ва ҷалла фаро хост, то он уқда аз зафони вай бардошт» [1, с.785] оварда шудааст, ки тафовути ин аз дуи қаблӣ ба ҷойи калимаи гирех муодили арабии он уқда истифода шудааст. Инчунин, дар варианти фразеологӣ тағйироти фонетикиро низ мушоҳида кардан мумкин аст ва он ҳам ба ҷойи забон истифодаи гунаи дигари он зафон мебошад.

Барои ифодаи тарки касе/чизе кардан дар асар вариантҳои даст аз касе/чизе кӯтоҳ кардан: «пас даст аз вай кӯтоҳ кард» [1, с.403] ва забон аз касе/чизе кӯтоҳ кардан: «ва низ номи худоёни мо набарад ва забон аз эшон кӯтоҳ кунад» [1, с.14] оварда шудааст. Дар ин ҷо фарқ танҳо дар корбурди вожаи забон ба ҷойи вожаи даст мебошад. Вале зикри ин нукта муҳим аст, ки ин ду ВФ ҳамчун варианти ҳамдигарӣ ҳарчанд ба як маъно далолат намоянд ҳам, вале тобишҳои фарққунандаи маъноиро байни онҳо мулоҳиза кардан мумкин аст. Чунончи ВФ даст аз касе/чизе кӯтоҳ доштан ба маънои аз озору ранҷи касе/чизе даст кашидан ва онро ба ҳоли худ гузоштан аст, яъне ин ВФ ифодагари тарки амалии коре, хоҳ нек бошад ва ё бад, дар нисбати касе/чизе, дар ҳоле ки забон аз касе/чизе кӯтоҳ кардан ба маънои озору ранҷи касе/чизеро тарк кардан ояд ҳам, баёнгари тарки гуфтани сухани бад/бадгӯӣ кардан нисбат ин ё он кас/чиз мебошад.

Дар асар вариантҳои ВФ даст аз ҷон шустан оварда шудааст: 1. дил аз ҷони хеш баргирифтан: «Усмон, разийа-л-Лоҳу анҳу, донист, ки эшон вайро ёрӣ нахоҳанд додан, дил аз ҷони хеш баргирифт» [1, с.222] ва 2.дил аз ҷони хеш баргирифтан: «Ҳама ёрон дил аз ҷони хеш бардоштанд» [1, с.507], ки тафовут байни онҳо танҳо дар корбурди феълҳои гуногун: баргирифтан ва бардоштан, мебошад.

Баррасии вариантҳои лексикии ВФ дар асар нишон дод, ки дар он бештар ду варианти як ВФ оварда шуда, тафовути аглабашон низ дар иваз намудани як ё ду ҷузви таркибии онҳо мебошад. Ба ин маъно, ки дар бештари маврид дар вариантҳои ВФ дарасаромада танҳо тағйирот дар доираи як ё ду калима сурат гирифта, ба тағйири куллии маънои ВФ сабаб нагаштааст. Масалан, дар асар ду ВФ: чашм доштан: «ва чашм медошт, ки лашкари Қурайш ба сари чоҳ фурӯ оянд» [1, с.210] ва гӯш доштан: «Пас, Иброҳим гӯш медошт, чун падараш берун шуд, Иброҳим бад-он хонаи бутон андар шуд ва эшонро ба рӯй андар меандохт ва лагад бар сару рӯи эшон мезад» [1, с.388] омадааст, ки ҳар ду ифодагари як маъно: сабр кардану интизор будан аст ва шояд тобишҳои маъноии ин ду дар он хулоса шавад, ки аввалӣ сабру интизорӣ тавассути мушоҳида кардан ва дувумӣ сабру интизорӣ тавассути шунидан анҷом мепазирад.

Дар асар ВФ гӯш ба касе/чизе доштан: «Ва ту гӯш ба сухани мардумон мадор, ки ҳасад баранд» [1, с.489] ва гӯш бо касе/чизе кардан: «ҳеч гӯш бо ман накардӣ, то лоҷарам Худои таоло шуморо азоб фиристод» [1, с.371] вариантҳои якдигарианд ва тафовут байни онҳо нафақат дар дигаргунии феъл, балки дар корбурди пешоянд ба/бо низ ба назар мерасад.

Шабу рӯз омадан: «Ҷибрил шабу рӯз ҳамеояд ва ваҳй ҳамеорад» [2, с.575] ва рӯз ба рӯз омадан: «Ҷибрил, ал айҳи-с-салом, рӯз ба рӯз меомаду ваҳй меовард» ба маънои пайваста омадан буда, вариантҳои фразеологии якдигаранд. Вале аз назари инҷониб, варианти шабу рӯз омадан аз варианти рӯз ба рӯз омадан балеғтар аст, ҳарчанд имрӯз ВФ дигар рӯз ба рӯз зиёд шудани чизе корбурд мешаваду таркиби рӯз ба рӯз ба маънои пайваста ва давра ба давра маънидод гардад ҳам.

Ҳамон гуна ки пештар ишора шуд, иқтибосот метавонад дар вариантсозии фразеологизмҳо нақш дошта бошад ва таъйиди инро дар вариантҳои ВФ дил бардоштан[1], дил бардошт кардан, дил таҳаммул кардан,

[1] ВФ дил бардоштан аз чизе имрӯз ба маънои тарки коре кардан, даст кашидан аз коре [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.446], дар ҳоле ки дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба маънои таҳаммул ва тоқат накардани дил ба коре истифода шудааст.

дил тоқат кардан ва дил эҳтимол кардан мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи калимаҳои таҳаммул, эҳтимол ва тоқат калимаҳои иқтибосии арабӣ буда, дар забони тоҷикӣ муодили онҳо бурдборӣ, пуртоқатӣ, тобоварӣ, пойдорӣ, шикебоӣ, тобу тоқат, пурбардоштӣ, бардошт, тавоноӣ, неру, ёро [Сулаймонов 2010, с.291, 751] мебошанд, бо ёрии феъли ёридиҳандаи кардан феълҳои таркибии номии таҳаммул кардан/тоқат кардан ва эҳтимол карданро ташкил дода, ба ҷойи феъли содаи бардоштан корбурд ва ба ин тариқ вариантҳои нави ВФ-ро асос гузоштаанд.Мавриди зикр аст, ки дар асар ду варианти ин фразеологизмҳо дил бардоштан: «Яҳудоро дил барнадошт ва бирафт» [1, с.603] ва дил эҳтимол кардан: «дилам эҳтимол[1] накунад, ки кушандаи падарро даст боздорам» [1, с.285] ба кор бурда шудааст.

Чи тавре дар боло ҳам ишора шуд, мушкилоте, ки ҳангоми пажуҳиши вариантҳои ВФ ҳар муҳаққиқ ба он рӯбарӯ мешавад, ин муайян намудани инварианти ВФ мебошад. Ба ҳар сурат дар муайян намудани вариантҳои фонетикӣ ва морфологии кор нисбат ба таъини инварианти лексикӣ осонтар аст, чаро ки дар ин маврид мо метавонем такя ба ташаккули сайри таърихии калима намоем. Яъне, дар ин ҷо ба мо чи гуна хонда шудани калима ва аз кадом калима ба майдон омадани калимаи дигар мусоидат менамоянд, ки инварианти ВФ-ро муайян намоем, дар ҳоле ки дар таъини инварианти вариантҳои лексикии ВФ ин таҷриба он қадар корбар шуда наметавонад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо равишҳои дигари муайян кардани инвариантро ёфтан зарур аст.

Маълум аст, ки пайдоиши бештари ВФ бо маънои маҷозӣ гирифтани ибораҳо алоқамандӣ дорад. Такя ба ин дар муайян кардани инварианти ВФ бояд таваҷҷуҳ кард, ки кадоме аз вариантҳои ВФ аз ҳақиқат ба маҷоз гузаштаанду пасон кадоме аз он ба вазну маънои он сохта шудааст. Барои мисол, аз вариантҳои дил аз ҷон шустан, дил аз ҷон бардоштан, дил аз ҷон

[1] Ҳарчанд вожаи эҳтимол имрӯз дар забони тоҷикӣ ба маънои тардиду дудилагӣ ва имкон ба кор равад ҳам, вале дар забони арабӣ бинобар ҳамреша будан ба калимаи таҳаммул ифодагари шикебоӣ, сабр, тобу тоқат, тобоварӣ, пурбардоштӣ ва тоқатоварӣ мебошад. Корбурди калимаи мазкур дар ибораи дил эҳтимол кардан маҳз ба маънои аслии арабияш мебошад.

баргирифтан ва даст аз ҷон шустан маҳз ҳамин варианти ахир: даст аз ҷон шустан метавонад ҳамчун инвариант баромад кунад, чаро ки алоқамандии маънои фразеологӣ/маҷозии он бо маънои ҳақиқиаш, ки даст шустан аст, мушоҳида карда мешавад, дар ҳоле ки вариантҳои дигари ин ВФ аз ин гуна алоқамандӣ маҳруманд.

Дар вариантҳои ВФ, ки тағйирот дар ҷузъҳои таркибии он бо роҳи кам ё илова шудани воҳиди дигари луғавӣ сурат гирифтааст, метавон равиши дигареро ба кор бурд. Масалан, дар вариантҳои сари ангушти рост ба дандон гирифтан, ангушти рост ба дандон гирифтан [1, с.606], сари ангушт ба дандон гирифтан ва ангушт ба дандон гирифтан ба назар мерасад, ки ВФ бо гузашти замон бо тарки баъзе ҷузъҳои он муҷазу равонтар гаштааст. Ба ибораи дигар, инварианти ин вариантҳои ВФ, ба гумони ғолиб, сари ангушти рост ба дандон гирифтан мебошад, чаро ки бештари таъбирҳо, аз воҳидҳои фразеологӣ сар карда то ҳикаму масалҳо, дар оғоз инъикоскунандаи пурраи ҳолат/амал буда, пасон бо гузашти замон муҷаз гардонида мешавад[1]. ВФ сари ангушти рост ба дандон гирифтан инъикосгари ҳолати инсонест, ки ин амалро барои манъ кардани нафаре аз кори таассуфборе анҷом медиҳад. Ба ин тартиб, илова ба муносибати қисми маҷозии ВФ бо қисми ҳақиқии он тулонӣ ва муҷазии ВФ низ метавонад дар муайян намудани инварианти вариантҳои ВФ мусоидат намояд.

Инчунин, вақте дар як сархат ё саҳифаи матн вариантҳои ВФ корбурд мешавад, метавон ВФ нахустиро ҳамчун инвариант шуморид. Зеро дар ин гуна маврид муаллифон талош менамоянд, то аз такрор худдорӣ кунанд ва ба ин хотир шакли ВФ-ро тағйир медиҳанд. Ба ақидаи инҷониб дар корбурди вариантҳои аз паси касе лаб газидан: «аз паси эшон лаб бигазидандӣ» [2, с.743] ва «мар дигареро ба лаб газад» [2, с.743] маҳз ҳамин гуна муносибати

[1] Муҷазшавиро метавон дар сатҳи калима, ҳатто дар сатҳи аломатҳои гуногуни грамматикӣ мушоҳида намуд. Чунончи ба ақидаи забоншиноси фаронсавӣ Жозеф Вандриес (Joseph Vendryes (1875–1960), эъроб дар забонҳои ҳинду-аврупой ва забонҳои сомӣ дар асл бархоста аз пайвастшавии унсурҳои мустақилмаъно мебошанд. Гумони ғолиб он аст, ки унсурҳои мустақилмаъно нахуст ба таври алоҳида меомаданд ва пешу паси ҳамдигар қарор мегирифтанд, аммо бо гузашти замон қисме аз онҳо маънои аслии худро аз даст додаву ба қисми дигаре пайваст гашт [Исмонов 2015, с.156].

муаллифон-худдорӣ аз такрор ёфтани як ВФ дар як сархат/саҳифа мушоҳида мешавад.

Мавриди зикр аст, ки дар асар ВФ исмие, ки вариант дошта бошад, ба назар нарасид, ба истиснои дасти байзо: «Аз ин яке асо буд ва дигар дасти байзо буд ва се дигар қаҳт буд» [1, с.423], ки дар асл ҳамон яди байзо мебошад**:** а) дасти муъҷизаноки Мӯсои пайғамбар, ки агар дар бағал карда, сипас берун мебаровард, мисли офтоб медурахшид ва дар адабиёти классикӣ ба маънои б) дасти сафеди ёр; в) равшанӣ; офтоб; г) муъҷиза; корнома; д) маҳорат, тавоноӣ, қудрат; е) машҳур, маълум, забардаст:

Тардоманон, ки сар ба гиребон фурӯ баранд, Сеҳр оваранду ман яди байзо бароварам. Хоқонӣ [ФТЗ 1969, ҷ.2, с.627; ФТЗТ 2008, ҷ.2, с.680].

Таҳлили вариантҳои ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон дод, ки ин падидаи забонӣ дар асар ба таври роиҷ корбурд шудааст. Агар вариантҳои фонетикӣ ва морфорологии фразеологизмҳо дар асар ба нудрат ба назар расад ҳам, пас, вариантҳои лексикӣ, ки иситфодаашон дар забони тоҷикӣ сермаҳсул ба шумор меравад, бо тарзҳои гуногуни худ: илова ва ё ҳазф гаштани ҷузъҳои таркибии ВФ, истифодаи як ё зиёда воҳиди луғавӣ ба ҷойи ҳамдигарӣ дар ВФ ва ғ. корбурди васеъ дорад.

Агар ба мисли силсилаи синонимӣ вариантҳои ВФ-ро низ силсилаба силсила ва ё ҳалқа ба ҳалқа раддабандӣ намоем, пас, маълум мегардад, ки дар асар наздик ба 15 силсила/ҳалқаи вариантии ВФ бо фарогирии наздик ба 30[1] ВФ ба кор рафтааст. Ба ин тартиб, аз нигоҳи оморӣ метавон гуфт, ки наздик ба 5 дарсади ВФ-и асарро вариантҳои ВФ ташкил медиҳанд.

[1] Шумораи ВФ дар силсилаҳои синонимии ВФ гуногун буда, дар асар ҳар силсила аз 2 то 6 ВФ дар бар мегирад, дар ҳоле ки таҳлили вариантҳои ВФ дар асар маълум намуд, ки ҳар силсила/ҳалқа ҳамагӣ ду ВФ-ро дар бар мегираду тамом.

1.6. Антонимияи ВФ

Ҳарчанд антонимияи ВФ аз бахшҳои муҳимми семантикии ВФ ташкил дода, дар мавриди мавҷудияти чунин падида байни забоншиносон ихтилофи назар вуҷуд надошта бошад ҳам, вале ба фарқ аз антонимияи вожаҳо на фақат дар забони тоҷикӣ, балки дар дигар забонҳо низ он ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст [Ураксин 1975, с.48].

Аслан, антонимҳои ВФ дорои ҳамон хусусиятҳои мебошад, ки антонимҳои луғавӣ ба он соҳибанд. Яъне, «дар забон антонимҳо яке аз категорияҳои муҳимми луғавӣ буда, вазифаҳои гуногуни луғавӣ ва услубиро адо менамоянд. Мафҳуми антоним ба маънои луғавии калимаҳо вобастааст. Калимаҳои антонимшаванда аз ҷиҳати маъно муқобили ҳамдигаранд ва дар матн ҳамин вазифаро ичро менамоянд» [Муҳаммадиев 1997, с.18]. Айни ҳамин таърифро, албатта дар доираи васеътар метавон барои антонимҳои ВФ ба кор бурд, чаро ки ВФ антонимӣ низ мисли калимаю таркибҳо мафҳумҳои ба ҳам зидро ифода мекунанд [Мақсудов 1976, с.33]. Ба ибораи дигар, маънои дақиқи калима маҳз бо овардани антоними он мушаххас мегардад ва ҳар вожа ба таври ҳатмӣ антоними худро дорад. Ин на фақат дар забони тоҷикӣ, балки дар ҳама забонҳо хос мебошад. Масалан, дар забони англисӣ вожаи child агар дар муқобили калимаи ифодакунандаи бузургӣ (калонсолӣ) гузошта шавад, пас, маъноянш тифл/кӯдак мебошад, дар ҳоле ки агар дар муқобили падару модар гузошта шавад, пас, ифодагари фарзанд мегардад [عصام الدين 2005، ص.53].

ВФ таҳлилгашта дар асар нишон медиҳанд, ки ба монанди падидаи синонимия, сермаъноӣ ва вариатсияи ВФ падидаи антонимия дар байни ВФ феълӣ бештар ба назар мерасад.

Яке аз роҳҳои ба майдон омадани антонимия, чи дар сатҳи калима ва чи дар сатҳи фразеология, ин сермаъноии ин падидаҳои забонӣ мебошад [Вендина 2001, с.159]. Ҳамин аст, ки забоншниноси тоҷик Ҳ.Маҷидов барои падидаҳои сегона: сермаъноӣ, синонимия ва антонимияи ВФ робитаи зичи баҳамтаъсиррасонанда қоил аст, Чи тавре мавсуф менигорад: «Ҳодисаи

антонимияи ибораҳои фразеологии феълӣ бо ҳодисаҳои дигари семантикӣ, махсусан бо полисемия ва синонимияи фразеологӣ зич алоқаманд аст. Аксар бо ҳам ду ибораи сермаъно антоним мешавад. Аз ин ҷиҳат муайян намудани муносибатҳои байни маъноҳои ибораи сермаъно ва алоқаи яке аз маъноҳои он бо маънои антонимии ибораи дигари полисемӣ нафақат аҳаммияти назариявӣ, балки ба аҳаммияти калони амалӣ ҳам соҳиб аст. Айнан ҳамин хел ҳар яке аз ду ибораи антонимӣ ба худ силсилаи ибораҳои синонимии дигарро тобеъ карда метавонад. Дар натиҷа байни ибораҳои антонимӣ ва синонимӣ робитаҳои муайяни семантикӣ ба вуҷд меоянд. Ҳодисаи антонимияи фразеологӣ бо ҳодисаҳои полисемия ва синонимияи фразеологӣ натанҳо алоқаманд аст, вай ҳамчун яке аз меъёрҳои асосии муайян намудани ин ҳодисаҳои семантикӣ низ ба кор бурда мешавад» [Маҷидов 1968, с.196].

Инчунин, ба монанди синонимияи ВФ антонимияи фразеологизм метавонад ҳам бо калима (воҳиди луғавӣ)[1] ва ҳам бо фразоелогизми дигар сурат гирад [Ураксин 1975, с.48]. Вале забоншиносон маҳз ҳамон ҳолатеро ҳамчун антонимияи ВФ эътироф менамоянд, ки агар як ВФ на бо ин ё он воҳиди луғавӣ, балки бо ВФ дигар антоним шуда ояд [Калашник 2001, с.4].

ВФ анотимӣ дар баробари пуробуранг ва балеғтар намудани сухан, инчунин, ба хотири дақиқу расотар намудани он ба кор мераванд. Аз ҷумла, адибон барои шавқовару хонданбоб намудани асарҳои худ аз воҳидҳои луғавии зидмаъно самаранок истифода мебаранд. Ҳар қадар ки зиддият тезу тунд бошад ва он моҳирона ба қалам дода шуда бошад, ҳамон қадар мазмуну мундариҷаи асар ҷаззобу дилчасп мебарояд. Антонимҳо аз ҳодисаҳои ниҳоят инкишофёфтаи забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Онҳо бо раванди ҳодисаҳои зидди табиат ва ҷомеа робитаи бевосита доранд ва инъикосгари қонунияти ягонаи олам ва муборизаи бо ҳам зидҳо ва паҳлуҳои мухталифи он буда, он тазодҳои олами ҳастиро дар шакли воситаҳои ифоданоки луғавӣ ва ВФ акс мекунад [Гадоев 2019, с.191].

[1] Дар ҷумлаи «Писаре дар вуҷуд омад ва бимурд» [1, с.785] бевосита қарор гирифтани ВФ дар вуҷуд омаданро дар муқобили воҳиди луғавии мурдан мушоҳида карда мешавад.

Дар забоншиносии тоҷик вобаста ба чи гуна будани муносибати ҷузъҳои таркибии воҳидҳои фразеологии антонимӣ фразеологизмҳои антонимиро ба ду гуруҳ ҷудо менамоянд: 1) лексикӣ, аз қабили дил додан-дил мондан (ба маънои ошиқ шудан ва дилхунук гардидан), дасти дароз-дасти кӯтоҳ (ба маънои тавоноӣ, дорои ва нотавонию камбағалӣ), зеро онҳо аз ҷиҳати таркиб (шаклан) бо ҳам чанде монанду зидмаъноии онҳо вобаста ба маънои лексикиашон то дараҷае намоён аст; 2) семантикӣ, ки дар ин ҷо ВФ антонимӣ танҳо аз рӯйи маънои умумии таркибҳо бо ҳам муқобил гузошта мешаванд, ба монанди кӯҳро занад, талқон мешавад-аз биниаш гирӣ, ҷонаш мебарояд (ба маънои боқувват, пурзӯр ва беқувват харобу нотавон); ороми ҷон-суҳони умр (ба маънои дилнавозу ҳалим ва дилозору бедаво) [Мақсудов 1976, с.33].

Ба ибораи дигар, дар фразеологизмҳои антонимии лексикӣ яке аз ҷузъҳои онҳо (ВФ) бевосита маънои хилофи ҳамдигарро ифода карда, антоним шуда меоянд. Чунин ҷузъҳои ВФ берун аз матн низ хусусияти антонимии худро нигаҳ медоранд. Зидгузории маъно дар онҳо хеле равшан аст, бинобар ин, ба зеҳни кас чуқуртар таъсир намуда, дар он тасаввуроти зиндаву барҷастаи предмет, ҳодиса ва аломатҳои мухталифи онро эҷод мекунад [Камолиддинов 1967, с.49]. Дар ҳоле ки хусусияти антонимии гуруҳи дувум (-и семантикӣ)-и ВФ танҳо дар доираи матн муайян карда мешавад.

Забоншиносон антонимҳои ВФ-ро боз ба яктаркиба ва бисёртаркиба тақсимбандӣ менамоянд [http://schooled.ru/ukrmova/ phraseology/index.html 10.01.2020], ки аз тақисмбании лексикӣ – семантикӣ тафовути ҷиддие надорад, балки дар асоси принсипи он: дар як қолаби муайян будан ё набудани антонимҳои ВФ, инчунин, антоними якдигар будани яке аз ҷузъҳои таркибии ду ВФ ташкил ёфтааст. Масалан, ВФ бор ниҳодан: «Ва пас чун бор бинҳод, ӯро духтаре омад ва ӯро Марям ном кард» [1, с.173] антоними ВФ бор гирифтан: «Ва Шаҳриёр бо ин канизак гирд омад ва канизак аз вай бор гирифт» [1, с.299] ба шумор меравад ва бинобар дар як қолаб будани ин

фразеологизмҳо, ҳамзамон, дар таркиби онҳо мавҷуд будани антонимҳои лексикӣ: гирифтан-ниҳодан, ин ВФ-ро метавон ба гуруҳи фразеолегизмҳои антонимии лексикӣ ва ё фразеологизмҳои антонимии яктаркиба мансуб донист. Вале вақте дар муқобили ВФ бор гирифтан на ВФ бор ниҳодан, балки ВФ дар вуҷуд омадан (ба маънои таваллуд шудан) қарор мегирад: «То модари Иброҳим бор гирифт ва Иброҳим дар вуҷуд омад. Ва модараш пинҳон ҳамедошт аз бими Намруд ва мегуфт, ки: «Писаре дар вуҷуд омад ва бимурд» [1, с.785], дар ин маврид ин ВФ ба гуруҳи фразеологизмҳои антонимии семантикӣ ва ё фразеологизмҳои антонимии бисёртаркиба мансуб дониста мешаванд.

Дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» корбурди ҳар ду гуруҳи фразеологизмҳои антонимӣ: лексикӣ ва семантикӣ мушоҳида карда шуд. Аз ҷумла ВФ антонимии гардан ниҳодан: «бо эшон ҳарб кард, то гардан ниҳоданд»[1, с.348] ва гардан кашидан: «Мо битарсем, ки вай бар мо ифрот кунад, яъне андар сухан гуфтан бо мо газофкорӣ кунад ё гардан кашад бар мо» [1, с.785]; дил тоб гирифтан: «дилаш тоб гирифта буд, аз баҳри он ки аз Маккааш дармебоист гузашт» [1, с.311] – дил ором гирифтан: «то дили вай ором гирад ва ба ҷой бозояд, то чун рисолат диҳад вайро, дилаш мутмаин бошад»[1, с.786]; дил танг шудан: «Ва ин ёронро дил танг шуда буд аз баҳри зан ва фарзанд» [1, с.400] – дил хуш шудан: «Ва бад-ин оят ёрони пайғомбарро хост, то дили эшон хуш шавад» [1,с.400] намуна барои фразеологизмҳои антонимии гуруҳи лексикӣ шуда метавонанд.

ВФ чашм равшан гаштан/гардидан: «Ин пироҳани ман бардоред ва зуд бибаред бар падари ман ва бар сари вай афканед, то чашми ӯ равшан гардад» [1,с.625] ба маънои бино гардидан дар муқобили чашм рафтан: «азбаски бигиристам, ҳар ду чашми ман бирафт, бечора шудам» [1,с.625] ба маънои кӯр шудан; аз модар дар вуҷуд омадан: «Мӯсо, алайҳи-с-салом, аз модар дар вуҷуд омад» [2,с.410] антонимии аз ҷаҳон берун шудан: «Ва бад-он вақт, ки расул, салла-л-Лоҳу алайҳи, аз ин ҷаҳон берун шуд ва Абубакри Сиддиқ, разия-л-Лоҳу анҳу, ба хилофат биншаст» [1,с.103]; бар дил сард гардондан/

бар чашм зишт кардан: «Ва чун Билқис ҳамеомад, девон бар вай ҳасад бурданд ва хостанд, Билқисро бар дили Сулаймон,алайҳи-с-салом, сард гардонанд ва бар чашми вай зишт кунанд» [2, с.138] антонимии бар чашму дил ширин гардондан: «Ҳақ(к) таоло он подшоҳро бар вай меҳрубон гардонад ва бар чашму дили ӯ ширин гардонад ва ӯро аз вай ҳеҷ газанде нарасад» [1, с.138]; бар касе берун шудан: «сипоҳи Ахам ҳама яке шуданд ва бар Парвиз берун омаданд ва ӯро бигрифтанд ва маҳбус карданд» [1, с.195] антонимии бар касе рост истодан: «Ва ҷумла мардумони Мадина бар ӯ рост биистоданд ва ҳеч кас дар он ҷойгоҳ ҳеҷ кор накардандӣ бе ҳукм ва фармони ӯ» [1, с.282] қарор доранд ва намунае барои фразеологизмҳои антонимии гуруҳи семантикӣ ба шумор мераванд.

Ҳангоми таҳлили антонимияи ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мушоҳида карда шуд, ки муаллифони асар кӯшидаанд, то ҳангоми корбурди ин ё он ВФ ба гунае антонимии онро низ дар ҳамон як ҷумла бевосита пайи ҳам ва ё дар ҷумлаҳои алоҳида, вале дар як сархат, оваранд, ки ин барои расонидани маъно ва кушода додани маънои ВФ мусоидат менамояд. Масалан, дар ҷумлаи «мулкат аз дасти эшон бирафт ва ба дасти мусалмонон афтод» [1, с.298] ду ВФ: аз даст рафтан ва ба даст афтодан истифода шудааст, ки антонимии якдигаранд. Дар ҷумлаи «то Марям бор гирифт бо Исо ва ҳамчунон ҳамебуд то вақти бор ниҳодан» [1, с.182] низ ду ВФ антонимӣ: бор гирифтан ва бор ниҳодан корбурд шудааст. Даст аз дасти касе боздоштан: «Ва даст аз дасти Алӣ боздошт» [1, с.210] ва даст бар дасти касе задан: «Абдурраҳмон дасти рости хеш бар дасти рости Усмон зад ва гуфт: «Туро додам» [1, с.210] ВФ антонимиеанд, ки дар фосилаи ду ҷумла аз якдигар оварда шудаанд ва аввали ифодагари бо касе аҳд накардан ва дар дувумӣ бошад, баръакс ҳолати аҳду паймоннамоӣ тасвир гаштааст.

Дар асар ҷойи дигар ВФ дастдарозӣ кардан ва даст кӯтоҳ доштан, ки антонимии якдигарианд дар як сархат ба кор рафтаанд: «Ва се дигар ҳамчунон дастдарозӣ хост кард ва ҳамчунон дасташ хушк гашт. Ва дигар бор аз Сора

дуо хост, то дасташ нек шуд. Ва чун се бор дасти ӯ хушк шуда буд ва ба дуои Сора дуруст шуд, пас, даст аз вай кӯтоҳ кард» [1, с.403].

Агар таъбирҳои даст хушк гаштан, ки ифодагари аз кор баромадани даст аст ва даст неку шуданро, ки ифодагари шифо гаштани он аст, ҳамчун ВФ ба эътибор гирем, пас, метавон гуфт, ки дар ҷумлаҳои боло на як силсилаи антонимии ВФ, балки ду силсилаи антонимӣ истифода шудааст.

Муаллифони асар аз ВФ антонимии чашм ба ҳам ниҳодан ва чашм боз кардан дар як ҷумла истифода намудаанд: «Ман он тахти Билқис пеши ту оварам ба чандоне, ки ту чашм барҳам ниҳӣ ва боз кунӣ» [1, с.131], ки ҳар ду дар якҷоягӣ синоними ВФ чашм ба ҳам задан/турфатулайн мебошад. Ба ибораи дигар, ин ВФ антонимӣ маҳз дар якҷоягӣ ҳамчун муайянкунандаи чандон як мафҳум/ҳолатро ифода намудаанд, дар ҳоле ки агар ҷудо – ҷудо корбурд мешуданд, пас, ин маънои матлуб бароварда намешуд. Зеро чашм ниҳодан, аз як тараф, ба маънои хоб рафтан ва, аз тарафи дигар, баёнгари аз ҳуш рафтан мебошад: «Пас, суст гашт ва чашм барҳам ниҳод [2, с.208], дар ҳоле ки чашм боз кардан ифодагари бедор шудану ба ҳуш омадан ва дар мавриди масъалае огоҳӣ пайдо кардан аст: «Пас, чашм боз кард ва писари худро гуфт» [2, с.208].

Чи тавре дар боло ишора шуд, корбурди ВФ антонимии феълӣ дар асар назаррас буда, ВФ антонимии номӣ бисёр ба нудрат истифода шудааст, ки ВФ сарои охират ва сарои дунё: «ваъдаи дидори хеш муъминонро дар сарои охират кардааст, на андар сарои дунё» [1, с.437] намуна барои ВФ антонимии номӣ ба шумор меравад.

Инчунин, дар асар ВФ ҳамчун антоними феъли таркибии номӣ оварда шудааст: «Қорунро ташвирзада кард ва Мӯсоро сурхрӯй кард» [2, с.625] ба кор рафтааст. Дар ин ҷумла ВФ рӯ сурх кардан/гардонидан, ки ба гунаи сурхрӯ кардан оварда шудаву ифодагари сарбаландӣ аст, дар муқобили феъли таркибии номӣ ташвирзада кардан, ки ба маънои шарманда сохтан меояд, қарор дода шудааст.

Дар пайдоиши антонимҳои ВФ нақши пешояндҳои *аз* ва *ба* назаррас мебошад. Масалан, ба ҷойи пешоянди ба дар таркиби ВФ ба сар омад: «Он рӯз низ ба сар омад бар Ҷирҷис» [1, с.561] агар пешоянди аз-ро гузорем – аз сар омадан, таҳаввули куллӣ дар ВФ сурат мегирад, чаро ки ВФ ба сар омадан ишора ба анҷому фарҷоми касе/чизе/коре менамояд, дар ҳоле ки ВФ аз сар омадан ба оғозу ибтидо ишора мекунад.

Дар баробари ин, метавон бо истифода аз ҳиссачаи инкории «не» дар зимни воҳидҳои фразеологӣ шумораи ВФ антонимиро дар забон бештар намуд. «Бо вуҷуди он ки феълҳои тасрифшаванда бо гирифтани префиксҳои инкорӣ антоним намесозанд, дар воҳидҳои фразеологӣ агар феълҳо шакли инкорӣ гиранд, аз ҷиҳати маъно зид мешаванд ва дар ин ҳолат фразеологизмҳои антонимӣ ба вуҷуд меоянд: «чашми хат доштан»/босавод-»чашми хат надоштан»/бесавод/» [Талбакова 1990, с.49].

Пештар алоқамандии зичи антонимияи ВФ бо синонимияи ВФ таъкид гашт. Маҳз ҳамин алоқамандӣ аст, ки шумораи фразеологизмҳои синонимӣ тавассути антонимияи ВФ ва баръакс фразеологизмҳои антонимӣ бо синонимияи ВФ бештар мегардад ва ин ҳам бо илова кардани ҳиссачаи инкории «не» ба феълҳои дар зимни ВФ омада. Атрофи ин нукта дар зерфасли синонимияи ВФ ишораи намуда будем, ки фразеологизмҳои даст хомӯш доштан ва бо даст ҳадис накардан: «даст хомӯш дор ва ба даст ҳадис макун» [2, с.504] дар асл антоними якдигаранд, вале овардани ҳиссачаи «не» бо феъли ёридиҳандаи кардан ВФ мазкурро бо ВФ даст хомӯш доштан синоним гардонидааст. Ё худ дар силсилаи синонимии ВФ дар вуҷуд омадан: «Ва ин фарзанд чун дар вуҷуд омад» буд [1 с.176], аз модар ҷудо шудан: «ва чун аз модар ҷудо шуд, ҳамон гоҳ ба сухан омад» [1 с. 758] ва ғ. ҳиссачаи «не» даромада маъноро пурра тағйир медиҳад, яъне маънои синонимии яке аз ВФ ин силсиларо ба маънои антонимӣ тағйир медиҳад: дар вуҷуд наомадан: «Макка омад бо пил, пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи, ҳанӯз дар вуҷуд наомада буд» [1 с.297].

Дар асар тавассути ворид намудани ҳиссаи мазкури инкорӣ муаллифон чандин ВФ ба фразеологизмҳои антонимӣ табдил додаанд. Чунончи дар асар ВФ шоиста будани остонаи дар: Гуфт: «Чун Исмоил бозояд, бигӯй ӯро, ки марде бар ин гуна ин ҷо буд, гуфт, ин остонаи дари ту шоиста аст, нигаҳ дор» [1 с.657], боз ба гунаи шоиста набудани остонаи дар: «Иброҳим гуфт: «Чун Исмоил бозояд, ӯро бигӯй, ки: «Ман гуфтам, ки ин остонаи дари ту ношоиста аст, инро баркан ва дигар нишон» оварда шуда, бо истифодаи ҳиссачаи «не» силсилаи антонимӣ сохта шудааст. Мавриди зикр аст, ки ВФ мазкурро муаллифон аз забони Исмоил чунин шарҳ додаанд: «Исмоил гуфт: «Он мард падари ман буд – Иброҳим ва ин остонаи дар ту будӣ (муроҷиат ба ҳамсараш. С.З.), ки ношоиста будӣ. Акнун туро даст боздоштам».

Дар асар истифода аз сифатҳои ифодагари рангҳо, ки дар сохтани ВФ антонимӣ нақши назаррас доранд, аз қабили сиёҳ: сиёҳ шудан, рӯ сиёҳ шудан/гаштан, дил сиёҳ будан, сафед:сафед шудан/гаштан, рӯ сафед будан, дил сафед будан, сурх: сурх шудан/гаштан, рӯ сурх будан, зард: зард шудан, рӯ зард шудан/гаштан ва ғ. ба назар нарасид, ба истиснои ВФ гунаи рӯ зард гардидан: Иброҳим, алайҳи-с-салом, чун эшон таом нахӯрданд, аз эшон битарсид ва гунаи рӯи вай зард гашт [1 с.673], ки ифодагари хиҷолатмандиву ҳаяҷонзадагӣ ва гунае аз тарс аст, бо ВФ рӯ сурх кардан: «Қорунро ташвирзада кард ва Мӯсоро сурхрӯй кард» [2, с.625], ки чи тавре ишора шуд, баёнгари сарбаландӣ ва боландагист, ки метавон ба гунае алоқа ё худ тобиши антонимиро байни онҳо эҳсос намуд.

Дар як маврид дар асар таъбирҳои рӯ зард гаштан, рӯ сурх гардидан ва рӯ сиёҳ гардидан: «Ва аввал рӯз рӯйҳои шумо зард гардад ва дувум рӯз сурх гардад ва сеюм рӯз сиёҳ гардад, пас, рӯзи чаҳорум шуморо азоб ояд» [2, с.785] оварда шудаанд, вале аз матн маълум мегардад, ки ин таъбирҳо на ба маънои маҷозӣ, ки асоси ба фразеологизмҳо дохил шудани онҳо мебошад, балки ба маънои ҳақиқӣ ба кор рафтаанд.

Таҳлилу баррасии антонимияи ВФ дар асар нишон дод, ки ин падидаи забонӣ ба монанди ҳодисаҳои дигари забонӣ, аз қабили сермаъной,

синонимия ва вариатсияи ВФ аз ҷониби муаллифон ба таври васеъ истифода шудааст. Аз ҷумла дар байни ВФ дар асар омада 9 силсилаи антонимии фразеологӣ бо фарогирии наздик ба бист ВФ[1] маълум карда шуд, ки ин аз нигоҳи оморӣ 4 дарсади ВФ асарро ташкил медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки омори ВФ антонимӣ метавонад бо истифода аз пешоянди аз ва ҳиссачаи инкории «не» аз ҳисоби ВФ синонимӣ бештар аз он гардад, ки мо пешниҳод кардем.

Дар баробари сермаъноӣ, синонимия, вариатсия ва антонимия боз омонимияи ВФ вуҷуд дорад. Масалан, дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ҳамагӣ як воҳиди фразеологии омонимӣ бо вожаи дандон истифода шудааст, ки он ҳам таъбири дандон сафед кардан - табассум кард Сулаймон ва дандон сапед кард [1,с.97] мебошад. Воҳиди фразеологии мазкур аз воҳидҳои фразеологии сермаъно ва омонимиест, ки метавонад вобаста ба матн ба маънои ханда, хашм ва ё баёни истеҳзову шӯхӣ ба кор равад. «Дандон сапед (сафед) кардан – дандон бараҳна кардан, дандон намудан; ҳувайдо кардани дандон барои ханда ё хашм ва ё ҷуз он; хашм гирифтан, ғазаб намудан; хандидан ва табассум кардан» [Деҳхудо 1998, ҷ.7, с.11130].

Азбаски дар асар беш аз як ВФ омонимӣ пайдо нашуд, ба ҷудо намудани фасли махсусе дар рисола барои омонимияи ВФ ниёз надидем.

Хулоса, таҳлилу омӯзиши ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон дод, ки дар ин асар фразеологизмҳо аз ҷанбаҳои сермаъноӣ, синонимия, вариатсия ва антонимия бархӯдор буда, муаллифон барои балеғу расо намудани сухан аз он ба таври васеъ истифода намудаанд. Омӯзиши мавзуъ нишон дод, ки ҳодисаҳои мазкури забонӣ, аз як тараф, дар алоқамандии зичи ҳамдигарӣ қарор дошта, як ҳодиса барои пайдоиш ва ташаккули ҳодисаи дигар саҳм мегузорад, аз тарафи дигар, бо гузашти замон дар таркиб ва маънои ВФ дигаргунии ҷузъӣ ва куллие ба вуҷуд меояд, ки ин ба таҳаввули

[1] Ҳангоми шумориши силсилаи антонимии ВФ мо барои ҳар силсила ҳамагӣ ду ВФ-ро ба инобат гирифтем, дар ҳоле ки дар асар силсилаҳои антонимие ба кор рафтаанд, ки фарогири зиёда аз ду ВФ антонимӣ мебошад.

маъной, тавсеа ё танг шудани маънои ВФ, инчунин, ба васеъ ва маҳдуд шудани доираи корбурдии он сабаб мегардад.

Таҳлили фаслҳои мазкур, аслан, дар пояи ВФ дар матни асар омада, яъне на дар бахши тарҷумаи оятҳо, балки дар бахши тафсирии он сурат гирифтааст, зеро ВФ дар бахши тарҷума истифодашуда хусусияти таъсирпазирӣ аз забони арабӣ доранд ва аз фаъолияти эҷодкорӣ дида дар он ҳунари тарҷумонӣ бештар эҳсос мегардад.

БОБИ II

ИБОРА ВА ТАРКИБҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ БО ФЕЪЛҲОИ ЁРИДИҲАНДА

Ибораву таркибҳои фразеологӣ аз рӯйи сохти худ ба ибораву таркибҳои озоди синтаксисӣ монандӣ дошта, аз ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъно ташкил меёбанд, чун дар ибораву таркибҳои озод дар ин гуна ибораву таркибҳои устувор низ яке аз ҷузъҳои таркибӣ калимаи дигарро ба худ тобеъ менамояд. Аммо ҳамаи ин аломатҳо ҷиҳати зоҳирии ибораву таркибҳои фразеологиро, ки дар замина ва қолаби ибораҳои озоди синтаксисӣ ба вуҷуд омадааст, ташкил медиҳанд. Муносибати тобеи байни ҷузъҳо барои ибораву таркибҳои фразеологӣ дар аксари маврид ягон мақоме намебозанд. Ҷиҳати муҳимми ибораву таркибҳои фразеологӣ дар устувории таркиби луғавӣ ва ифодаи яклухти онҳо зоҳир мешавад. Ибораву таркибҳои фразеологӣ дар қолаби воҳидҳои рехтаи забон зуҳур карда, як мафҳуми бутунро ифода мекунанд [Бобомуродов 2016, с.132]. Ҳамин аст, ки ВФ-ро аз нигоҳи сохторӣ ба ду гуруҳи калон: ВФ феълӣ ва ВФ номӣ ҷудо менамоянд. Аз омӯзиши ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» бамреояд, ки дар ин асар шумораи ВФ феълӣ аз ВФ номӣ ба маротиб бештар мебошад, то ҷойе ки ба тахсис додани фасли вижае ба он ниёз нест. Бо назардошти ин нукта, дар ин боби диссертатсия талош карда шуд, то оид ба сохтори ибораву таркибҳои феълии дар ин асар омадашуда ба таври муфассал пажуҳиш анҷом дода шавад.

Маълум аст, ки дар ташкили ВФ феълӣ, пеш аз ҳама, ибораву таркибҳои фразеологии бо феълҳои ёридиҳанда омада мавқеи асосиро касб менамояд. Ибораву таркибҳои фразеологии феълӣ, аслан, ҳамон феълҳои таркибии номие мебошанд, ки барои ифодаи ҳолату амали гуногун корбурд шуда, яке аз бахшҳои асосии феълро дар забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд. «Феълҳои таркибии номӣ дар системаи калимасозии забони тоҷикӣ мавқеи алоҳидаро мегиранд. Онҳо сарчашмаи муҳимтрани бой шудан ва тараққӣ

ёфтани таркиби луғавии забони тоҷикӣ мебошанд (дар забони тоҷикӣ аз феълҳои сода, монанди дошт, омад, гирифт ва сохта монанди бардошт, баромад, даргирифт дида феълҳои таркибии номӣ хеле зиёданд). Текстҳои гуногунро хонда ва ё луғатҳоро аз назар гузаронида истода, ба ин факт қаноат ҳосил кардан мумкин аст. Чунончи дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ» (нашри соли 1949) феълҳои русӣ, ки дар боби ҳарфи б дохил карда шудаанд, ҳамагӣ 120-то мебошанд. Тарҷумаи тоҷикии ин феълҳоро аз ҷиҳати сохташон муқоиса кунем, маълум мешавад, ки танҳо 13-тои онҳо феъли сода буда, дигар ҳамагӣ феъли таркибӣ мебошанд. Ҳатто ба баъзе аз он феълҳои сода сохти таркибиро низ илова карда додаанд» [Ниёзӣ 1954, с.20].

Забоншиносон пайдоиши феълҳои таркибии номиро дар таърихи забонҳои гуруҳи эронӣ ҳамчун як марҳилаи нави инкишофи ин гуруҳи забонӣ ба қалам дода, ташаккули онҳоро таърихан ба суст гаштани хусусиятҳои флективӣ, яъне бо воситаи флексияю аффиксҳо ифода намудани муносибатҳои грамматикӣ ва сохтани калимаҳо, марбут медонанд. Аз ҷумла, Б.Сиёев ба ин нукта ишора карда, таъкид месозад, ки: «Ба таври таркибӣ сохтани феълҳо дар инкишофи забонҳои форсу тоҷик эволютсияи муайянеро аз сар гузаронидааст. Маъхазҳои мавҷуда шаҳодат медиҳанд, ки ин намуди феълсозӣ ҳанӯз аз охирҳои давраи қадими забонҳои форсу тоҷик шурӯъ шуда, дар такомулоти минбаъдаи ин забонҳо тадричан боз ҳам пурқувват гаштааст»[Сиёев 1968, с.126]. Ба андешаи ин донишманд, раванди мазкури феълсозӣ дар асрҳои IX-X ҳарчанд ба назар расад ҳам, вале аз матнҳои ба мо расида маълум мегардад, ки корбурди он ба таври васеъ маҳз дар асрҳои XIII сурат гирифтааст [Сиёев 1968, с.126].

Аз омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ метавон ба чунин хулоса расид, ки дар гузашта феълҳои сохта пас аз феълҳои сода, чи аз нигоҳи таърихӣ ва чи аз нигоҳи корбурдӣ, ҷойгоҳи назаррасе доштааст, вале бо таркибӣ гаштани феълҳо феълҳои сохта ҷойи худро ба феълҳои таркибии номӣ медиҳанд. Чи тавре Т.Зеҳнӣ дар робита ба ин таъкид доштааст: «Дар аввалҳои ташаккул ва инкишофи забони дарӣ (асрҳои X-XII) феълсозӣ бо префиксҳо тобишҳои

маъноии нозуку дақиқ тараққӣ ва пешрафт дошт. Дар давраи баъд аз асри XIII оҳиста-оҳиста мавқеи худро ба сохтани феъли таркибӣ вогузор кард, яъне яке аз феълҳои матлуб бо исм ё сифат ҳамроҳ шуда, феълҳои мураккаб сохта шудан гирифт» [Зеҳнӣ 1987, с.197].

Ба ибораи дигар, вақте феълсозӣ тавассути флексия ва аффиксҳо дар ҳаматарафа ва ба таври дақиқ баён намудани фикрҳо ҷавобгӯ буда натавонист, роҳи нави феълсозӣ – сохтани феълҳои таркибии номӣ ба майдон омад ва рушд кард. Ба андешаи В.С. Расторгуева ва А.А.Керимова, «дар забони тоҷикӣ феълҳои сода, аз ҷумла шаклҳои нахустини феълӣ бисёр камшуморанд. Шояд шумораи онҳо аз марзи сесад феъл нагузарад. Сохтани феълҳо тавассути пешванду пасвандҳо низ, чи тавре дида шуд, кам инкишоф ёфтааст. Ба ин тартиб, ба воситаи танҳо феълҳои сода ва бо пешванду пасвандсохта наметавон фаъолиятҳои гуногунҷанбаро баён намуд. Ин шароит боис гашт, то дар зиндагӣ феълҳои махсуси мураккаб ё феълҳои таркибии номӣ ба майдон оянд. Ин навъи таркибҳо тавассути ҳамроҳ шудани исм, сифат ва ба нудрат шумора ба яке аз феълҳо сурат мегирад» [Расторгуева 1964, с.20].

Гузашта аз ин, доду ситадҳои илмӣ-фарҳанги миёни миллатҳо ниёзҳои забонии фаровонеро дар забони гиранда эҷод мекунад ва ҳар забоне барои рафъи ин ниёзҳо ба гунаҳои мутафовит амал мекунад. Яке аз ин роҳҳо вомгирӣ аз забон ва фарҳанги дигар аст, вале чун феълро намешавад иқтибос намуд[1], пас, аҳли забон маҷбур мегардад, ки равишҳои дигареро барои таъмини мафоҳими феълӣ корбурд намоянд. Масалан, дар забони англисӣ сохтани феъли сода аз исм яке аз роҳҳои таъмини ин ниёз аст, аммо забони

[1] Аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ на фақат ҳиссаҳои номии нутқ, балки феълҳо низ, агарчи ангуштшумор ҳам бошанд, иқтибос шудаанд ва ба гунае феълияти худро аз даст додаанд. Масалан, дар “Наводир-ул-вақоеъ” истифодаи калимаи иқтибосии “яҳтамил” “يَحْتَمِلُ”ба таври густардае истифода шудааст: ...дар тараддуд меафтоданд, ки яҳтамил мисли ин чизҳо дар хорич вуҷуде дошта бошад. “Яҳтамил”, ки масдараш “эҳтимол” мебошад, феъли замони ҳозира-оянда буда, дар забони тоҷикӣ ба маъноии масдарии худ “اِحْتِمَال” ишора мекунад, ба ин маъно ки агар ба ҷойи феъли мазкур дар ҷумлаи тоҷикӣ масдари он “эҳтимол” ва ё вожаи тоҷикии “шояд” истифода шавад, дар маъноии ҷумла тағйире сурат намегирад. Ё худ калимаи “яъне”, ки пеш аз ҷумла ё пеш аз ибораи тафсилӣ меояд ва дар забони адабӣ ва гуфтории тоҷикӣ имрӯз ба таври васеъ истифода мешавад, аслан, аз феъли ҳозира-ояндаи забони арабӣ “يَعْنِي” иқтибос шудааст, вале дар чаҳорчӯбаи тоҷикӣ маъноии феъли худро аз даст додааст [Исмонов 2015, с.124-125].

форсии тоҷикӣ тамоюли сохтани феъли сода аз худ нишон намедиҳад, балки бо истифода аз хосияти таркибии худ барои расонидани мафҳумҳои тозаи феълӣ аз равиши мураккабсозӣ баҳра меҷӯяд [خويني 1989، ص.48].

Ҳамин аст, ки дар забони тоҷикӣ феълҳои таркибӣ дар муқоиса ба феълҳои сода ва сохта, ҳам аз нигоҳи шумора ва ҳам аз нигоҳи корбурдӣ, бештар ва серистеъмолтаранд. Масалан, тибқи пажуҳишҳо дар забони форсӣ феълҳои содае, ки дар гуфтор ва навиштори рӯзмарра ба кор меравад, ҳамагӣ 115 феъл будааст. Агар ба ин шумора феълҳои содаеро, ки имрӯз ҳамчун калимаҳои китобӣ шинохта мешаванд ва ё танҳо дар навиштор ба кор мераванд, илова намоем, пас, шумораи феълҳои сода дар забони форсӣ баёни 150 – 200 феъл қарор мегирад. Ба ибораи дигар, дар забони форсӣ наздик ба 200 феъли содаи фаъол вуҷуд дорад, ки аз он метавон калимаҳои муштақ ба даст овард [باطنی 1376، ص.227].

Мавриди зикр аст, ки дар феълҳои таркибии номӣ ҷузъи феълӣ маънои мустақили худро аз даст медиҳад ва ҳамчун бахши грамматикӣ ва тасрифшавандаи ҷузъи аввали таркиб мегардад. «Функсияи ёридиҳандагӣ гирифтани чунин феълҳо аз он иборат аст, ки маънои луғавии онҳо суст мешавад ва онҳо маънои нав – маънои грамматикӣ мегиранд, нишондиҳандаи категорияи грамматикии калимаи томмаънодори дигар мешаванд. Онҳо ёридиҳандаи морфологӣ буда, ифодакунандаи категорияҳои грамматикии калимаи алоҳида мешаванд. Дар вақти ба вазифаи феъли ёридиҳанда омадани масалан феълҳои кардан, шудан суст гардидани маънои луғавии онҳо аз он низ маълум мегардад, ки феъли кардан дар алоҳидагӣ бо феъли намудан умумияте надорад, аммо ҳар ду феъл дар ҳолати феъли ёридиҳанда шуда омадани худ аз ҷиҳати функсия ба якдигар монанд гардида ва ба ҷойи якдигар омада метавонанд» [Ниёзӣ 1954, с.38].

Ба ибораи дигар, «феълҳои таркибӣ дар услуб ва жанрҳои гуногуни адабӣ, инчунин, дар забони зинда васеъ кор фармуда мешаванд. Феълҳои ёридиҳанда бо феълҳои маънодор пайваста, ба маънои аслии феълҳо тобишҳои нав медиҳанд, маънои тозаи онро ошкор месозанд. Ғайр аз ин, бо

маъно ё тобишҳои нави маъноӣ феъл сохта, ифоданок ва таъсирбахш мегарданд» [Камолиддинов 1967, с.105].

Мусаллам аст, ки таркибҳои фразеологӣ бо феълҳои ёридиҳанда аз нигоҳи сохтор аз феълҳои таркибии номӣ на танҳо тафовуте надоранд, балки аслан ҳамон феълҳои таркибии номиеанд, ки ба маънои маҷозӣ далолат мекунанд. «Як гуруҳ таъбирҳо ба шакли феълҳои мураккаби номӣ[1] кор фармуда мешаванд. Онҳо аслан ба гуруҳи феълҳои мураккаб дохил шаванд ҳам, ба воситаи тобиши маънои як андоза маҷозии худ хусусияти идиомагӣ пайдо мекунанд. Азбаски тобеияти ҳиссаи исмӣ ва феълии ин шаклҳо нисбатан устувор аст, одатан чунин таркибҳоро якҷоя ба ҳисоб мегиранд ва онҳо дар нутқ аз ҷумлаи ибораҳои характернок ба шумор мераванд. Фарқи шаклии инҳо аз феълҳои мураккаби номӣ аз ин иборат аст, ки дар нутқ аксарияташонро таркибан аз ҳам ҷудо кардан мумкин аст» [Маъсумӣ 2013, с.176].

2.1. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи *кардан*

Мусаллам аст, ки ба сифати феъли ёридиҳанда дар забони тоҷикӣ маҳз феълҳои сода баромад мекунанд. Вале на ҳама феълҳои сода метавонанд ба унвони феъли ёридиҳанда истифода шаванд. Чунончи аз наздик ба сесад феъли содаи тоҷикӣ ҳамагӣ наздик ба 15 феъл метавонад ҳамчун феъли ёридиҳанда истифода шавад, илова бар он, ки аз ин шумора низ ҳамагӣ панҷ-шаш феъл дар таркибсозии феъл фаъол буда, боқимонда дар ин маврид ба нудурат ба кор меравад. Аз роиҷтарин феълҳои ёридиҳандаи забони форсии тоҷикӣ феъли кардан мебошад, ки дар ин ҷо ба таври муфассал атрофи сайри таърихӣ ва нақши он дар сохтани ибораву таркибҳои фразеологӣ пажуҳиш сурат гирифтааст.

Феъли **кардан** аз феълҳои серистеъмол дар забони форсии тоҷикӣ буда, дар забони миёна чун ёридиҳанда низ истеъмол мешудааст [Сиёев 1968, с.132]. «Кардан, ки имрӯз ғолибан ҳолати феъли муайян дорад, дар қадим ҳам

[1] Н.Маъсумӣ аз феълҳои таркибии номӣ бо истилоҳи феълҳои мураккаби номӣ ёд намудааст.

ба маънии мазкур ва ҳам ба маънии мустақил меовардаанд. Чун «фалон подшоҳ шарҳе бикард», ки имрӯз гӯянд: «шаҳре бино кард ва ё обод кард». Дар забони паҳлавӣ ин феъл мустақил дар биноҳо ва ғолиби аъмол ба тариқи истиқлол зикр мешудааст… Ва ин қоида дар давраи аввал то давраи дувум роиҷ буд ва ба тадриҷ дар ин маворид **«кард»**-ро ивази феъли муайян зикр карданд ва истеъмоли мустақили он феъл аз миён рафт» [بهار 1375، ج.1، ص.349].

Шарқшиносон ва забоншиносони тоҷик низ ба таърихияти ин феъл ишора кардаанд. Чунончи Л.С.Пейсиков ва Ш.Ниёзӣ дар робита ба он навиштаанд, ки **кардан** аз калимаҳои қадимтарин аст, дар форсии миёна ва Авесто реша – **кар** дар ҳамон маъно форсиии миёна картан. Ҳолатҳои сершумори грамматизатсияи **кардан** дар забони форсии ҳозира натанҳо мавқеи онро мустаҳкам намудаанд, балки ин феълро ба воситаи муҳимтарини сохти грамматикӣ баргардонидаанд [Пейсиков 1952, с.56; Ниёзӣ 1954, с.39].

Р.Ҷӯраев бо таҳлили этимологияи феъли **кардан** ба таҳаввули таърихии он ишора кардааст: «Кардан – иҷро намудани амале ё коре. Таърихан ҳам калима бо кор ҳамреша аст. Решаи калима дар забонҳои эронии қадим ва форсии тоҷики қадим – **кр**. Дар дараҷаи якуми реша: кр-тана- кардан; сифати феълӣ низ аз ҳамин дараҷаи реша: кр-та-кард; кр-така-кардаг-карда. Аммо дараҷаи дуюми реша **кара** ва сеюм **кора** ҳамчун **кор** инъикос меёбад. Дар забони ҳозираи тоҷикӣ маънии луғавии феъли **кардан** суст шуда, истеъмоли он ҳамчун ҷузъи калимасоз васеъ шудааст: кор кардан, иҷро кардан. Замони ҳозираи феъл асоси суплетивӣ (гуногунреша) дорад: **кор мекунам** (аз реша **кн**); дар забони қадимаи форсии тоҷикӣ **акунавам** (ба туфайли аугменти **«а»** ифодаи замони гузашта)» [Ҷӯраев 1985, с.16].

Забоншиноси эронӣ Ҳумоюн Фаррух ба маънои мустақили ин феъл ишора карда, онро муодили пурраи феълҳои арабии амила **(عَمِلَ)** ва фаъала **(فَعَلَ)**, ки ифодагари анҷом додану ба ҷо овардан мебошанд, ба қалам додааст [فروخ 1364، ص.903], дар ҳоле ки забоншиноси дигари эронӣ Парвиз Нотил Хонларӣ танҳо аз маънои ёридиҳандагии он ёдовар шудааст: «феъли кардан

роиҷтарин ҳамкард (феъли ёридиҳанда С.З.) дар форсист. Ин феъл ҳам бо исм, ҳам бо сифат таркиб мешавад ва дар ҳамаи маворид танҳо вазифаи ҷузъи сарфӣ мешавад, чунонки гоҳе таркиби исми масдар бо ин феъл ҷонишини феъли сода мешавад» [،2.ج،1345 خانلري 129.ص].

Таҳлили маонии феъли **кардан** дар ФЗТ ва ФТЗТ нишон дод, ки дар ин фарҳангҳо ҳамагӣ аз се то шаш маънои ин феъл: 1. ба ҷо овардан, анҷом додан (кореро). 2. сохтан, бино кардан. 3. тайёр намудан, ҳозир намудан. 4. ҷой додан; даровардан; андохтан ба ҷое; омехтан. 5. гузоштан, тиққондан (даст ё ангуштро) ва 6. ҳамчун феъли ёридиҳанда феълҳои таркибии номӣ месозад [ФЗТ 1969, ҷ.1, с.540; ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.596] оварда шудааст, дар ҳоле ки дар «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ»[1] ба даҳ маъно истифода шудани он дар ашъори Рӯдакӣ ишора гаштааст [Нуров 1990, с.125].

Таҳлили ВФ дар асар нишон дод, ки дар наздик ба шашсад ВФ дарасаромада дар ҳаштод мавридаш феъли ёридиҳандаи **кардан** бо маонии гуногунаш истифода шудааст. Аз ҷумла, дар ВФ **даст ба касе дароз кардан**: «то Ҳамза ба Макка буд, ҳеҷ кас аз бими Ҳамза даст бар Паёмбар дароз натавонистӣ кардан» [1, с.776] ва **даст аз касе кӯтоҳ кардан**: «Ва чун се бор дасти ӯ хушк шуда буд ва ба дуои Сора дуруст шуд, пас, даст аз вай кӯтоҳ кард» [1, с.403] феъли кардан ба маънои феъли **сохтан** омадааст. Ба ин маъно, ки агар ба ҷойи феъли **кардан** дар чунин маврид феъли сохтанро гузорем, дар маъно на фақат халал ворид намегардад, балки расонидани маъноро дар зеҳн расотар месозад.

Қобили зикр аст, ки феъли **кардан** дар ВФ **даст кушода кардан**: «Ва ин сураи Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи, ба Мадина фурӯ омадааст андар он вақт, ки Пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва салламро, даст гушода карданд ва дастурии ҳарб карданд бо кофирон [2, с.486] ва раҳо кардан: «ва малик қасд кард, ки ӯро пеши хеш оварад ва бо вай наздикӣ кунад ва духтар раҳо намекард» [1, с.177] ба маънои **иҷозат додан** омадааст ва агар феъли

[1] Муқоисаи корбурди феълҳои ёридиҳанда дар фарҳанги мазкур, пеш аз ҳама, ба хотири муосир будани Одамушшуаро Рӯдакӣ бо таълифу тарҷумаи “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” сурат гирифтааст.

таркидии иҷозат доданро ба ҷойи **даст кушода кардану раҳо кардан** гузорем, дар маъно халале ворид намегардад, ҳарчанд аз нигоҳи обуранги бадеӣ метавонад халал ворид шавад. Аммо дар ВФ зеру забар кардан: «Ва он хонаҳо дид, ҷумла хароб гашта ва зеру забар карда» [1, с.140] ва сурхрӯй кардан: «то Худои азза ва ҷалла Қорунро ташвирзада кард ва Мӯсоро сурхрӯй кард» [1, с.625] феъли ёридиҳандаи **кардан** ба маънои **гардонидан** омадааст. Ҳамзамон, дар ВФ **дил бо касе як кардан**: «Ва эшон шаш тан буданд ва Худой мар эшонро ҷавонмард хонд, аз баҳри он ки дил бо вай яке карданд» [1, с.728] феъли **кардан** далолат ба маънои **гардонидан** менамояд.

Мавриди зикр аст, ки ҳарчанд **дил бо касе як кардан** варианти **даст бо касе як кардан**: «Пас, Худои азза ва ҷалла фармуд, мар Иброҳимро, алайҳи-с-салом, то биравад ва бо Исмоил даст яке кунад ва он ҷо, ки Байтулмаъмур буд, яке хона бино кунад» [1, с.658] будаву **ифодагари бо касе мувофиқат кардан** бошад ҳам, вале аз матн маънои дигари он: **дил ба касе супоридан** фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, метавон хулосагирӣ намуд, ки ҳарчанд феъли **кардан** дар ВФ **дил бо касе як кардан** ба маънои феъли **гардонидан** бошад ҳам, вале бинобар тақозои матн метавон гуфт, ки он ба маънои феъли **супоридан** омадааст.

Касеро дар дили касе ширин кардан аз ВФ дигарест, ки дар асар тавассути феъли **кардан** ба кор рафтааст: «Нӯҳ бар кабӯтар дуои неку кард, гуфт: «Худой туро андар дили халқ ширин кунод» [1, с.580]. Дар ин ҷо феъли **кардан** ба маънои феъли **гардонидан** омадааст. Таъйиди ба маънои феъли **гардидан** омадани феъли кардан дар ин ҷо боз ВФ антонимии ин ВФ, ки дар асар ба сурати **бар дили касе сард гардонидан**: «ва хостанд, Билқисро бар дили Сулаймон, алайҳи-с-салом, сард гардонанд» [2, с.138] буда метавонад, чаро ки **сард** дар ин ҷо зидмаънои калимаи ширин буда, дар натиҷа ВФ **дили касеро сард гардонидан** дар асар антоними ВФ **касеро дар дили касе ширин кардан** мебошад.

Дар асар ВФ **чизеро ба гардани касе кардан**: «Умар гуфто: «Ё Абдуллоҳ, ман ин кори мусалмонон ба гардани ту андар хоҳам кардан, чӣ

гӯй?» [2, с.207] омадааст, ки аслан варианти **чизеро ба гардани касе ниҳодан** ва **ба гардани касе чизе бор кардан** буда, ифодагари **чизеро ба уҳдаи касе гузоштан**, ичрои **чизеро ба касе супурдан** ва **касеро ба ичрои чизе вазифадор кардан** мебошад [Фозилов 1962, с.209]. Яъне, дар ВФ мазкур феъли ёридиҳандаи **кардан** ба маънои **ниҳодан** ва **гузоштан омадааст**, чаро ки маънои маҷозии **ба гардани касе чизе гузоштан/ ниҳодан** маҳз аз маънои ҳақиқии он ки бархоста аз феъли гузоштану ниҳодан аст, гирифта шудааст.

«Ҳар исми маънии форсӣ (тоҷикӣ С.З.), мегӯяд Парвиз Нотили Хонларӣ, чи басит ва чи муштақ аз феъл ва ҳамаи масдарҳои арабӣ, ки дар форсӣ (тоҷикӣ С.З.) исми масдар шумурда мешаванд, бо ҳамкарди кардан таркиб мешаванд ва феъли мураккаб месозанд» [،2.ج،1345 خانلري 130.ص].

Бар пояи ин таъкиди забоншиноси эронӣ метавон гуфт, ки аслан феълҳои таркибии номие, ки тавассути масдарҳои арабӣ ва феъли **кардан** сохта мешаванд, гунае аз тарҷума ва муодили феълҳои арабӣ ба шумор мераванд. Масалан, феъли таркибии номии **таслим кардан**, ки аз ду ҷузъ: масдари навъи дувуми арабӣ – **таслим (تَسْلِيْم)** ва феъли ёридиҳандаи **кардан** иборат аст, ифодагари супурдан, тамоми ихтиёри чизеро ба касе вогузор намудан [ФТЗТ 2008, ҷ.2, с.320] буда, муодили пурра ва тарҷумаи феъли навъи дувуми арабӣ саллама (سَلَّمَ) аст, ки дар баробари ифодаи салому дуруд гуфтан боз ба маънои **супоридан, додан, вогузор кардан** (чизеро ба дасти касе إلى) [Сулаймонӣ 2010, с.565] меояд.

Бо назардошти гуфтаи боло, таркибҳои **таслим кардан**, **талаб кардан** ва **эҳтимол кардан** феълҳои таркибии номиеанд, ки аз масдарҳои арабӣ ва феъли ёридиҳандаи **кардан** сохта шудаанд ва ба маънои ҳақиқӣ омада, ҳеҷ гуна ифодагари маънои ташбеҳӣ, маҷозӣ, истиоравӣ ва киноявӣ нестанд, то ба ВФ дохил шаванд. Вале бо илова шудани калимаи **руҳ** ва **дил** ба ин таркибҳо, аллакай, онҳо ба гуруҳи таркибу ҷумлаҳои фразеологӣ дохил мешаванд. Чунончи таркиби **руҳ таслим кардан**: «Ва шашум, он-к ба хонаи ман руҳ таслим кард» [1, с.513] ҳамчун таркиби фразеологии феълӣ ва

таркибҳои дил эҳтимол кардан: «Ва он гаҳ чун падарамро кушта бошанд, тарсам, ки кушандаи падарро бозкушам, ки дилам эҳтимол накунад, ки кушандаи падарро даст боздорам» [1, с.285] ва **дил талаб кардан**: «Ва Эзид таборак ва таоло ва тақаддус на фарзанд куштан аз Иброҳим талаб ҳамекард, балки дили ӯ талаб ҳамекард» [2, с.355] ҳамчун ҷумлаҳои фразеологӣ баромад менамоянд.

Дар асар таркиби **қаҳр кардан** истифода шудааст. Маъноҳои асосии вожаи арабии **«қаҳр»** 1) **ғалаба, ғолибият**; 2) **ҷабр, зулм** аст. Он баъдтар дар забони форсӣ-тоҷикӣ ба маънои **хашм, ғазаб, ситеза** серистеъмол гардидааст. Таркиби **«қаҳр кардан»** ба маънои калимаи **«қаҳр»** асос ёфта, дар забони адабии ҳозира ба маънои хафа шудан, ба ғазаб омадан роиҷ аст, дар забони пешин бошад, **«қаҳр кардан»** маънои **зер карда гирифтан**, **нобуд карданро** низ дорад [Шарифова 2012, с.32]. Дар асар феъли таркибии номии **қаҳр кардан** ба ду маъно: а) **озор додан** ва б) **нест кардан** корбурд шудааст. «Ва хостаи ятимонро қаҳр макун» [2, с.730], аслан, дар тафсири сураи «Зуҳо» оварда шудааст ва дар он оят ишора мегардад, ки ятимонро маёзор ва такя ба маонии оят метавон гуфт, ки дар матни асар низ ҳамон маъно риоят шудааст. Вале дар ҷумлаи «Акнун эшонро боз бояд гардонид, то мо ҷодувонро бихонем аз ҳар атрофе, то ӯро ба ҷодуӣ қаҳр кунанд»[2, с.168] **қаҳр кардан** ба **шикасту мағлуб кардан** ва, ҳамзамон, ба **несту нобуд кардан** ишора менамояд. Аз ин рӯ, агар дар маонии аввал танҳо ҳамчун феъли таркибии номӣ баромад намуда бошад, пас, дар маънои баъдӣ ифодагари маънои маҷозӣ – фразеологӣ мебошад.

Кор кардан дар забони тоҷикӣ ба ду маъно: а) **бо амале машғул шудан, меҳнат кардан**; б) **киноя аз таъсир бахшидан, асар кардан** [ФТЗТ 2008, ҷ.2, с.623] меояд. Таркиби мазкур дар асар маҳз ба маънои киноявӣ истифода шудааст: «Пас, он башарият бар Мӯсо кор кард» [1, с.436]. Аз ин рӯ, дар ин ҷо метавон онро аз гуруҳи ВФФ асар ба қалам дод.

Феълҳои таркибии номие, ки тавассути феъли **кардан** ба майдон омадаанд, метавонанд монда ва гузаранда бошанд ва ин, пеш аз ҳама, ба

ҷузъи номии ин гуна таркибҳо вобастагӣ дорад. «Аммо ҳамаи феълҳои мураккаб (феълҳои таркибии номӣ С.З.), ки бо ҳамкардани **кардан** сарф мешаванд ва маънии мутааддӣ (гузарандагӣ С.З.) доранд, низ дорои як сурати лозим ҳастанд, ки бо **шудан** таркиб мешавад ва дар ин ҳол аст, ки **шуданро** ба қиёси кардан бояд аз навъи ҳамкарда ба шумор овард» [خانلري 1345،ج.2،ص.153].

Такя ба ин, ВФ **касеро дар дили касе ширин кардан**, ки дар асар истифода шудаву [1, с.580] аслан ба гузарандагӣ далолат мекунад, дар сурати далолат ба лузумӣ (мондагӣ) намудан ба гунаи **касе дар дили касе ширин шудан** меояд.

Воҳиди фразеологии дигаре, ки бо феъли **кардан** дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» корбурд шудааст, ин таъбири **«касеро бар по кардан»** кардан мебошад, ки тибқи сиёқи матн ба маънои **«касеро уҳдадор/ масъул/вазифадор намудан»** омадааст, дар ҳоле ки дар имрӯз дар забони тоҷикӣ корбурди **«бар по кардан»** ба назар мерасад, вале на ба маънои дар боло зикршуда, балки ба маънои **«барангехтан ва ташкил намудан»**, аз қабили **фитнае/маъракае/мушкилие бар по кардан**.

2.2. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *намудан*

Дар баробари феъли ёридиҳандаи **кардан** дар забони тоҷикӣ феъли ёридиҳандаи намудан низ серистеъмол мебошад. Феъли **намудан** «ҳамчун феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ ба ҷойи «кардан» меояд» [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.895] ва «дар ҳама маворид ҷонишини кардан метавонад шуд» [خانلری 1365، ج.2، ص.134]. «Феъли ёридиҳандаи **кардан** бо якчанд феълҳои ёридиҳандаи дигар иваз шуда метавонад, вале аз ҳама зиёдтар ҳамчун синоними феъли ёридиҳандаи **кардан** ёридиҳандаи намудан ба кор бурда мешавад... ва бисёртар дар нутқӣ китобатӣ кор фармуда мешавад» [Ниёзӣ 1954, с.40,43].

Ба ғайр аз ин, ба ҷойи якдигар омадани феълҳо барои ба вуҷуд омадани мафҳуми ифоданокӣ саҳм мегузоранд, зеро дар вақти ба ҷойи як феъл истеъмол намудани феъли дигар бисёртар маънои кӯчида ба назар меояд. Дар маънои кӯчида бошад, хусусиятҳои метафорагӣ зоҳир мегарданд. Хусусияти ифоданокии феълҳо бошад, дар вақти ҳамчун метафора истифода гардиданашон муайянтар мегардад [Ҳусейнов 1973, с.113-114].

Омӯзиши феъли **намудан** нишон медиҳад, ки ба фарқ аз дигар феълҳои ёридиҳандаи тоҷикӣ феъли **намудан** дар ин самт таърихи тулоние надорад. Ба ин нукта М.Баҳор ишора карда, нигоштааст: «Феъли **«намудан»**, ки аз қарни ҳаштум ба баъд доираи истеъмолаш васеъ гардида, ба ҷойи феъли **«кардан», «сохтан», «гардонидан»** ва **«намудан»** ба кор меравад, дар давраи аввал ба маънои ҳақиқии феъл, яъне нишон додан, ироа кардан ва ошкор сохтан ба кор мерафтааст. Агар нудратан ба ҷойи феъли муин (ёридиҳанда С.З.) ва ба маънои маҷозӣ ба кор бурда мешуд, дар ҷойе буд, ки **«намудан»** ва нишон додан аз он мустафод гардад ва ин феъл танҳо ба сурати феъли муин ба кор намерафта, балки худ феъли мустақил ва ҳақиқӣ будааст» [بهار 1375، ج.1، ص.345]. Дар ашъори Рӯдакӣ низ феъли **намудан** ба шаш маъно корбурд шудааст, ки ҳамагӣ ифодагари намудору ошкор шудан ва нишон додан буда [Нуров 1990, с.163], мустақилияти маъноии ин феълро таъйид менамояд.

Ба андешаи забоншиносон зиёд шудани феълҳои таркибии номӣ бо феъли ёридиҳандаи **кардан** сабаб гаштааст, ки нависандагон ба истифодаи феъли **намудан** ба ҷойи он ҳамчун феъли ёридиҳанда иқдом намоянд. «Истеъмоли **ҳамкард** (феъли ёридиҳанда С.З.)-и намудан ба ҷойи **кардан** дар осори давраи аввали форсии дарӣ (яъне аз оғоз то нахустин солҳои қарни ҳафтум) камтар аст ва сипас чун феълҳои мураккаб бо **кардан** фаровон мешавад, нависандагон барои парҳез аз такрори калима бештар **ҳамкарди** намуданро ба ҷойи **кардан** меоваранд, то он ҷо ки дар насри муосири форсӣ **намудан** дар ҳамаи маворид метавонад ҷонишини **кардан** бошад» [خانلری 1365، ج.2، ص.134-135].

Феъли **намудан** дар таркиби ВФ асар ҳамагӣ як маротиба – ба чашм ҳамчун мурча намудан: «Пас, як рӯз аз ду манзиле, ки ба шаҳри ҷабборон монда буд, ин дувоздаҳ нақибро бидид ва рӯй сӯйи эшон ниҳод ва эшонро бигирифт ва эшон ба чашми ӯ ҳамчун мӯрчагон менамуданд» [1, с.79] истифода шудааст ва чи тавре дида мешавад, дар ин ҷо ба маънои мустақили худ, ки ҳамон пайдо шудану намудор гаштан аст, ба кор рафтааст.

Чунин корбурди феъли **намудан** бори дигар ба ин нукта ишора месозад, ки раванди ташаккули феълҳои таркибии номӣ дар умум ва феъли таркибии номии **намудан** ба таври махсус дар асрҳои баъд аз таълифу тарҷумаи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» сурат гирифтааст.

2.3. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи *омадан*

Дар асар истифодаи феъли омадан назаррас буда, дар 34 маврид дар таркиби ВФ ба кор рафтааст. Феъли омадан аз феълҳои сермаънои забони тоҷикӣ ба шумор рафта, дар фарҳангномаҳо аз 5 то 17 маънои мустақили он оварда шудааст [ФТЗТ 2008, ҷ.2, с.28; ФЗТ 1969, ҷ.2, с. 915-916; Нуров 1990, с.181-182].

Омӯзиши таърихи феъли **омадан** нишон медиҳад, ки истифодаи ин феъл дар забони тоҷикӣ бархилофи истифодаи феъли **намудан** будааст. Ба ин маъно, ки дар забони давраи нахустин истифодаи феъли **омадан** ҳамчун феъли ёридиҳанда роиҷ будааст. «Феъли **«омадан»** ва **«будан»**- ро гоҳе ба тариқи муин ва гоҳ ба тариқи мустақил ба кор мебурданд. Байҳақӣ феъли **«омадан»**-ро дар мозиҳои маҷҳул зиёд ба кор бурдааст, Балъамӣ ва «Таърихи Систон» ба ҷойи **«шудан»** ғолибан **«бибудан»** бо **«б»**-и таъкид овардаанд ва он дар ҷоест, ки **«шудан»** маънои ҳақиқии худро надорад» [بهار 1375، ج.1، ص.344].

Нуктаи мазкур аз ҷониби донишмандони дигар низ таъйид гашта [Сиёев 1968, с.140], ҳамзамон, ишора мегардад, ки ин феъли ёридиҳанда баъд аз асри 13 кам-кам мансух шуда, дар замонҳои ахир истеъмоли он ҳамчун феъли ёридиҳанда бисёр нодир гаштааст [خانلری 1365، ج.2، ص.134-135].

Ба сар омадан аз ВФ-ест, ки дар асар корбурд шудааст: «Он рӯз низ ба сар омад бар Ҷирҷис» [1, с.561] ва дар ин ҷо феъли **омадан** ба маънои феъли **шудан** аст, яъне ба сар омадани рӯз ба маънои бегоҳ шудани рӯз мебошад. Дар ФЗТ ВФ **сар омадан** (бе овардани пешоянди ба) ба ду маънои ба ҳам зид: **сар омадан** а) **шуруъ шудан, оғоз шудан**; б) **тамом шудан, ба поён расидан** [ФЗТ 1969, ҷ.2, с.916] оварда шудааст. Дар асар, чи тавре ишора шуд, танҳо варианти **ба сар омадан** истеъмол шудааст, ки корбурди пешоянди ба дар ин ҷо духӯрагии маъноро аз байн бурда, ба маънои **тамом шудану ба поён расидани коре/чизе** ишора месозад.

Таъбири **ба даст омадан**: «як рӯз рӯза доштанд ва эшонро чаҳор қурси ҷавин ба даст омада буд» [1, с.697] ҳарчанд дар вазну сохтор аз ВФ **ба сар**

омадан тафовути чандоне надошта бошад ҳам, вале дар ифодаи маъно тафовути куллӣ дорад. Дар ин ВФ феъли омадан на ба маънои шудан, балки ба маънои **овардан**: **ба даст омадан/ба даст овардан** мебошад. Имрӯз дар забони тоҷикӣ ВФ **ба даст омадан** корбурд мешавад, вале ҳатман пеш аз он ягон калимаи дигаре ба кор меравад ва дар ин маврид муродиф ба феъли таркибии номии **ҳосил шудан** меояд, ба монанди **гавҳар/лаъл ба даст омадан**, натиҷа ба даст омаданд ва ғ.

Дар асар феъли таркибии номии **гирд омадан** ба ду маънӣ истифода шудааст: 1) ҷамъ шудан: «ҳама ба як ҷо гирд омаданд ва Абусуфён ибни Ҳарбро ба расулӣ пеши Пайғомбар, алайҳи-с-салом фиристоданд» [2, с.603]; 2) ҳамхоба шудан: «Ҳанзала имшаб ба ман гирд омада буд ва ҳанӯз ғусл накарда буд» [1, с.235].

Мавриди зикр аст, ки дарки тобишҳои маъноии ин феъл, аз як тараф, аз матн ва равиши калом мушаххас шавад, аз тарафи дигар, худи таркибҳои «ба як ҷо» ва «ба касе» дар муайянсозии маонии он мусоидат менамояд.

Феъли омадан дар таркибҳои фразеологии асар ба маънои намудор/ошкор ва зоҳир гаштан низ омадааст. Аз ҷумла дар ВФ ба чашми касе наку омадан: «бар чашми Сулаймон сахт неку омад» [2, с.139] ва сафедӣ бар сар омадан: «Ман чунон гаштам, ки устухонҳои ман суст гашт ва сапедӣ ба сари ман андар омад» [1, с.750] ин нукта таъйиди худро меёбад. Хусусан, дар ВФ сафеди ба сар омадан бе душворӣ метавон дарк кард, ки феъли омадан дар он ба маънои зоҳир шудану ошкор гардидан аст.

ВФ **аз касе ба дард омадан**: «Оишаро, разийа-л-лоҳу анҳо, аз Пайғомбар, салла-л-лоҳу алайҳи, дард омад» [2, с.47] ба маънои **аз касе ранҷидан ва хафа шудан** буда, имрӯз гунаи дигари он **дили касе ба дард омадан** роиҷ аст.

Феъли **омадан** дар асар ҳамчун феъли ёридиҳанда ба маънои **зодан/зода шудан/таваллуд шудан** низ омадааст: «Ва мар Исҳоқро аз ин зан ду писар омад ба як шикам» [1, с.595].

Берун омадан: «Ва дигар пеш аз он, ки то Пайғомбар, алайҳи-с-салом, аз пушти падар берун омад» [2, с.559] ба маънои **берун шудан** буда, дар ин ҷо низ феъли **омадан** ба ҷойи феъли **шудан/баромадан** корбурд шудааст. Таркиби **берун шудан** вобаста ба истифода шуданаш бо пешояндҳои аз ва бар тағйири маъно менамояд. Агар дар ВФ боло **берун шудан** бо пешоянди аз ифодагари **баромадан** ва **зода шудан** бошад, пас, бо пешоянди **бар** омада: «сипоҳи Аҷам ҳама яке шуданд ва бар Парвиз берун омаданд» [2, с.195] ифодагари маънои **шӯришу исён ва алайҳи касе баромадан** мебошад.

Таркиби **фол омадан**, ки натиҷаи **фол задан** мебошад, дар асар истифода шудааст: «В-аз баҳри ин гуфтанд, ки бар тани хеш фоли бад набояд задан, ки он фол биёяд»[1, с.611]. Дар ин ҷо феъли **омадан** ба маънои **амалӣ шудан/дар амал пайвастан** мебошад.

Дар асар таркибҳои дигаре, аз қабили **аз модар ба вуҷуд омадан**: «Ва Пайғомбар, алайҳи-с-салом, ба рӯзгори Нӯшервон дар вуҷуд омад аз модар» [1, с.291]; **аз чизе бозпас омадан**: «Иблис чун донист, ки фариштагон бо вай ёр нестанд, аз он қавл бозпас омад [1, с.670]; **ба овоз омадан**: «он баррабирён ба овоз омад» [2, с.200]; **ба дил омадан**: «Ман чунин ба хоб дидам, маро ба дил чунон ҳамеомад, ки мо ин ҳисор натвонем гушодан, бибояд рафтан» [1, с.533-534]; **ба нолиш омадан**: «ва ҳам дарҳол он кӯҳ дар нолиш омад» [2, с.90]; **меҳнат пеш омадан**: Пас, он рӯзгор, ки ӯро он меҳнат пеш омад, гуфт, ки: «Ин он рӯзгор аст» [2, с.112] ва ғайра ба кор рафтааст, ки аз серистеъмолии феъли мазкур дар рӯзгори тарҷумаву таълифи ин асар шаҳодат медиҳад.

Шояд бархе аз ин таркибҳо дар замони муосир ба маънои луғавӣ истифода шаванд, вале дар асар дар мавриди ҳамчун ВФ омадани онҳо шакке буда наметавонад.

2.4. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *задан*

Феъли **задан**, чи ба маънои мустақил ва чи ба маънои ёридиҳанда, дар асар ба таври васеъ истифода шудааст. Феъли мазкур аз феълҳои сермаънои забони тоҷикӣ ба шумор меравад, чунончи дар ФЗТ 13 маънои он [ФЗТ 1969, ҷ.1, 430] оварда шудаву дар ФТЗТ бошад, ба 23 маънои ин феъл ишора гаштааст [ФТЗТ 2008, ҷ.1, 503].

Феъли задан дар асар аз ҳама бештар ҳамроҳи калимаи даст оварда шудааст, аз қабили **даст ба касе задан**: «даст ба малики Рум заданд» [1, с.192]; **даст ба дасти касе задан**: даст бар дасти амирулмуъминин Умар, разийа-л-Лоҳу анҳу, ҳамезаданд [2, с.617]; **даст ба чизе задан**: даст бад-ин сиёҳӣ, ки бар сапедӣ набиштааст, андар задаем [2, с.645]; **дасту по задан**: «Шамсун бедор гашт, дасту пой бизад, он расан бигусаст» [1, с.555], «Ва дасту пой ҳамезаданд ва бисёр кас буд, ки сар аз тан ҷудо шуда буд [1, с.487].

Дар таъбирҳои мазкур феъли **задан** аз маънои ҳақиқии худ ба маънои маҷозӣ гузаштааст, ба ин маъно, ки **даст ба касе/чизе задан** метавонад маънои воқеӣ дошта бошад, дар ҳоле ки дар ин ҷо танҳо маънои маҷозии он ба кор рафтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар таркибҳои феъли **даст ба касе задан**, **даст ба дасти касе задан** ва **даст ба чизе задан** як навъ ифодагари **аҳд бастану кумак хостан**, ҳамзамон, далолат ба **пойбанд будан ба чизе** менамояд, дар ҳоле ки таркиби **дасту по задан бошад**, ба ду маъно ишора месозад: 1) **талоши кушодани гиреҳ** ва **начот ёфтан**, чунончи дар мисоли аввал дида мешавад; 2) **дар сакарот қарор доштану ба истилоҳ ҷон кандан**, ки мисоли дувум ҳокии он аст.

Дар таъбири **аз девор ба девор задан**: «бод аз паси эшон бад-он хонаҳо андар ҳамешуд ва эшонро бармедошт ва аз он девор бар дигар девор бармезад, то ҳамаро пора-пора кард ва ҳама устухонҳошон пӯсида кард» [2, с.86] феъли **задан** ба маънои ҳақиқии худ омадааст.

Фол задан, ки ба маънои тасодуферо пешакӣ нишонаи оқибати нек ё бади коре ҳисоб кардан [ФТЗТ 2008, ҷ.2, с.406] меояд, дар асар истифода шудааст: «Ё Одам, ман туро фоле бизанам» [1, с.471]. Ҷойи дигар ба ин

таъбир калимаи бад – **фоли бад задан**, илова шудааст: «В-аз баҳри ин гуфтанд, ки бар тани хеш фоли бад набояд задан, ки он фол биёяд» [1, с.611]. Дар забони навишторӣ ва гуфтории имрӯзи тоҷик аз таъбири **фол задан** дида таъбири **фол дидан** истифодаи бештар дорад ва сарфи назар аз тобишҳои маъноӣ ин ду таъбир ба ҳамдигар муродиф ба шумор мераванд.

Дар асар феъли **задан** ба маънои **дуздидан**, **ғорат кардан**, **дузд задан дузд рабудан, дуздида бурдан**; **ба сирқат рафтан**; хонаи касеро **задан** хонаи касеро **ғорат** кардан, чизҳои хонаи касеро **дуздида бурдан** [ФТЗТ 2008, ҷ.1, 503] омадааст ва он ҳам дар таркиби феъли **корвон задан**: «ва эшон он корвонро бизаданд в-он мавиз аз эшон бистаданд. Акнун бинамоем ӯро чӣ гуна корвон занад» [1, с.208].

Инчунин, бо феъли **задан** дар асар таркибҳои **раъй задан**: «Ва он Дорун-надва саройи мушоварат буд, ки ҳар гоҳ ки машварате кардандӣ ва раъйе задандӣ, бад-он сарой рафтандӣ» [1, с.305] ва **таъна задан**: «Пас, чун Умарро он таъна заданд ва ҳол бар ӯ бигардид» [1, с.352] истеъмол шудааст. Мавриди зикр аст, ки таркиби **раъй задан** ифодагари андешаронӣ кардан ва чораҷӯӣ кардан буда, феъли **задан** дар он аз маънои ҳақиқии худ дур шудааст, аз ин рӯ, ин феълро метавон феъли ёридиҳанда ва вобаста ба маҷозияте, ки дар ин таркиб аст, онро метавон таркиби фразеологӣ номид. Таркиби **таъна задан** дар забони тоҷикӣ ҳамчун ВФ ба маънои **сарзаниш кардану маломат намудан** [ФТЗТ 2008, ҷ.1, 503] истеъмоли васеъ дорад, вале дар мисоли овардашуда ва умуман дар матни асар маънои ҳақиқии он ки ба **ханҷар задан** аст, истифода шудааст. Аз ин рӯ, ҳамчун таркиби фразеологӣ шарҳ додани он ба назар мантиқӣ намерасад. Аммо дар тарҷумаи оятҳо дар ду маврид таркиби **таъна задан** ба кор рафтааст: «ва таъна зананд ва забон бозкунанд ба бад гуфтан ва айб» [1, с.490] ва «ва ма таъна занед танҳои шумо якдигарро ва махонед якдигарро ба лақабҳо» [2, с.521], ки дар ҳар ду ифодагари **сарзанишу маломат** буда, калимаи **таъна** дар таркиби он ба маънои маҷозӣ корбурд шудааст ва такя ба ин метавон онро ҳамчун ВФФ шуморид.

Ҳад задан, ки ҳамчун истилоҳ ифодагари уқубату муҷозоти шаръӣ дар бораи гунаҳкору муҷрим аст [451.ص ،1389 عميد], дар асар оварда шудааст: «ва эшонро ҳадди қазф бизаданд ва ин ҳадис кӯтоҳ шуд» [2, с.48]. Ҳарчанд ҳадди **қазф** дар алоҳидагӣ аз феъли **задан** истилоҳи шаръӣ будаву фразеологиягуна ба назар расад ҳам, вале дар асар ба ин шакл – ВФ номӣ оварда нашудааст. Вале вобаста ба истилоҳ будани ин таркиб онро метавон ба гуруҳи фразеологизмҳо дохил намуд.

Дар асар бо феъли **задан** 16 ибораву таркиби фразеологӣ сохта шудааст ва чи тавре аз мисолҳо маълум мегардад, робитаи маъноии феъли **задан** дар ин таркибҳо ба гунае ба маънои мустақилу ҳақиқии он омадааст.

2.5. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи *гирифтан*

Феъли **гирифтан** аз феълҳои серистеъмол дар асар ба шумор меравад ва беш аз 30 таркиб бо ин феъл сохта шудааст. Ҳарчанд феъли **гирифтан** муодили феъли **ахаза (أَخَذَ)**-и арабӣ будаву ба мисли ҳамтои арабияш бо масдарҳо якҷоя омада, сар шудан ва давом доштани амалро фаҳмонад ҳам[1] [ФТЗТ 2008, ҷ.1, 325], аз қабили **барф боридан гирифт**, **лашкарҳо омадан гирифт** ва ғ. [بهار 1375، ج.1، ص.351], вале дар асар чунин корбурди онро пайдо накардем.

Дар асар таркиби домани касеро **гирифтан** истеъмол гаштааст, ки ба маънои а) аз паси касе рафтан, пайравӣ кардан ба касе; ба касе илтиҷо бурдан; б) даъвогар шудан, муддаӣ будан; касеро гунаҳгор шумурдан [ФТЗТ 2008, ҷ.1, 461] меояд: «Ҳоҷар андар хаст ва домани Иброҳим, алайҳи-с-салом, бигирифт» [1, с.655]. Дар ин ҷо метавон гуфт, ки феъли **гирифтан** ба маънои феъли **доштан** омадааст. Таркибҳои **домани касеро гирифтан** ва **домани касеро доштан/аз домани касе доштан** вариантҳои якдигарӣ мебошанд.

Дар таркиби **ришу гиребони касеро гирифтан**: «Ва Мӯсо ришу гиребони Ҳорун бигрифт ва гуфт: «Чаро чун ин қавм гӯсола парастиданд, ту пеши ман наёмадӣ ва маро огоҳ накардӣ?» [1, с.331], ки ба ҷангу даъво намудан далолат мекунад, феъли **гирифтан** ба маънои ҳақиқӣ ва мустақили худ омадааст. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик маънои мазкур бо таркиби **аз гиребони касе гирифтан**: **ба касе дарафтодан**, **ба касе даъво кардан**, **муддаӣ шудан** [ФТЗТ 2008, ҷ.1, 324] ифода карда мешавад.

Таркибҳои **қарор гирифтан**, **ором гирифтан** ва **қасоват гирифтан**, ки дар онҳо феъли **гирифтан** ифодагари маънои **шудан** аст, маҳз бо илова гаштани калимаи **дил** ба онҳо ба ВФ табдил ёфтаанд, аз қабили **дил қарор гиритфан**: «ҳар сухан, ки аз касе бишнавад ва он сухан ӯро хуш ояд, хоҳад, ки сухангӯяндаро бубинад, то **дили ӯ қарор гирад** ва он сухан ҷойгиртар

[1] Х.Ҳусейнов дар ин маврид феъли гирифтанро дар қатори бандакҳо қарор дода навиштааст: “Дар забонамон баъзе феълҳое ҳастанд, ки онҳо низ мисли бандакҳо дар матн ифодаи лексикии худро тамоман гум карда, ҳамчун ёридиҳандаи феълӣ истифода мешаванд... Яке аз чунин феълҳо феъли гирифтан аст... “гирифтан” маънои аслии худро тамоман гум кардааст. Дар матн вай ҳамчун префикси “ме” барои ифодаи давомдорӣ ва мӯлкаратии амал далолат мекунад” [Ҳусенов 1973, с.111].

бошад» [1, с.435]; **дил ором гирифтан**: «Эзид, таоло ва таҷаддаса, хост, ки вайро машғул кунад, то дили вай ором гирад ва ба ҷой бозояд» [1, с.786]; **дил қасоват гирифтан:** «Чун таомҳои лавнолавн хӯрӣ, дил қасоват гирад ва ибодат натавон кардан»[2, с.118].

ВФФ дар **дил гирифтан**: «Бояд ки шумо ҳалокати Муҳаммад андар дил нагиред, ки то ман зинда бошам ва то аз Бани Ҳошим як кас монда бошад, ҳеч кас заҳра надорад, ки андар Муҳаммад нигарад бар вай зишт» [2, с.18] дар ин матн ба маънои **андеша кардану нақша кашидан** истеъмол шудааст, дар ҳоле ки имрӯз то ҷойе ин воҳиди фразеологӣ тағйири маъноӣ карда, ишора ба **кина гирифтан** менамояд.

Калимаи **дин** бо феъли **гирифтан** омада, маънои **пайравӣ аз дин карданро** ифода менамояд, чунончи дар ин мисолҳо дида мешавад: «Эшон ҳама (аз) дини ҷуҳудӣ даст бидоштанд ва дини тарсоӣ гирифтанд» [1, с.190]; «Ва Худой туро чӣ додааст, то бидонем в-аз ин даст боздорему дини ту гирем» [1, с.557].

Таърих гирифтан, ки ба маънои **муайян намудани вақт** ва **оғоз кардани солшуморӣ** аз он мебошад, воҳиди фразеологӣ ба шумор рафта, дар асар ҳамчун варианти **таърих ниҳодан** омадааст: «Ва расми Арабу Аҷам чунон бувад аз паси Пайғомбар, алайҳи-с-салом, ҳар он ҳангоме ки вақиате афтодӣ, таърих аз он ҷо гирифтандӣ... Гуруҳе ин таърих аз вақти Тӯфони Нӯҳ ниҳодандӣ ва гуруҳе низ аз вақти вафоти Одам ниҳода буданд» [1, с.514].

Ҳарчанд дар фарҳангномаҳои маънои таркиби **бор гирифтан** пайдо карда нашуд, вале дар гуфтори мардум ба маонии **ба як тараф майл намудану кач шудан** (девор, дарахт ва ё чизе ба ин монанд), ҳамзамон, ба маънои **ягон чизе харидан** ва гоҳе ба маънои **бордор шудан** ба кор меравад, дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ин таркиб ба маънои ҳомиладор шудан оварда шудааст: «Пас, Ҷибрил ба Марям андар дамид, то Марям бор гирифт бо Исо» [1, с.182].

Мусаллам аст, ки илова шудани ин ё он пешванду пасванд ба калима ба тағйири маъноӣ ва ҳадди ақал ба тобиши маъноӣ бурда мерасонад. Феъли

мазкур бо тағйир ёфтани пешванду пасвандҳо ба тағйири маъно дучор гардидааст. Дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», умуман дар қадим шаклҳои **баргирифтан, андаргирифтан, даргирифтан, бозгирифтан, вогирифтан, фурӯгирифтан** ва ғ. мутадовилу маъмул будааст [351.ص،1.ج ،1375 بهار].

Феъли **баргирифтан**, ки тавассути илова намудани пешванди **бар-** ба феъли гирифтан (бар+гирифтан=баргирифтан) сохта шудаву дар асар ҳамон маънои гирифтанро медиҳад, дар таркибҳои **бор баргирифтан**: «Ва зани Имрон бор баргирифт» [1, с.751]; **дил аз ҷони хеш баргирифтан:** «Усмон, разийа-л-Лоҳу анҳу, донист, ки эшон вайро ёрӣ нахоҳанд додан, дил аз ҷони хеш баргирифт» [2, с.222] ва **по баргирифтан**: «ва пой баргирифт ва сабук ҳамерафт башитоб [1, с.308] ба кор рафтааст.

Мавриди зикр аст, ки ВФ **бор баргирифтан** варианти **бор гирифтан** аст ва далолат ба **бордору ҳомиладоршавӣ** менамояд. ВФ **дил аз ҷони хеш баргирифтан** варианти ВФ дигар – **дил аз ҷони хеш бардоштан**: «Пас, ҳама ёрон дил аз ҷони хеш бардоштанд» [2, с.507] мебошад. Имрӯз ВФ мазкур роиҷ набуда, ба ҷойи он ВФ **дасту дил шустан** (аз коре, чизе), ки ифодагари 1) **аз касе, чизе рӯ тофтан**; 2) **нисбат ба касе меҳру муҳаббати худро гум кардан, дилхунук шудан**; 3) **ба чизе, касе боварӣ, эътиқоди худро гум кардан;** 4) **аз чизе, касе ноумед шудан, умеди худро кандан** [Фозилов 1962, ҷ.1, с.305] мебошад ва ВФ **даст аз ҷон (-и ширин) шустану тан ба тақдир додан**, чи дар забони навишторӣ ва чи дар забони гуфторӣ, мавриди истифодаи бештар қарор доранд. Дар асар ВФ **дил аз ҷони хеш баргирифтан** ба маънои **ноумед шудан** омадааст.

Дар асар **пой баргирифтан** ҳамчун варианти **пой бардоштан**: «Ва Пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи, пиндошт, ки Абубакр аз пеш рафтааст ва пой бардошт ва гарм меравад» [1, с.308] ба кор рафта, ба маънои ба роҳ баромадану ба шитоб рафтан истифода шудааст.

ВФ **ангушт (-и рост) ба дандон гирифтан**: «нигоҳ кард ба гӯшаи хона мар падари хешро дид Яъқуб, алайҳи-с-салом, ки аз гӯшаи хона берун омад ва ин ангушти рост ба дандон гирифт» [1, с.606-607] ишора ба он месозад, ки

феъли **гирифтан** дар таркиби ин ВФ ба маънои мустақили худ омадааст, вале худи раванди амал ба маҷоз омадани он далолат мекунад. Ба ин маъно, ки воқеан, **сари ангушт бо дандон гирифта мешавад**, вале мақсуд аз он дар ин ҷо газидану хоидани ангушт не, балки ҳамчун ифодагари тааҷҷуб ва ё баёнгари монеъ шудан аз ин ё он кор мебошад.

Пешванди феълсози **андар**, ки шакли дигари пешванди дар [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.67] будаву ба аввали феъл омада, ба он тобиши маънои наве мебахшад, ба қавли П.Н.Хонларӣ «(андар) ба куллӣ матрук аст ва сурати ҷадидтари он – дар – ба маънои дохил (мебошад С.З.) ва андарун низ мутадовил нест» [Зеҳнӣ 1987, с.192].

Ин пасванд дар аввали феъли **гирифтан** омада феъли **андаргирифтанро** ба майдон овардааст ва аз нигоҳи маъноие, ки аз равиши калом ва матн бардошта мешавад, ифодагари ҳамон маънои феъли **гирифтан** аст. Масалан, дар ВФ **ба забон андаргирифтан**: «занони Миср аз ин кор огоҳ шуданд ва мар Зулайхоро ба забон андаргирифтанд» [1, с.609], агар ба ҷойи феъли андаргирифтан феъли содаи гирифтан гузошта шавад, дар маънии ВФ ва услуби баёни он дигаргуние ба миён намеояд, зеро дар ҳар ду маврид мақсуд аз ин ВФ ифодаи ғайбатнамоиву аз паси касе бад гуфтан мебошад.

Кор бо касе андаргирифтан: «дар Макка ба сахтӣ ва ранҷ ба сар ҳамебурд, то бо аҳли Мадина кораш андаргирифт ва ҳиҷрат кард ва аз Макка ба Мадина рафт» [1, с.148] аз ВФФ дигарест, ки дар асар истифода шудааст ва ишора ба мувофиқа расидан дар масъалае бо касе/ гуруҳе менамояд.

Умуман, дар асар таркибҳои феъли тавассути феъли **гирифтан/ баргирифтан/андаргирифтан** зиёд буда, бештар аз вазифаи ёридиҳандагӣ дида ба маънои маҷозӣ омадани он назаррастар аст. Илова бар ин, таҳлили ВФФ бо феълҳои **баргирифтан/андаргирифтан** нишон медиҳад, ки агар ба ҷойи онҳо феъли гирифтан гузошта шавад, дар ифодаи маъно ҳеҷ халале ворид намешавад.

2.6. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феълҳои ёридиҳандаи *гаштан/ гардидан*

«Феъли **гаштан** имрӯз мунҳасир дар феъли муин мебошад, ки ба маънии сайрурат ва ба амал омадан оваранд, чун «рӯз шаб гардид», «дарахт сабз гашт» ва ғ., ки ҳамаи инҳо феъли мураккаб аст» [349.ص ،1.ج ،1375 بهار].

Дар асар таркибҳои фразеологии гунаи **рӯйи касе зард гаштан** [1, с.673], **дилаш ба касе мубтало гаштан** [2, с.109], **дили касе нарм/орамида гаштан** [1, с. 203, 692], **дили касе шикаста гаштан** [2, с.276], **кори касе қавӣ гаштан** [2, с.527], **устухонҳои касе суст гаштан** [1, с.750] ва ғ. оварда шудааст. Мазмуни ин ВФФ ишора месозанд, ки дар ин ҷо феъли **гаштан** ба маънои лузумият (мондагӣ)-и феълӣ омадааст ва агар ба ҷойи он феъли шуданро ба кор барем, ҳеҷ халале ба маъно ворид намешавад. Ҳамин аст, ки агар **ба ҷойи гунаи рӯии касе зард гаштан гунаи рӯи касе зард шудан** истифода шавад, маънои ВФ мазкур тағйир намеёбад, балки ҳар ду ин таркиб вариантҳои якдигарии фразеологӣ ба шумор мераванд. Ё худ ВФФ **зеру забар гаштан**: «кори ӯ зеру забар гашт ва ба оқибат ӯро бад-он сифат ҳалок карданд» [2, с.313] ва **зеру забар шудан**: «Ва чун гӯрҳо зеру забар шавад» [2, с.710] ҳар ду варианти якдигарӣ ба шумор мераванд. Ҳамгунии маъноии ин ду феъл ба хотири кас ҳамгунии феълҳои ахавоти **кона (كان)**[1]-и арабиро меорад, ки қариб онҳо (феълҳои силсилаи **كان ва ахавоташ**) ба маънои **шудану гаштан омада**, баёнгари як маъноянд.

Дар асар таркибҳои **димоғ гардидан**: «Мабодо ки шумо ба сухани ӯ фирефта шавӣ, ки ин девонае аст ва димоғаш гардидааст» [2, с.553], **дил нарм гардидан**: «ва бубинад он тавозуи эшон, то магар дилаш нарм гардад» [1, с.808], **чашм равшан гардидан**: «ва бар сари вай афканед, то чашми ӯ равшан гардад» [1, с.627] оварда шудааст.

---

[1] **كان وأخواتها** як силсилаи феъли дар забони арабӣ мебошад, ки ба чумлаи исмӣ даромада, мубтадоро рафъ ва хабарро мансуб гардонида, нахустиро исм ва дувумиро хабари худ мегардонад. Дар арабшиносии тоҷик барои ин истилоҳи наҳви арабӣ истилоҳоти хоҳарони кона, ҳаммаслакони кона ва ҳамгунони кона муодилсозӣ шудааст ва чи тавре дида мешавад, ҳамагӣ тарҷумаи калкавии ҳамон истилоҳи арабӣ мебошанд. Вале аз назари инҷониб истилоҳи ҳамгунони кона ҳамчун муодили истилоҳи арабии **كان وأخواتها** қарор дода шавад, муносибтар аст.

Муқоисаи ВФФ бо феъли **гардидан** ва **гаштан** нишон медиҳад, ки мутарҷимон/мусаннифони асар дар бештари маврид ҳангоми дар замони гузашта нишон додани таркибҳои фразеологии бо феъли **гаштан/ гардидан омада** аз феъли **гаштан истифода намудаанд**, аз феъли **гардидан** бошад, ҳангоми ба замони ҳозира-оянда ишора кардан ва ё ба шакли аорист омаданаш ба кор бурдаанд. Ҳамин аст, ки дар ҷумлаи «ва бар сари вай афканед, то чашми ӯ равшан гардад» [1, с.627] аз феъли **гардидан** истифода шудааст, вале дар ҷумлаи «Падарашон ҳамон гаҳ чашм равшан гашт» [1, с.627] феъли **гаштан** ба кор рафтааст, дар ҳоле ки дар ин ҷо агар замони гузаштаи феъли **гардидан** истифода мешуд, халале дар маъно пайдо намегашт.

Таркибҳое, ки бо феълҳои **гаштан** ва **гардидан** сохта шудаанд, далолат ба маънои мондагӣ менамоянд, зеро худи ин феълҳо феълҳои мондаанд. Феъли **гардонидан/гардондан** шакли гузарандаи феъли гаштан/гардидан аст. Ҳосили таркиби ин феъл ҳамеша гузаранда аст ва дар ин маврид он муодил бо феъли кардан, ки ба маънои гузарандагӣ меояд, ба шумор меравад [خانلری 1365]، ج.2، ص.157. Нуктаи мазкурро корбурди феълҳои **гардонд/гардонид** ва кардан дар асар таъйид менамояд: «ва он ҳафт шаҳристони эшон зеру забар гардонид» [2, с.185] ва «ва зеру забар кард ва ҳама ҳалок шуданд» [1, с.675]. Дар ин ду ҷумла **зеру забар гардонидан** ва **зеру забар кардан оварда** шудааст, ки ҳар ду ифодагари як маъно, варианти якдигарӣ ва аз ҳама муҳим шакли гузарандаи таркиби **зеру забар гаштан/шудан** мебошанд.

Хулоса, агар ВФФ бо феълҳои **гаштан/гардидан** бинобар мондагӣ ба феъли шудан ҳаммаъно бошанд, пас, ВФФ бо феълҳои **гардонидан/ гардондан** дар гузарандагӣ ҳамсанги феъли кардан ба шумор мераванд.

2.7. Ибора ва таркибҳои фразологӣ бо феъли ёридиҳандаи *кашидан*

«Устувор будани феъли номӣ ба андозаи абстракт гардидани ҷузъҳои он вобаста аст. Дараҷаи абстраксия дар ҳама феълҳои ба вазифаи ёридиҳанда кор фармуда мешудагӣ як хел нест. Дараҷаи абстраксия дар феълҳои ёридиҳандаи **кардан** ва **шудан** зиёд бошад, дар феъли **кашидан**, ки ин ҳам ба вазифаи феъли ёридиҳанда кор фармуда мешавад, як хел нест, устувории феъли номӣ бо феъли ёридиҳандаи **кашидан**, агар ҷузъи номи исми конкрет бошад, кам **(монанди папирос кашидан, чилим кашидан, расм кашидан)**, агар ҷузъи номӣ исми абстракт бошад, зиёд аст: **оҳ кашидан, азоб кашидан ва** м. ин» [Ниёзӣ 1954, с.43].

Феъли **кашидан** аз феълҳои серистеъмоли забони тоҷикӣ ба шумор рафта, дар «ФТЗТ» ба 16 маънои он ишора шудааст [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.606]. Ин феъл муодили ҷазбу имтидод ва тамдид, ки ҳамагӣ аз арабӣ иқтибос шудаанд, буда, дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба таври васеъ истифода шудааст. Масалан, дар ҷумлаи зер: «Пас, Эзиди таоло пас аз он ки пайғомбарони вай, алайҳиму-с-салом, чандин меҳнат кашиданд, аз он кофирон кина бикашид, чунонки аз баҳри Одам, алайҳи-с-салом, Иблисро ба лаънат кард» [2, с.185] ду феъли таркибии номӣ бо ёрии феъли **кашидан: меҳнат кашидан** ва **кина кашидан** оварда шудааст, ки метавон ҳар дуро чун ВФФ шуморид. ВФФ **меҳнат кашидан** дар ин ҷумла ба маънои ранҷу азоб дидан ва мавриди шиканҷа қарор гирифтан буда, ВФФ **кина кашидан** ифодагари қасду интиқом гирифтан мебошад[1].

Дар асар таъбири бало кашидан, ки ба маънои **меҳнат кашидан** аст, дар як ҷумла оварда шудааст: «то бидонӣ, ки пайғомбарон, алайҳиму-с-салом, чӣ меҳнат кашиданд аз қавмони хеш ва чанд бало бад-эшон расид ва кашиданд» [1, с.784]. Ба назари инҷониб, барои дар як ҷумла такрор наовардани таркиби **меҳнат кашидан** таркиби дувумро ба гунаи **бало**

[1] Дар маънидод кардани ВФФ кина кашидан ба қасду интиқом гирифтан, аз як тараф, ба “Луғатномаи Деҳхудо”–кин кашидан: интиқом кашидан, хунхоҳӣ кардан, талаби хун кардан [دهخدا، 1998 18854.ص.12.ج] ва, аз тарафи дигар, ба тарҷумаи соҳибони “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ”: “Ва чун ба андӯҳ оварданд моро, кина кашидем аз эшон, ғарқа кардем эшонро ҳама” [2,с.459], ки ин таркибро ҳамчун муодили феъли “اِنْتَقَمْنا” овардаанд, такя карда шудааст.

кашидан овардаанд ва боз ба хотири такрор нашудани калимаи бало ба як бор овардани он иктифо варзидаанд ва ин гуна ҳазфҳои калимаву таъбирҳо ҷиҳати парҳез аз такрор дар забони тоҷикӣ роиҷ мебошад. Агар чунин таъвил дуруст наояд, пас, овардани феъли **кашидан** дар ин маврид аз саҳви қалами нассохони ин асар дарак медиҳад.

ВФФ **гардан кашидан**: «андар сухан гуфтан бо мо газофкорӣ кунад ё гардан кашад бар мо» [2, с.785] аз таркибҳои дигарест, ки дар он феъли **кашидан** на ҳамчун феъли ёридиҳанда, балки ҳамчун феъли асосӣ омадааст, вале на ба маънои ҳақиқӣ, балки ба маънои маҷозӣ. Ба таъбири дигар, **гардан кашидан** дар ин ҷо на ба маънои гарданро дарозу баланд кардан, балки баёнгари сарпечию саркашӣ дар баробари кореву сухане мебошад.

Дар як ҷумла: «Пас, Мӯсо, алайҳи-с-салом, аз баҳри он ки ӯро надида буд бар он гуна ҳеҷ бор, даст дар остини пашмина кашид, то онро бигирад ва чун Худои азза ва ҷалла ӯро гуфта буд, ки «ло тахаф»- «матарс», наметарсид, валекин аз баҳри тавозуъ даст ба остин даркашид» [2, с.161-162] ду таркиб: **даст дар остини пашмина кашидан** ва **даст ба остин даркашидан омадааст**, ки ҳар ду ифодагари як ҳолатанд, дар ҳоле ки дар таркиби дувум феъли сохтаи **даркашидан** ба кор рафтааст. Имрӯз ин ду таркиб метавонад ба маънои ВФФ ояд, чаро ки **даст дар остин кашидан/даровардан** ё таъбир аз тарс аст ва ё сардии сахт. Вале дар асар ин таркибҳо ба маънои ҳақиқӣ – тасвири ҳолати Мӯсо (а) ҷиҳати ба даст гирифтани асо, омадаанд ва феълҳои **кашидан** ва **даркашидан** низ на ҳамчу феъли ёридиҳанда, балки ҳамчун феълҳои асосӣ ба кор рафтаанд.

Хулоса, бо феъли **кашидан** низ дар асар чанд ВФФ омадааст, ки бархе ба мустиқилияти маъноии ин феъл ва бархе дигар ба ёридиҳанда будани он далолат мекунанд.

2.8. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи *шудан*

Дар забони тоҷикӣ феъли **шудан** серистеъмол буда, онро забоншиносон ҳамчун ифодагари ҳолати мафъулӣ дар муқобили ҳолати фоъилӣ, ки феъли ёридиҳандаи кардан баёнгари он аст, қарор додаанд. «Феълҳои ёридиҳандаи **шудан** ва **кардан** серистеъмолтарини феълҳои ёридиҳандаи забони тоҷикӣ мебошанд. Феъли ёридиҳандаи **кардан** тарзи актив ва феъли ёридиҳандаи **шудан** тарзи пассиви феъли номиро месозанд. Аз ҳамин ҷиҳат онҳо ба ҳам муқобил меистанд» [Ниёзӣ 1954, с.40].

Ба ҳамин нукта Х.Ҳусейнов низ ишора карда, навиштааст: «Як хусусияти ифоданокии ёридиҳандаи **«шудан»** феълҳои монда сохтани он аст. Феълҳои монда: **ҳозир шуд**, **озод шуд**, **тайёр шуд**, **бекор шуд** ва ғайра нишон медиҳанд, ки амал бевосита ба иҷрокунандаи кору ҳаракат вобаста аст. Таъсири амал ба объект намегузарад. Нависанда бо ин феъл бевосита субъектро ба ҳаракат медарорад. Феълҳои монда бештар барои ифодаи ҳолат, махсусан, ҳолатҳои табиӣ кор фармуда мешаванд» [Ҳусейнов 1973, с.113].

Ба фарқ аз ин донишмандон, П.Н.Хонларӣ шуданро аз феълҳои ёридиҳанда намешуморад, ба андешаи мавсуф: «шудан аз ҷумлаи феълҳои иснодист, яъне ориз шудани ҳоле ё сифатеро ба ниҳоди ҷумла нисбат медиҳад. Дар ин маврид монанди будан аст ва онро ҳамкард набояд шумурд» [خانلری 1365، ج.2، ص.151]. Ба таъкиди ин донишманд вақте феъли **шудан** бо сифати мафъулии феълҳо омада, шакли маҷҳулии феълро ифода кунад, ба монанди **сохта шудан**, дар он сурат онро метавон ҳамчун феъли ёридиҳанда шуморид [خانلری 1365، ج.2، ص.152].

Дар асар таркибҳои ҳадис фош шудан: «Пас, чун ин ҳадис ба Яман дар фош шуд, номаи Шерӯй расид сӯи Бозон» [1,с.296], кор қавӣ шудан: «Ва кори Муовия қавӣ шуд ба рӯзгори Усмон, разийа-л-Лоҳу анҳу» [2,с.213], кор ба сар шудан: «Ва он гаҳ ба мадоро кор бо эшон ба сар намешуд, то ҳарбҳо кард [2,с.737], тофта шудан[1]: «Пас, дигар рӯз Нӯшервон тофта шуд аз баҳри

[1] Тофта шудан (сифати феълии замони гузашта аз феъли тофтан+шудан) дар аввал ВФФ ба назар намерасад, вале бо назардошти ифодаи маҷозии он – андӯҳгин шудан, онро метавон аз ВФФ ба қалам дод.

он хоб» [1,с.291], хун баста шудан: «хуни ӯ баста шуд ва шамшер аз гардани ӯ бийуфтод ва моли ӯ бар ёрон ва умматони Муҳаммад ҳаром гашт» [1, с.102], кор рост шудан: «Ва чун Муовия аз дунё бирафт ва Язид биншаст, кор бар ӯ рост шуд» [2, с.530], ҳадис кӯтоҳ шудан: «ва эшонро ҳадди қазф бизаданд ва ин ҳадис кӯтоҳ шуд» [2, с.48], ҷон аз касе ҷудо шудан: «ду бор даҳани муборакаш фароз кард ва бозкард ва ҷон аз ӯ ҷудо шуд» [2, с.495] ва ғ. омадааст. Таҳлили ин таркибҳо нишон медиҳад, ки феъли шудан дар ин асар ба маъноҳои гуногун омадааст. Масалан, дар таркибҳои ҳадис фош шудан, кор қавӣ шудан ва тофта шудан ба маънои феъли гардидан омадааст.

Аз дидори касе/чизе сер нашудан аз ВФ машҳури забони тоҷикӣ аст, ки имрӯз низ мавриди истифодаи ом қарор дорад. Ин ВФ-ро мутарҷимон дар тасвири ибодатгоҳи сохтаи Абраҳа овардаанд, ки аз шукӯҳу шаҳомати он бино дарак медиҳад: «Пас, халқон рӯй бад-он хо ниҳоданд ва ҳар кас, ки он ҷо ҳамедид, ҳеч аз дидори он сер намешуд» [2, с.745].

Феъли шудан ба ҷуз маънои грамматикӣ маънои луғавӣ ҳам дорад, ки будан, анҷом ёфтан, рафтан, равон гаштан, гузаштан, аз ҳоле ба ҳоле гардидан, аз даст рафтан, мурдан аз ҷумлаи он аст [Зеҳнӣ 1987, с.212; ФТЗ 1969, ҷ.2, с.606]. Феъли мазкур дар ашъори Рӯдакӣ ба 9 маъно истифода шудааст [Нуров 1990, с.288], ки аз корбурди васеъ ва сермаъноии он дар асрҳои IX-X мелодӣ дарак медиҳад. Масалан, феъли шуданро дар таркиби аз дунё берун шудан [1, с.82] метавон ба маънои рафтан шарҳу тавзеҳ дод, ба гунаи аз дунё берун рафт, чаро ки дар асар дар баробари ин таркиб боз таркиби аз дунё бирафт [1, с.338] бисёр истифода шудааст. Дар ҷумлаи «ҳама ба якдигар рост шуданд ва пеши ин меҳтар шуданд» ду таркиб: ба якдигар рост шудан ва ба пеши касе шудан омадааст, ки нахустӣ ба маънои бо якдигар иттифоқ кардан ва дувумӣ боз ҳам баёнгари маънои рафтан аст.

Тамоми корбурди шудан дар таркибҳои боло аз феъли асосӣ будани он дар замони тарҷума/таълифи ин асар дарак медиҳад ва бори дигар ин нуктаро таъйид месозад, ки ҳамчун феъли ёридиҳанда истеъмол гардидани феъли шудан аз ибтидои давраи нав ба назар мерасад [Насимов 1995, с.76].

2.9. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *мурдан*

Дар забони тоҷикӣ агар феъле бошад, ки муродифоти фразеологияш ба сад ВФФ ва ё бештар аз он расад, бе шак ин феъли мурдан аст. Зеро мардум барои расонидани ин хабари бад аз тахбироти гуногун ва дархӯр ба ҳар мавзеъ истифода мекунанд. Ҳарчанд феъли мурдан дар забони тоҷикӣ аз шумори феъли ёридиҳанда набошад ҳам, вале гоҳе бо маънои маҷозӣ ва гоҳе бо корбурди махсус дар эҷоди ВФФ саҳм гузоштааст. Масалан, дар ҷумлаи «малики Ҳабаша худ ба ниҳон ба Паёмбар гаравида буд ва бар мусалмонӣ мурд ва Паёмбар бар вай намоз кард» [1, с.828] таркиби бар мусулмонӣ мурдан на аз тарки дунёву мурдан, балки аз имондориву мусулмонии мутаваффо хабар мерасонад. Ё таркибҳои ба як бор мурдан ва пок мурдан дар ҷумлаи «марг бад-эшон даррасид ва ҷумла ба як бор бимурданд бе ҳеч беморӣ. Ва як шахс аз он чандон ҳазор мард, ки берун рафта буданд аз миёни эшон, ҷон набурд ва зинда намонд ва ҷумла пок бимурданд» [1, с.124] ба ду нукта далолат мекунанд: ҳамагӣ якҷоя ва дар як вақт гузаштанд. Дар таркиби пок мурдан калимаи пок на ба маънои тозаву озода ва бегуноҳ, балки ба маънои ҳамагӣ ва пурра омадааст. Дар забони адабии тоҷикӣ таркиби пок-покиза хӯрдан[1] ҳаст, ки ба маънои то охир хӯрдан, ҳеҷ намонда хӯрдан [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.110] меояд. Ба андешаи инҷониб таркиби пок мурдан ба маънои ҳама мурдан хоси забони ин асар аст.

Дар баробари ин, феъли мурдан маҷозан ба маънои хомӯш шудани чароғ, оташ ва ғ. меояд [Нуров 1990, с.156]. Дар асар ин маънои мурдан танҳо нисбат ба оташ истифода шудааст: «на он барф бигдохтӣ аз гармии оташ ва на он оташ бимурдӣ аз нам ва сардии он барф» [1, с.156]; «в-андар ҳама оташкадаҳо оташ бимурд» [1, с.291].

Дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ВФ бо дасту по мурдан: «Ва аз мусалмонон ҳар кас, ки он овоз бишнид, ба дасту пой бимурданд» [1, с.231] оварда шудааст, ки бори дигар аз истифодаи ҷоӣ ва васеи мутарҷимон/ мусаннифони асар аз ганҷинаи бойи забони модарӣ-воҳидҳои фразеологӣ

[1] Дар лаҳҷа ба гунаи пок-поло хӯрдан истифода мешавад.

шаҳодат медиҳад. Дар ин ҷо феъли мурдан дигар на ба маънои воқеии худ, балки ба маънои шах/карахт/бе ҳаракат шудан омадааст, зеро дар забони гуфторӣ таркибҳои дар ҷо шах/карахт шуда мондан/гаштан истифода мешавад, ки баёнгари ҳаяҷони баландест, ки дар натиҷаи тарс, хурсандӣ, ҳайрат ва ё ягон ангезаи дигар, чи бо дидан ва чи бо шунидан, ба майдон меояд. Маҳз ҳамин ҳолати карахтиву шахшудагӣ дар асар бо ВФФ бо дасту по мурдан таъбир шудааст, ки ҳам услуби баланд дораду ҳам бисёр шево омадааст.

Ба ибораи дигар, дар забони гуфтории имрӯз воҳиди фразеологии «ба дасту по (-и худ) мурдан» ифодагари бе хору залил ва ниёз ба касе пайдо кардан ҷаҳонро падруд гуфтан аст, дар ҳоле ки дар асар маънии он чунин нест. Чи тавре аз сиёқи матн маълум мешавад, мурод аз «ба дасту по мурдан» дар ин ҷо ба маънои ҳайратзадаву шах шуда мондан аст.

2.10. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *сохтан*

Шояд дар забони тоҷикӣ феъле, ки баъд аз феъли ёридиҳандаи намудан ҷойгузини феъли ёридиҳандаи кардан шуда метавонад, ин феъли сохтан аст. Феъли мазкур ба монанди феъли ёридиҳандаи кардан феъли номии акстив месозад [Ниёзӣ 1954, с.44] «Ҳамкарди сохтан танҳо бо сифат феъли мураккаб месозад. Ҳосили ин таркиб дуруст муодили таркиби сифат бо ҳамкарди кардан аст» [خانلری 1365، ج.2، ص.132].

Дар асар феъли сохтан серистеъмол мебошад. Аз ҷумла таркибҳои ҳила сохтан: «Ва дигар шаб Толут хуфта буд ва Довуд ҳила сохт ва ба болини ӯ рафт» [1, с.135], касеро халифаи худ сохтан: «Шисро халифати хеш сохт» [1, с.338], заиф сохтан: «Малакулмавт як рӯз х(в)ештанро бар сони пире заиф бисохт» [1, с.144], вузуъ сохтан: «об хост ва пеши пайғомбар андар вузуъ сохт» [1, с.321], таассуб сохтан: «таассуб сохтанд аз баҳри Қурайш» [1, с.521], меҳмонӣ сохтан: «Пас, Зулайхо яке меҳмонӣ бисохт» [1, с.609], кор сохтан: «Пас, Яъқуб кор бисохт ва ҳама аҳли байти хешро баргирифт ва рӯй ба Миср ниҳод [1, с.628], таом сохтан: «ба хонаи вай яке гӯсолаи фарбеҳ буд, ҳамон гоҳ бифармуд, то бирён карданд ва таом сохтанд» [1, с.673] ва тадбир сохтан: «Ва Малакулмавт тадбири он ҳамекард, то чӣ ҳила кунад ва чӣ тадбир созад, ки ҷони ӯ ба фармони ӯ бардорад» [1, с.144] дар асар корбурд шудаанд.

Чи тавре мушоҳида мешавад, агар дар таркибҳои мазкур ба ҷойи феъли сохтан феълҳои кардан ё гардидан гузошта шавад, ба маънӣ халал ворид намешавад. Зеро «ҷузъҳои номии феълҳое, ки бо «сохтан» омадаанд, гуногунанд. Исмҳои маънию моддӣ ҳам ҳастанду сифат ҳам. Ва сохтан, ки бо маънои тағйир кардан шабоҳат дорад, ҷояшро бо ёридиҳандаҳои кардан, гардидан, гирифтан ё кашидан иваз карда метавонад» [Насимов 1995, с.117-118].

Дар асар таркибҳои ҳила/ҳилат сохтан: «Пас, Қобил ҳилат сохт, то занеро ба даст овард [1, с.338], ва ҳила/ҳилат кардан: «Пас, пайғомбар, алайҳи-с-салом, ҳилат кард ва бархост ва ҳеч халқ пеши ӯ набуд» [1, с.231]

истифода шудааст. Ба таъкиди Г.Ш.Шарифова, «таркибҳои «ҳила (ҳилат) кардан» ва «ҳилат сохтан» низ аз лиҳози тобиши маънӣ аз ҳам тафовут доранд. «Ҳила (ҳилат) кардан» макр, фиреб кардан аст, «ҳилат сохтан» ба ҳилаи нав, макри нав бофтан далолат мекунад, ки дар ин маврид маънои аслии калима (сохтан) як дараҷа нигоҳ дошта мешавад» [Шарифова 2012, с.44].

Воқеан, таркибҳои ҳила/ҳилат сохтан ва ҳила/ҳилат кардан дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба худ тобишҳои маънои хос дошта, аз матни асар бармеояд, ки ин ду таркиб дар он на ба маънои макру фиреб омадаанд. Чунончи сиёқи каломи асар далолат мекунад, ки ҳилат сохтан бештар ба маънои тадбир кардан ва чора сохтан истифода шудааст , чаро ки вожаи ҳила дар баробари далолат кардан ба макру фиреб ва тазвир боз ба маънои чора ва тадбир низ ишора мекунад [ФТЗТ 2008, ҷ.2, с.505] ва ин маъно дар таркиби ҳила ёфтан: «Юсуф ҳилат наёфт, магар ҷавоби он рост бигуфтан»[1, с.607] бараъло равшан инъикос ёфтааст. Таркиби ҳилат кардан бошад, аслан, ифодагари саъю талош ва умуман кӯшиш кардан мебошад: «ва ҳилат ҳамекарданд, то магар падар ӯро душман гирад»[1, с.601], яъне талош ҳамекарданд.

Дар асар феъли таркибии номии касе/чизе чизеро сохтан ба маънои даво шудан ва илоҷи дард гаштан омадааст: «Инро мазғи сари одамӣ созад» [2, с.313].

Ин нуктаро ёдовар шудан лозим аст, ки феъли сохтан дар асар дар баробари ифодаи маънои феъли ёридиҳандаи кардан боз ба маънои феъли офаридан ба таври васеъ истифода шудааст, хусусан, ин нуктаро дар бахши тарҷумавии асар метавон ба осонӣ мушоҳида намуд.

2.11. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *доштан*

Доштан аз феълҳои серистеъмол ва сермаҳсули забони тоҷикӣ ба шумор рафта, дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», хусусан, дар зимни ВФФ ин асар ба таври васеъ ба кор рафтааст. Дар ФТЗТ ба нуҳ маънои ин феъл ишора шудааст, ки дар умум ба соҳибияту ба даст овардани чизе ва қапидану тавқиф ва ҳабс кардан далолат мекунад. Инчунин, ҳамчун феъли ёридиҳанда бо масдарҳо омада, феъле месозад, ки муродифи замони ҳозира ва гузашта мебошад. Яъне, ба воситаи ин феъл намуди дуюми феъли давомдор ба гунаи зер: ҷузъи аввал масдари феъли асосӣ ва ҷузъи дувум феъли тасрифии доштан, ташкил мешавад [Зеҳнӣ 1987, с.206; ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.469; بهار، 1375، ج.1، ص.346].

Феъли доштан ҳамчун феъли ёридиҳанда омада, «вобаста ба ҷузъҳои номӣ хусусиятҳои гуногунро молик мегардад. Дар таркибҳои пурра маънои луғавии худро аз даст дода, маънои умумӣ пайдо мекунад ва дар бахше аз таркибҳо тобишҳои маъноии нав мегирад. Дар баъзе мисолҳо қисман тобиши маъноии аслиашро нигоҳ медорад» [Насимов 1995, с.95].

Дар асар зиёда аз 50 таркиб[1] бо феъли доштан ба кор рафтааст, ки аз серистеъмолии он дар асри таълифи асар дарак медиҳад. Аз ҷумла, таркибҳои даст аз чизе/касе доштан: «даст аз хидмати ӯ боз набояд доштан [1, с.399], даст аз эшон бидошт [1, с.79], гӯш доштан: «Пас, Иброҳим гӯш медошт, чун падараш берун шуд» [1, с.388], ва аз дунболаи ӯ бирафтӣ ва гӯш медоштӣ, то ӯ сухани хеш бигӯяд [2, с.553], чашм ба чизе/касе доштан: «аз роҳ ба як сӯ шуд ва чашм ба корвон ҳамедошт» [1, с.205], чашму гӯш ба касе/даҳони касе доштан: «Ва ҳама чашму гӯш бар даҳони ӯ медоштанд, то ӯ чӣ тадбире кунад ва чӣ ҳила созад» [1, с.306], дил бо касе рост доштан: «ва Иброҳим неку кард, ки дил бо ман рост дошт» [2, с.365-366], заҳра доштан: «аз бими Абутолиб ҳеч кас заҳра надошт, ки бо ӯ мухосамат кардӣ» [2, с.13], ба по доштан: «кори мулкат ин Фаррухзод рондӣ ва ба пой доштӣ» [1, с.300],

[1] Дар ин ҷо, аслан, ҳамон таркибҳои феълие дар назар дошта шудаанд, ки метавонанд ҳамчун ВФФ баромад кунанд. Ба ин маъно, ки омори истифодаи феъли доштан ба маънои луғавии худ ва ё омадани он дар феълҳои таркибии номии ғайрифразеологӣ аз шумораи мазкур бештар аст.

даст боз доштан: «маро бо араб даст боз бояд доштан» [2, с.503], даст доштан: «он рӯз рӯза даст бидошт ва ёронро ҳама дастурӣ дод, то рӯза бигушуданд» [2, с.607], бузург/хору хурд доштан: «Сулаймон, алайҳи-с-салом,бо ин нома хештанро бузург дошт ва он кофиронро хору хурд дошт» [2, с.133] дар асар оварда шудааст.

Дар асар боз таъбирҳои ба по доштан чизеро - магар он, ки битарсанд ва на ба пой доранд ҳадҳои Худойро [1, с.119]; агар бидонанд, ки ба пой доранд ҳадҳои Худой [1, с.120] ва намоз ба по доштан - ба пой доред намоз ва бидиҳед закот [1, с.55] оварда шудааст. Дар ин ҷо мо воҳиди фразеологии «намоз ба по доштан»-ро аз воҳиди фразеологии «ба по доштан» алоҳида овардем ва он ҳам ба он хотир, ки таъбири «намоз ба по доштан», ки муодили бевоситаи «إقامة الصلاة/أن يقيم الصلاة»-и арабӣ ва аз воҳидҳои фразеологии тарҷумавист, дар Қуръони карим ба таври густарда ба кор рафтааст. Таъбири мазкурро мутарҷимон танҳо ҳангоми тарҷума намудани оятҳо ба кор бурдаанд, дар ҳоле ки дар матни тафсир бештар аз таъбири «намоз кардан» [2, с.114], ки ифодагари ҳамон намоз гузоридан аст, истифода шудааст. Вале таъбири «ба по доштан чизеро», ки ин ҳам дар тарҷумаи оятҳои қуръонӣ бе вожаи намоз истифода шудааст, ба маънои риоя кардани чизе меояд.

Таҳлили ВФ дар асар нишон медиҳад, ки феъли доштан гоҳе бо феъли дӯхтан муродиф шуда меояд. Масалан, воҳиди фразеологии «гӯш ба даҳони касе доштан», ки дар матни асар ба гунаи «чашму гӯш ба даҳони касе доштан» низ дар забони гуфтории имрӯзи тоҷикӣ корбурд мегардад, вале дар забони навишторӣ, аслан, гунаи дигари он: гӯш ба даҳони касе дӯхтан-сухани касеро бодиққат шунидан[ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.357] мавриди истифодааст

Аз таҳлили бархе аз мисолҳои асар метавон ба ин натиҷа расид, ки феъли ёридиҳандаи доштан ба маънои феъли кардан омадааст ва ба ин нукта донишмандон низ ишора кардаанд: «дар бештари маворид ҳамкарди доштан бо кардан муодил аст, аммо мафҳуми давом ва имтидод низ дар он ҳаст, яъне коре ё сифате, ки истимрор дорад: маҳрум доштан=маҳрум кардан+давом ва

истимрор» [144.ص ،2.ج،1365 خانلری]. Масалан, дар мисолҳои «ва Иброҳи неку кард, ки дил бо ман рост дошт» [2, с.365-366] ва «маро бо араб даст боз бояд доштан» [2, с.503] агар ба ҷойи феъли доштан феъли кардан гузошта шавад: «ва Иброҳи неку кард, ки дил бо ман рост кард» ва «маро бо араб даст боз бояд кардан» дар умум маъно ифода меёбад, вале танҳо ҳамон тобиши маъноии доштан, ки ишора ба давомияти амал мекунад, ҳангоми корбурди феъли кардан ба ҷойи он эҳсос намешавад.

Дар баробари феъли доштан дар асар феълҳои боздоштан ва бардоштан, ки тавассути пешвандҳои боз- ва бар- ва феъли доштан сохта шудаанд, корбурд шудаанд. Маълум аст, ки феълҳои доштану бардоштан дар ин асар ҳамчун феълҳои асосиву ёридиҳанда ва бо маонии аз маънои доштан мутафовит мавриди истифода қарор гирифтаанд. Масалан, таркиби фразеологии даст боздоштан: «гуруҳе гӯянд, ки ӯро боздошт ва чун хабари куштани Алӣ дуруст гашт, ӯро даст боздошт» [2, с.232] аз таркиби даст доштани касе дар коре а) маҳорат доштан дар коре, аз кору касбе огоҳ будан; б) дахолат доштани касе дар коре [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.423] тафовути куллӣ дорад, чаро ки таркиби даст боздоштан касеро/аз касе ба маънои озод намудану кордор нашудан ба ӯ мебошад.

Феъли бардоштан бошад, чи аз нигоҳи луғавӣ ва чи аз нигоҳи корбурдӣ, ҳамчун феъли ёридиҳанда, аз феъли доштан тафовути куллӣ дорад ва ҳатто тобишҳои маъноии умумие, ки байни феълҳои доштан ва боздоштан эҳсос мешаванд, дар байни феъли доштану бардоштан тамоман дида намешавад. Масалан, дар баробари таркиби дил аз ҷони хеш бардоштан [2, с.507] таркибе бо феъли доштан ёфтану он дуро муқоиса кардан мустаҳил аст.

2.12. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *ёфтан*

Феъли ёфтан ҳамчун феъли мустақил маъноҳои пайдо кардан, ба даст овардан, муяссар гардидан, ҳосил кардан ва ҳисоб карданро ифода мекунад [Насимов 1995, с.100; Нуров 1990, с.107] ва таркибҳои феъли тавассути ин феъл бамайдономада, аслан, ба лузумият (мондагӣ) далолат мекунад [خانلری 1365، ج.2، ص.159].

Дар асар таркибҳои роҳат ёфтан: «аз он роҳат ёфт» [1, с.625], фармон ёфтан: «Ва низ ҳамчунин чун Умар, разийа-л-Лоҳу анҳу, фармон ёфт, ӯро ба турбати Пайғомбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бурданд» [2, с. 205], зафар ёфтан: «маро бихостӣ куштан ва бар ман зафар наёфтӣ ва ман бар ту зафар ёфтам ва ҳеҷ газанд нарасонидам ба ту» [1, с.135], хабар ёфтан: «Пас, дигар рӯз уламои Бани Исроил аз ин ҳол хабар ёфтанд, ки Толут мар Довудро бихост куштан» [1, с.135], шифо ёфтан: «ҳар куҷо даст барниҳодӣ, ҳар дарду ранҷ ва бало, ки будӣ, ҳолӣ шифо ёфтандӣ ва дуруст гаштандӣ ба қудрати Ҳақ(қ) таоло» [1, с.203], ҳила ёфтан: «Юсуф ҳилат наёфт, магар ҷавоби он рост бигуфтан [1, с.607], покӣ ёфтан: «Маънӣ: чунон-к он палидӣ покӣ наёбад ва напазирад аз ширк» [1, с.494] ва манфаат ёфтан: «то аз пашм ва мӯй ва маҳони эшон манфаат ёбад» [1, с.816] ба кор рафтаанд, ки ҳамагӣ тобиши фразеологӣ доранд.

Дар асар ВФ дар гӯш гаронӣ ёфтан - ки андарёбанд онро ва андар гӯшҳои эшон гаронӣ[1, с.369] истифода шудааст, ки метавонад ифодагари ду маъно бошад: 1) аз шунидани чизе худро бад ҳис намудан; 2) кар/гаронгӯш будан ва суханеро нашунидан.

Нуктаи ҷолиб дар корбурди феъли ёфтан ҳамчун феъли ёридиҳанда дар он аст, ки дар аксари маврид ҷузъи асосӣ/номии онро вожаҳои иқтибосии арабӣ ташкил медиҳанд, ки дар забони арабӣ ба масдар тааллуқ доранд. Аз ҷумла, дар ин 9 мисол дар 6-тои он вожаҳои иқтибосии арабӣ: роҳат, зафар, шифо, манфаат, ҳила, хабар ва дутои он: фармон ва покӣ тоҷикӣ мебошанд.

Бештари таркибҳои бо феъли ёридиҳандаи ёфтан сохташуда дуҷузъа ба шумор мераванд, дар ҳоле ки аглаби ВФФ пештар таҳлилшуда аз нигоҳи таркиб бисёрҷузъа мебошанд.

2.13. Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли *рафтан*

Ҳарчанд феъли рафтан ҳамчун феъли ёридиҳанда серистеъмол набошад ҳам, вале нақши он дар сохтани таркибҳои фразеологӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, ВФФ **аз дунё рафтан**: «Ва ҳамчунон пинҳон ҳамебуд, то Одам аз дунё бирафт» [1, с.338], **ба забон рафтан**: «он буд, ки Қорун кард бо ӯ ва ба забони он зан бирафт» [2, с.625] ва ғ. гуфтаҳои болоро таъйид месозанд. Аз таркибҳои сохтаи ин феъл маънои феъли монда ба майдон омада, онҳо бо феъли ёридиҳандаи **шудан** ва гоҳе ба маънои рӯй додан муодил мегарданд. «Мавриди истеъмоли он (феъли **рафтан** С.З.) фаровон нест ва аз қарни ҳаштум ба баъд дар наср ба нудрат дида мешавад, магар дар навиштаҳое, ки ба шеваи куҳан тамоюл доранд» [خانلری 1365، ج.2، ص.143].

Дар асар таркиби **аз даст рафтан**: «китобҳои ҳақ аз дасти мардумон бирафт» [1, с.735], «мулкат аз дасти эшон бирафт ва ба дасти мусалмонон афтод»[1, с.298], ки ҳамчун ВФФ ба маънои аз даст баромадан ва маҳрум гаридан аз чизе [Фозилов 1962, ҷ1, с.320] ба кор меравад, ба таври васеъ истифода шудааст. Таркиби мазкур имрӯз низ яке аз ВФФ серистеъмол дар забони навишторӣ ва гуфтории тоҷик ба шумор меравад: **аз даст рафтан** аз тасарруфу ихтиёри касе баромадани чизе; маҳрум гардидан аз чизе [ФТЗТ, ҷ.1, с.423]. Ба ҳамин монанд таркиби кор **ба даст рафтан**: «ва низ коре чунон бар дасти ӯ рафта, ки бародаре чунон кушта буд» [1, с.340] дар асар омадааст, ки ифодагари амалӣ гаштану рух додан аст.

Оби пушт рафтан аз дигар ВФФ мебошад, ки бо феъли **рафтан** сохта шудааст ва дар асар ба маънои безурриёт шудани мард далолат мекунад. «Агар доғ наменихӣ, туро доруе диҳам, ки нек шавад, валекин оби пуштат биравад» [2, с.232].

Ҳарчанд феъли **рафтан** дар ин мисол: «пиндошт, ки Абубакр аз пеш рафтааст ва пой бардошт ва гарм меравад»[1] [1, с.308] ҳамчун феъли асосӣ

[1] Дар матн чунин омадааст, дар ҳоле ки ин ҷо ба ҷойи замони ҳозира-ояндаи феъли рафтан истифодаи замони гузаштаи он саҳеҳтар ба назар мерасад- гарм рафт, чун феълҳои дигари пеш аз феъли мазкур омада дар замони гузашта корбурд шудаанд ва сиёқи маъно низ дар замони гузашта корбурди онро талаб менамояд.

омадааст, вале вожаи гарм бо омаданаш ба он тобиши фразеологӣ бахшидааст, чун ҳамнишинии вожаи гарм ва рафтан танҳо дар доираи маҷоз сурат мегирад. Аз ин рӯ, **гарм рафтан**, ки ифодагари тез ва ба шитоб рафтан аст, метавонад ҳамчун ВФ шинохта шавад. Дар забони тоҷикӣ муродифи **гарм рафтан** таркиби **тунд рафтан** буда, нисбат ба таъбири аввалӣ корбурди васеътар дорад.

Илова ба феълҳои мазкур, дар асар чандин феъли дигар вуҷуд дорад, ки бинобар маънои маҷозӣ маънои аслии худро гум карда, яке аз бахшҳои муҳимми ВФ гаштаанд. Дар ин ҷо метавон аз феъли **хестан** ёдовар шуд, ки дар **ба по хестан** омадааст. Аслан, таъбири **«ба по хестан»** аз нигоҳи луғавӣ ба маънои **аз ҷо хестан** ва **аз ҷо рост шудан** меояд, ки дар арабӣ муодили он феълҳои «قام» ва «وقف» шуда метавонанд, вале феъли мазкур вақте ба чизе нигаронида мешавад, ба монанди **«сӯи чизе ба по хестан/ба сӯйи чизе ба по хестан»**, аллакай, хусусияти фразеологӣ ба худ касб мекунад, зеро аз он на маънои ҳақиқӣ, балки маънои маҷозӣ фаҳмида мешавад. Мавриди зикр аст, ки таъбири **«сӯи чизе ба по хестан»** дар қисмати тарҷумаи оятҳо ба кор рафта, муодили феъли «قام إلى»-и арабӣ қарор дода шудааст.

Чи тавре маълум аст, дар маъниофаринии феълҳои арабӣ пешояндҳо нақши асосӣ доранд, ҳамин аст, ки баъд аз феъл овардани як пешоянд ба ҷойи пешоянди дигар метавонад маъноро ба куллӣ тағйир диҳад. Масалан, дар мисоли феъли «قام», ки вақте пас аз он пешоянди «بـ» оварда шавад, ба иҷроиши кор ва амалинамоии он далолат мекунад, дар ҳоле ки пас аз ҳамин феъл агар пешоянди «إلى» ояд, дигар на ба иҷроишу амалинамоии коре, балки ба хоҳишу майли машғул шудан ба чизе ишора месозад. Дар забони арабӣ низ феъли «قام إلى»-ро дар ин маврид ба феъли «أراد» муродиф ба қалам медиҳанд. Ҳамин аст, ки дар ин ҷо таъбири «сӯи чизе ба по хестан» ба маънои майлу хоҳиши чизе намудан омадааст.

Ба ҳамин монанд, феъли кӯфтан мебошад, ки дар таркиби **по кӯфтан** омадааст. Дар ин таъбир-»по кӯфтан», феъли кӯфтан маънои аслии худро аз даст додааст, зеро таъбири мазкур дар матн ба маънои раҳсидан омадааст.

Фарҳангнигорон барои ин таъбир: «по кӯфтан ду маъно: а) кафи пойро ба замин задан; б) рақсидан [ФТЗТ, ҷ.2, с.103] овардаанд, ки аввалӣ ифодагари маънои воқеии таъбир буда, аз як таркиби номии феълӣ будани он дарак медиҳад, дар ҳоле ки маънои дувум баёнгари воҳиди фразеологии он будан аст. Бе тардид, по кӯфтан дар асар ба маънои дувум омадаву дар забони тоҷикӣ ҳамчун воҳиди фразеологии феълӣ шинохта мешавад, зеро ин таъбир дар ҷумлае корбурд гаштааст, ки дар бахши аввали он сухан аз самоъ меравад. Пас, ҷойи тардид нест, ки дар ин гуна ҳолат «по кӯфтан» воҳиди фразеологиясту ифодагари рақсидан мебошад.

Дар баробари феълҳои мазкур феълҳои гуфтан ва ғунҷиданро низ метавон аз феълҳои воҳиди фразеологисоз дар асар шуморид. Чунончи, дар асар таъбирҳои ба даҳон гуфтан – Гӯянд ба даҳонҳошон он, чи нест андар дилҳошон [1, с.219] ва ба даҳон гунҷидан – «Эй мард, сухан чунон гӯй, ки андар даҳони ту гунҷад [1, с.295] корбурд шудааст, ки аз ВФ будани онҳо дарак медиҳад.

Таҳлили воҳидҳои фразеологии ба даҳон гуфтан ва ба даҳон гунҷидан нишон медиҳад, ки воҳидҳои фразеологии ҳанӯз дар асри даҳ истифодашуда то имрӯз чун унсурҳои лаҳҷавидошта шинохта мешаванду дар фарҳангномаҳои тоҷикӣ ба қайд гирифта нашудаанд. Ба ҳар тартиб, дар забони гуфтории имрӯзи тоҷикӣ воҳиди фразеологии «ба даҳон гуфтан», ки боз ба он вожаи «осон» - ба даҳон гуфтан осон, илова мегардад, корбурди густарда дорад. «Он, чи нест андар дилҳошон» дар ҷумлаи «Гӯянд ба даҳонҳошон он, чи нест андар дилҳошон», баёнгари далолатҳои ВФ ба даҳон гуфтан мебошад. Яъне, ВФ ба даҳон гуфтан дар ин маврид ифодагари иддаои дурӯғ кардан буда, дар забони гуфторӣ гунаи дигари он – ба забон гуфтан низ корбурд мешавад.

Ҳарчанд дар забони тоҷикӣ, чи навишторӣ ва чи гуфторӣ, воҳиди фразеологии «ба даҳон ғунҷидан» истифода нашавад ҳам, вале гунаи лаҳҷавии дигари он ки метавон ҳамчун муродиф унвон кард: «чени даҳан сухан гуфтан» корбурд мегардад.

Хулоса, бахши умдаи ВФ-и «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»-ро ВФФ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, истифодаи феълҳои кардан, намудан, шудан, гаштан, гардидан, мурдан, сохтан, доштан, ёфтан ва рафтан дар ташкили ВФФ-и асар нақши назаррас доранд, дар ҳоле ки дар асар бо феълҳои хестан, кӯфтан, гуфтан, ғунҷонидан низ ВФФ сохта шудаанд.

БОБИ III

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАВИИ ВФ ДАР АСАР

3.1. Тарҷумапазирӣ ва тарҷуманопазирии ВФ

Мусаллам аст, ки яке аз фаъолиятҳои башарӣ, ки ҳамеша бо забон ҳамқадам будааст, тарҷума аст. Бад-ин маъно, ки таърихи тарҷума ба таърихи забонҳо тавъам аст ва аз ҳамон лаҳзае, ки ихтилофи забонҳо пайдо гаштааст, бе тардид, ниёз ба тарҷума низ ба майдон омадааст. Дар таърихи тарҷума асрҳои VIII-IX аз даврахои тиллоии тарҷума метавон унвон кард, чаро ки дар ин марҳилаи таърихӣ бузургтарин асарҳо аз донишҳои мутааддид, ки ба забонҳои мухталиф: юнониву сурёнӣ, паҳлавию санскрит ва ғ. тадвин шуда буданд, ба забони арабӣ тарҷумаву нақл карда шуданд. Агар дар давраи ҳукмронии Уммавиён тарҷума хусусияти фардӣ дошта бошад, яъне шахсҳои алоҳида барои тарҷума таваҷҷуҳ намуда бошанд, пас, дар давраи Аббосиён тарҷума бевосита зери назари давлат қарор дошт. Халифаҳои Аббосӣ тамоми саъйи худро мекарданд, то бузургтарин асарҳои бунёдӣ ба забони арабӣ тарҷума карда шаванд ва дар ин росто аз чизе дареғ намедоштанд. Чунончи Маъмун-халифаи Аббосӣ ба Ҳунайн ибни Исҳоқ, ки аз саромадони мутарҷимони аср буду «Байт-ул-ҳикма»-ро, ки маркази тарҷумонӣ ба шумор мерафт, сарварӣ мекард, ба вазни китоби тарҷумакардааш ба арабӣ тилло медод. Инчунин, сарватмандон ва дигар амирон низ ба пайравӣ аз халифаҳо тарҷумонҳоро дастгирӣ менамуданд. Аз ҷумла Ибни Абуасибъа аз Абусулаймони Мантиқии Сиҷистонӣ ривоят мекунад, ки Бани Шокир гуруҳе аз мутарҷимон, аз қабили Ҳунайн ибни Исҳоқ, Ҳубайш ибни Ҳасан, Собит ибни Қарра ғайраро дастгири молиявӣ ба миқдори панҷсад динор менамуданд. Илова бар ин, Бармакиён аз Ҳиндустон табибонеро ба Бағдод даъват намуда буданд, ки дар баробари машғул шудан ба давову дармон боз ба тарҷума низ сару кор мегирифтанд [الدبيان 1993، ص.42-43].

Таваққуфи бештари мо ба таърихи тарҷума аз он хотир аст, ки рушду такомули тарҷума дар адабиёти форсу тоҷик низ ба ҳаракати тарҷума дар

адабиёти араб бастагии ногусастанӣ дорад. Агар дар асрҳои VIII-IX донишмандони форсу тоҷик дар баробари навиштани асарҳои худ ба забони арабӣ боз аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума менамуда бошанд, пас, сар аз асри X бо ташаккули давлатдориҳои миллӣ дар минтақа донишмандони форсу тоҷик ба тарҷумаи асарҳои гуногунсоҳаи арабӣ ба забони форсии тоҷикӣ пардохтанд. Хусусияти фарқкунандаи асри X аз асри қаблӣ дар он буд, ки қарни IX-ро метавон асри тарҷума ба забони арабӣ номид ва қарни X-ро асри тадвину таълиф ва эҳёи тарҷума унвон кард. Чи тавре гуфта шуд, донишмандони Бағдод ва марказҳои исломӣ дар қарни дуюм ва сеюми ҳиҷрӣ ба нақлу тарҷумаи улуми дигарон ба забони арабӣ пардохтанд, вале дар қарни чаҳорум ба тавлидоти шахсӣ руй оварданд. Дар ин қарн ба улуми динӣ ва луғавӣ бештар аз улуми риёзӣ ва фалсафӣ таваҷҷуҳ карданд. Сабаби ин кор омили диние буд, ки ононро ба иштиғол ба ин улум вомедошт. Он чи аз ин кор ҳосил меояд таҳқиқ дар улуми луғавӣ буд, ки беҳтарин абзор барои фаҳми дин ба шумор меомад [Ҳамробоев 2019, с111].

Маҳз аз ин давра сар карда ба тарҷумаҳои муваффақонаи маонии Қуръони карим ба забони форсии тоҷикӣ рӯбарӯ мешавем. Воқеан, тарҷумаҳои форсии тоҷикии Қуръони карим барои омӯзиши марҳилаҳои гуногуну пурсамари забони форсии тоҷикӣ сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ба шумор мераванд. Ба далели он ки ин тарҷумаҳо ба замонҳову маконҳо ва мутарҷимони мухталиф марбут аст ва ҳар кадом таҳти таъсири гӯиши маҳаллӣ ва истинботу дарки хеш батне аз каломи Худоро дарёфтаанд, барои калимаи воҳид маонии мутааддиду мутанаввеъе арза доштаанд, ки бисёре аз онҳо дар ҳеҷ як аз мутуни порсию фарҳангҳои мавҷуд ёфт намешавад. Гузашта аз муфрадот дар ин тарҷумаҳо вуҷуди таркиботи асили порсӣ, ки дар баробари вожаҳои қуръонӣ қарор гирифтаву маънӣ ва ҳадду марзи он комилан равшан мебошад, низ муғтанам аст, то он ҷо ки сафаҳоте аз як тарҷумаро мутолиа мекунем, бидуни ин ки ҳатто ба як вожаи арабӣ бархӯрд кунем. Бадеҳист, ки ин гуна таркиботу муфрадот метавонад фарҳангнависону

порсидӯстонро ба кор ояд ва мутарҷиминро балоғат афзояд [Тарҷумаи Қуръон, с.164].

Гузашта аз ин, «ниёгони мо бар вожаву таъбиргузинӣ дар баробари алфозу таобири қуръонӣ тавонмандии луғавӣ ва неруи забондонии худро чунон ба кор гирифта буданд, ки муҷиб гардид, то ҳанӯз дар оғози таърихи тарҷумаву тафсирнигорӣ ба сурати хаттӣ чандин фарҳангҳои форсӣ-тоҷикии қуръонӣ таълиф гардад. Аз қабили «Лисон-ут-танзил», «Тафсири муфрадоти Қуръон» (аз муаллифони ношинохта), «ад-Дурару фи-т-тарҷумон»-и Муҳаммад ибни Мансур Мутаҳаммиди Марвазӣ, «ал-Муҳиту билуғот-ил-Қуръон»-и Муҳаммад Муқрии Байҳақӣ ва чанде дигар» [Насриддинов 2012, с.398].

Ба таъкиди донишмандон, тарҷума танҳо ба муодилёбӣ аз унсурҳои як забон дар забони дигар маҳдуд набуда, ниёз ба риояи тамоми хусусиятҳои луғавию дастурӣ ва балоғии забон дорад. Ҳамин аст, ки наметавон тарҷумаи дурустеро танҳо бо донистани муодилҳои воҳидҳои луғавии як забон ба забони дигар таъмин намуд. Тарҷума бастагии танготанге бо қоидаҳои дастурии забон дорад. Ҳар забоне маҷмуе аз қоидаҳои дастурии вижаи худро дорост, риояи онҳо ҳангоми тарҷума зарурӣ мебошад. Маҳз ҳамин гуногундастурии забонҳо кори тарҷумаро мушкил месозад. Бад-ин гуна тарҷума вақте сурат мегирад, ки ифодаҳои забони асл дар забони мақсад бо назардошти хусусиятҳои дастурии он инъикос ёбад. Ҳарчанд дар ин маврид ҳадафи тарҷума қоидаҳои дастурӣ набошад ҳам, вале ҳавзае, ки тарҷумон мебояд сари он таваҷҷуҳи бештаре дошта бошад, ҳамон қоидаҳои дастурист[Султон 2023, с.]. «Ин тасаввури нобаҷо дар бораи фароянди тарҷума вуҷуд дорад, ки тарҷума иборат аст аз таъйини вожаҳои муодил дар забони мақсад барои вожаҳои матни забони мабдаъ. Чун аносири матнии мухталифи зиёде аз ҷумла равобити наҳвӣ ва сохтмони ҷумлае (тартиби вожаҳо, замону ваҷҳи афъол) ва равобити матнӣ ва байни ҷумлавӣ (замоиру мароҷеи онҳо, равобити маъноии байни ҷумалот, аносири шибҳи забонӣ назири оҳанги ҷумла дар гуфтор, хат кашидан зери калимот ва назири он

ҷиҳати таъкид бар қисмате аз паём дар навиштор ва…) дар интиқоли паём ба мухотаб бо ҳам ташрики мусоӣ мекунанд, ки вожагон танҳо яке аз онҳост. Аз ин рӯ, ҳамеша набояд дар баробари як вожаи забони мабдаъ унсури сохтории ҳаммонанди он дар забони мақсад баргузида шавад. Гоҳе ногузир мешавем, бархе аз сохторҳои вожагонӣ ва дастурии матни мабдаъро тағйир диҳем, то дар забони мақсад фаҳмиданӣ ва ошно бошанд [Ҳусайн 1392, с.30].

Аз мушкилоте, ки ҳамеша ҳамқадами тарҷума будааст, ин ихтилофи донишмандону назарияпардозони тарҷума дар робита ба тарҷуманопазирии бархе калимоту таъбирот будааст. Мақсуд аз тарҷуманопазирӣ ин муваффақ нашудани тарҷумон дар расонидани паёмест, ки дар матни асл омадааст. Меъёри матлуб дар тарҷума ва муваффақият дар он, пеш аз ҳама, бар асоси таъсирест, ки матни тарҷумашуда дар хонанда мегузорад. Агар матни тарҷумашуда таъсире дар хонанда бигузорад, ки каму беш ҳаммонанди таъсире бошад, ки матни мабдаъ дар хонандаи худ эҷод кардааст, дар ин сурат ин тарҷума хубу пазируфтанист. Агар матни тарҷумашуда таъсири мутафовит бар хонанда бигузорад, ин тарҷума баду ғайри қобили қабул аст. Мақсад аз таъсир ҳамон тағйирест, ки дар хонанда ба вуҷуд меояд. Ин тағйир ду ҷанба дорад: дарки хонанда аз муҳтавои матни мабдаъ ва таъсиру таассуроте, ки ба сабаби ҷазбаҳои эҳсосии матни мабдаъ дар хонанда эҷод мешавад. Албатта, аз он ҷо ки хонандаи тарҷума ба миллият, нажод, фарҳанг ва одобу русуми мутафовите тааллуқ дорад, таъсироти дигаре низ мумкин аст дар ӯ падид ояд [فان، ص.17].

Дар адабиёти классикии араб ба тарҷуманопазирии шеър ишора намудаанд. Чунончи Ҷоҳиз дар «Китоб-ул-ҳаявон» мегӯяд: «Шеър тоби онро надорад, ки ба забони дигаре тарҷума шавад ва интиқоли шеър аз забоне ба забони дигаре раво нест. Агар чунин кунанд, назми шеър аз байн меравад, вазнаш гум ва зебоии он барҳам мехӯрад. Аз ҳама муҳим, нуқтаи шигифтангези он нест мешавад ва ба наср табдил хоҳад шуд. Дар ҳоле ки насре, ки аз аввал ҳамчун наср эҷод шудааст, аз насре, ки аз шеър ба миён омадааст, балеғтару шевотар мебошад» [الجاحظ 1965، ج.1، ص.75].

Ин нукта дар «Забони адабии ҳозираи тоҷик» чунин қайд гаштааст: «Дар сурати ибораҳои рехтаи фразеологии забони тоҷикӣ дараҷаи олии абстраксияи фразеологиро мушоҳида кардан мумкин аст. Онҳо ниҳоят пуробуранг ва таъсирбахш буда, ба дигар забонҳо тарҷума намешаванд. Чунончи ибораҳои «димоғ сӯхтан» (хафа кардан), «дил бурдан» (дӯст доштан), «чашм дӯхтан» (нигоҳ кардан), «ҷони ширин» (азиз), (оби дандон) (навъи қанд) ва бисёр дигарҳо аз ин қабиланд» [ЗАҲТ 1973, с. 65]. Бад-ин тартиб, вақте талоши тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ аз як забон ба забони дигар мешавад, аслан, тарҷума бисёр номуваффақона мебарояд, зеро дар ин ҳолат зебоӣ, шевоӣ, фасоҳат ва салосатеро, ки воҳидҳои фразеологӣ дар забони асл доранд, дар натиҷаи тарҷума аз даст медиҳанд.

Маълум аст, ки ибораҳои рехта ҳамчун бахши асоси воҳидҳои фразеологӣ, чи дар забони гуфторӣ ва навишторӣ ба таври густард истифода мешаванд ва ба каломи гӯянда ва нависанда фасоҳату балоғати назаррас мебахшанд. Аз ин рӯ, дарки ибораҳои рехта ва ҳадди ақал донистани муродифоти луғавии он барои тарҷумон зарурӣ мебошад. Маҳз дар ин сурат тарҷумон метавонад маънои воҳиди фразеологӣ, хусусан, навъи ибораи рехтаи онро ба дигар забон тарҷума ва тасвир намояд.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки масъалаи тарҷумапазирӣ ва тарҷуманопазирии воҳидҳои фразеологӣ аз назари назарияпардозони тарҷума, аз қабили А.В.Федоров [1953], В.Н.Комиссаров[2021], А.Д.Швейтсер [1988] ва дигарон дур намондааст. Ба таъкиди назарияпардозони тарҷума ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, мувофиқатнамоии онҳо дар забони тарҷума муҳим мебошад. «Дар тавсифи мувофиқатҳои фразеологӣ масъалаи барқароркунии баробарарзишии маънои воҳидҳои образноки фразеологӣ мақоми марказиро ишғол менамояд. Семантикаи чунин воҳидҳо аз маҷмуи мураккаби иттилоотӣ иборат аст, ки ҳам дорои ҷузъҳои предметӣ-мантиқӣ ва ҳам коннотативӣ мебошанд. Муҳимтарини онҳо аз нуқтаи назари интихоби мувофиқат дар забони тарҷума инҳо мебошанд: 1. ҷузъи маҷозӣ ё образноки маънои фразеологизм.

2. ҷузъи мустақим ё предметии маънои фразеологизмҳо, ки асоси образро ташкил медиҳад. 3. ҷузъи ҳиссии маънои фразеологизм. 4. ҷузъи услубии маънои фразелогизм. 5. ҷузъӣ миллӣ-этникии маънои фразеологизм» [Комиссаров 2021, с.184].

Вале ин ҳақиқат аст, ки на ҳама вақт ин мувофиқатнамоии панҷгона метавонад дар тарҷумаи як воҳиди фразеологӣ ба кор равад, зеро «барқарор намудани ҷузъи миллӣ-этникӣ обуранги миллии матни аслро нигоҳ медорад, вале баъзан метавонад мазмуни маҷозиро тира созад ва дар ноил шудан ба баробараризишӣ мамониат намояд, зеро қабулкунандаи тарҷума метавонад маълумоти заминавии матни аслро надошта бошад» [Комиссаров 2021, с.185].

А.В.Федоров дар мавриди тарҷумаи ВФ се роҳро пешниҳод кардааст, ки аз ин қабиланд: 1. мазмунан тарҷума кардана; 2.тағйир додани ҷузъҳои дохилии воҳиди фразеологӣ ва3. муодилёбӣ барои воҳиди фразеологӣ [Федоров 1953, с.162-163].

Маҳз печидагии тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ сабаб мегардад, ки тарҷумонҳо бештар ба тарҷумаи калкавии ин гуна воҳидҳо рӯ оранд. «Калкаҳои фразеологӣ чунин воҳидҳои фразеологие мебошанд, ки дар натиҷаи айнан, яъне калима ба калима тарҷума карда шудани ифодаҳои забонҳои дигар ба вуҷуд омадаанд. Тарҷумаи калима ба калимаи воҳидҳои фразеологии забонҳои дигар гоҳо боиси пайдошавии чунин ифодаҳое мегардадю ки муносибатҳои грамматикӣ ва робитаҳои маъноии ҷузъҳои таркибии онҳо барои забони тоҷикӣ як андоза ғайриодӣ мебошанд. Аз ин ҷост, ки ба вуҷуд омадани калкаҳоро (аз ҷумла калкалаҳои фразеологиро ҳам) на ҳама вақт аз ҳодисаҳои мусбати забонӣ ҳисобидан мумкин аст» [Маҷидов 1982, с.76].

Мушкил дар ин аст, ки бештари тарҷумонҳо на фақат дар тарҷумаи ВФ, балки дар тарҷумаи одитарин ибораву ҷумла пойбанди забони асл мегарданд ва дар ин ҷо ҳадафи асосии тарҷума, ки расонидани матн ба забони тарҷума ва соҳибони ин забон аст, ба як сӯ гузошта мешавад ва ё ба гунае фаромӯш

мегардад. Донишманди тоҷик М.Шакурӣ ба ин мушкилии тарҷумонон дар тарҷумаи асарҳои русӣ ба забони тоҷикӣ ишора карда, нигоштааст: «Бисёр тарҷумонҳо кӯшиш мекунанд, ки сохти ҷумлаи русӣ дар тарҷума айнан нигоҳ дошта шавад. Зиёда аз ин, онҳо сохти таъбир ва ибораҳои русиро ба тоҷикӣ айнан мекӯчонанд. Ҳол он ки чунин ҳақиқат ба ҳама маълум аст, ки сохти синтаксисии ҷумлаҳои як забонро ба забони дигар кӯчонидан мумкин нест, ё тарзи калимасозӣ ва иборасозиҳои як забонро ба забони дигар айнан гузаронидан нодуруст аст. Аксаран айни як фикр дар як забон ба як тарз ифода шуда бошад, дар забони дигар тарзи тамоман дигареро талаб мекунад. Ё як феъл дар як забон як пешояндро талаб кунад, мумкин аст, ки дар забони дигар бо пешоянди дигаре ояд ва ҳоказо. Инҳо ҳақиқатест, ки ҳама медонем, вале дар фаъолияти тарҷумонии худ аксаран риоя намекунем. Дар натиҷа чунин ҷумласозиҳо ва чунин тарзи ифодае, ки бо табиати забони тоҷикӣ тамоман зид аст, дар тарҷумаҳо бисёр роҳ меёбад» [Шакурӣ 2004, ҷ.1, с.133].

«Ин ҳодиса (ба иштибоҳ роҳ додан дар тарҷума С.З.) – менависад Р.Ғаффоров, махсусан мавридҳое воқеъ мегардад, ки калима ва таъбироти нусхаи асл маънои маҷозӣ дошта бошанд. Тарҷумонҳои мо дар ин ҳолатҳо аз пайи тарҷумаи таҳтуллафзӣ рафта, андеша ва тааммул накардаанд, кии бора ва ҷумлаҳои сохтаи онҳо ба ин қолиб маъние надоранд, мардуми тоҷик маъноеро, ки муаллифи нусхаи асл талқин карданист, бо воситаҳои дигари забонӣ адо менамоянд» [Ғаффоров 1977, с.169].

Воқеан, дар тарҷумаи дилхоҳ воҳиди луғавӣ ва синтаксисӣ дар умум ва махсусан дар тарҷумаи ВФ мушкилоту печидагиҳое вуҷуд дорад, ки аз тарҷуманопазирии онҳо дарак медиҳад. Вале аз назари инҷониб тарҷуманопазир шумурдани баъзе аз ифодаҳои як забон ба забони дигар, пеш аз ҳама, ба мушкилоти тарҷумон дар ин самт бастагӣ дорад, на ба тарҷуманопазирии он ифода. Ба ин маъно, ки вақте нуктаеро тарҷуманопазир мегӯем, ин мушкилӣ ба забон бармегардад, яъне забони тарҷума наметавонад паёмеро, ки дар забон асл омадааст, бардошт кунад. Дар ҳоле ки як забон метавонад муаррифгари миллат ва бароварандаи ниёзҳои соҳибонаш бошад,

пас, метавонад дилхоҳ ифодаи забони дигарро бо воситаҳои баёни худ ифода кунад. Дар ин маврид боз нақши мутарҷим-соҳибзабон муҳим аст. Ба ин тартиб, беҳтар аст, агар тарҷуманопазирии ифодаҳои як забонро ба забони дигар ба қудрату тавоноии мутарҷимон марбут бидонем, на ба қудрату тавоноии забон.

Таҳлили тарҷумаи ВФ аз забони арабӣ ба тоҷикӣ дар асоси «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон медиҳад, ки тарҷуманопазирии ВФ як забон ба забони дигар мутлақ нест, балки гоҳе тарҷумаи як воҳиди фразеологӣ чунон ҷоӣ меояд, ки ҳатто дар тарҷума будани он кас бовар наменамояд. Ин нукта аз ҷониби фразеологияшиносони тоҷик низ мавриди таъкид қарор гирифтааст. Чунончи Ҳ.Маҷидов аз ВФ бомуваффақона тарҷумашуда бо истилоҳи фразеологизмҳои иқтибосӣ ёд карда, чунин менигорад: «Фразеологияи иқтибосӣ гуфта маҷмуи воҳидҳои фразеологии аз забонҳои дигар бо усули қабули айнан ё ин ки калкакунӣ аз худ кардашударо мегӯянд. Масалан, воҳидҳои фразеологии «аз пашша фил сохтан», «арвоҳ занад», «Боми ҷаҳон» (аз русӣ), «хайри мақдам», «оби ҳаёт», «нури чашм», «марги муш» (аз арабӣ), «нуқтаи назар», «чопи сангӣ» (аз форсӣ) ва монанди инҳо, ки дар захираи фразеологии имрӯзаи забонамон мавҷуданд, аз қабили ҳамин гуна фразеологизмҳои иқтибосӣ ҳисоб меёбанд» [Маҷидов 1982, с.74]. Ҳ.Турсунова бошад, такя ба тарҷумаҳои ВФ байни забонҳои тоҷикӣ ва узбекӣ ба тарҷумапизирии ин гуна падидаҳои забони ишора менамояд: «Қариб ҳама тадқиқотчиёни соҳаи фразеологияи забони тоҷикӣ ва забони ӯзбекӣ қайд мекунанд, ки ибораҳои рехтаи як забон ба дигар забонҳо тарҷума намешавад… Ин фикр барои ибораҳои рехтаи забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ баъзан дуруст намеояд. Дар ин забонҳо баъзе ибораҳои рехтаро низ ба тариқӣ тарҷума ба забони дигар гузаронидан мумкин будааст. Баъзе аз онҳо дар ҳар ду забон чунон суфта ва пуробуранг ба назар мерасанд, ки ҳатто ба воситаи тарҷума дохил шудани онҳоро кас ҳис намекунад. Чунончи ибораи ба рӯи об баромадан ба забони ӯзбекӣ ба шакли рӯёбга чиқмоқ тарҷума шудааст. Дар забони ӯзбекӣ вай шаклан ба ин забон мувофиқ шуда, чунон ҳазм шудааст,

ки касе ибораи тоҷикӣ будани вайро пай намебарад. Чунки сохти ин ибора ба қоидаҳои грамматикии забони ӯзбекӣ пурра мувофиқат мекунад» [Турсунова 1979, с.29].

Тарҷумапазирии ВФ-ро боз метавон ба назарияи тарҷумашиноси амрикоӣ Ю.А.Нидо низ таъкид намуд. Ба андешаи мавсуф, таъбир аз бархе ҳолатҳо барои ҳама миллатҳо якранг аст. Масалан, сурх шудани рӯ аз хиҷолат ва ё баланд гаштани фишори хун аз ғазаб дар бештари забонҳо якранг таъбир мешавад, ҳарчанд ангезаҳои хиҷолат кашидану ба ғазаб омадан дар байни миллатҳо тафовут дорад [نیدا 1976، ص.115].

Аз гуфтори ин тарҷумашинос хулоса мешавад, ки таъбир аз ҳолатҳои гуногуни руҳӣ, ки бештар дар шакли ВФ инъикос меёбанд, дар аксари забонҳо ҳамгунанд ва ин барои тарҷумапазир будани ин гуна падидаи забонӣ имконият фароҳам меорад.

3.2. Роҳҳои тарҷумаи ВФ дар асар

Дар забони арабӣ Қуръони карим саршор аз воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Чи тавре Шарипова З. ишора намудааст: «Дар забони арабӣ аз аҳодиси набавию амсолу ҳикам ва ашъори араб метавон ба унвони сарчашмаҳои асосии воҳидҳои фразеологии арабӣ ёд намуд, дар ҳоле ки Қуръони карим на фақат дар мавриди фарогирии ибораҳои фразеологӣ ва интишори онҳо дар мутуни пас аз қуръонии арабӣ гуйи сабқатро аз онҳо рабудааст, балки барои тавлид ёфтани воҳидҳои фразеологӣ дар аҳодису ашъор нақши боризе гузоштааст» [Шарипова 2011, с.303].

Воқеан, воҳидҳои фразеологӣ дар Қуръон барои ангезонидани хонанда нақши хеле муҳим доранд. Сабаби ин дар он аст, ки онҳо ба хонанда таъсири ҳиссӣ-эмотсионалӣ мерасонанд. Фразеологизмҳо ҷаҳонбинии мардум, фарҳанг, урфу одати онҳоро ифода мекунанд. Ибораҳои фразеологии Қуръон дар забони муосири араб таъсири худро «гузоштаанд. Онҳо на танҳо ба сохти фразеологии забон дохил шудаанд, балки бо усулу воситаҳои ташаккули иборабандӣ таъсири бузург расонидаанд. Бисёре аз воҳидҳои фразеологии забони муосири араб ва лаҳҷаҳои минтақавии он шаклҳои дигаргуншудаи ибораҳои Қуръон ва ё воҳидҳои рехтае мебошанд, ки аз онҳо маншаъ гирифтаанд [Шарипова 2011, с.303].

Ба таъкиди муҳаққиқон танҳо дар сураи «Каҳф» 15 воҳиди фразеологӣ истифода шудааст [أميرة 2015، ص.33]. Таҳлили муодилҳои тоҷикии воҳидҳои фразеологии қуръонӣ нишон медиҳад, ки мутарҷимони асар дар бештари маврид аз тарҷумаи маъноӣ истифода намудаанд на аз ҷустани муодилҳои пурраи онҳо. Масалан, дар тарҷумаи таъбири «ланаттахизанна ъалайҳим», ки дар забони арабӣ ҳамчун воҳиди фразеологӣ шуморида шудааст [أميرة 2015، ص.33], дида мешавад, ки мутарҷимон бевосита ба тарҷумаи маъноии он пардохтаанд ва онро ба гунаи «мо кунем бар дари ғори эшон мазките» [1, с.718] овардаанд. Дар ҳоле ки дар бархе мавриди дигар эҷодкорӣ ва гунае аз воҳиди фразеологиофаринии мутарҷимони ин асарро метавон бараъло дарк намуд. Чунончи дар тарҷумаи воҳиди фразеологии «раҷман билғайб»

таъбири «гуфторе ба андеша нодида ва нопурсида» [1, с.718]-ро овардаанд, ки воқеан, маънои фразеологӣ дар худ дорад.

Бо назардошти гуногунии тарҷумаи ВФ дар асар, метавон онҳоро ба чанд бахш ҷудо намуд. Ба ин маъно, ки мутарҷимон талош кардаанд, то маънои ВФ-и қуръониро бо роҳҳои гуногун, аз қабили тарҷумаи маъноӣ, калкавӣ ва ё овардани муродифоти луғавии онҳо тарҷума намоянд. Мавриди зикр аст, ки тақсимбандии зер дар натиҷаи омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи беш аз 120 воҳиди фразеологии қуръонӣ бо тарҷумаи он дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» сурат гирифтааст. Агар дар боби аввал ва дувуми рисола такяи асосӣ ба бахши тафсирии асар карда мешуд, пас, дар ин боб асосан такя ба матни тарҷумавии асар карда шудааст. Зеро дар матни тафсир, бинобар таълифӣ будани он, мушаххас намудани муодил ё тарҷумавӣ будани ВФ душвор ва ҳатто ғайримумкин аст, дар ҳоле ки дар матни тарҷума ин мушкилот нест.

3.3. Тарҷумаи калкавии ВФ

Ба таври калкавӣ тарҷума шудани ВФ дар асар аз роиҷтарин роҳи ифодаи ВФ ба забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Ба андешаи мо, бештар ба тарҷумаи калкавӣ даст задани мутарҷимони асар на ба қуввату тавоноии забони тоҷикӣ, балки ба эътиқоду боварии мутарҷимон бастагӣ дорад. Воқеан, тарҷумаи китобҳои динӣ ба фарқ аз китобҳои адабӣ, бадеӣ ва ғ. мушкилоти худро дорад, ки вобаста ба бовару эътиқоди мутарҷимон мебошад. Ҳамин аст, ки дар назарияи тарҷума тарҷеҳ дода мешавад, ки асарҳои динӣ ба таври таҳтуллафзӣ тарҷума карда шаванд, зеро ин навъи тарҷума метавонад то ҷойе шакл ва маънои матни аслро дар забони тарҷума нигоҳ дорад, дар ҳоле ки тарҷумаи маъноӣ ё озод бо эҷодкории мутарҷим робитаи ногусастанӣ дорад ва ин боис мешавад, ки дар матни тарҷума иловаҳо ва ё ҳазфҳо сурат гирифта, ба матн ҳам аз лиҳози шакл ва ҳам аз лиҳози маъно дигаргуниҳо ворид шавад, ки ин дар тарҷумаи асари динӣ тамоман номумкин аст.

Мутарҷимони асар бо назардошти нуктаҳои боло талош кардаанд, то калимаву ибора ва ҳама гуна таркибҳои қуръониро ба таври таҳтуллафзӣ ва ҳатто ҳарф ба ҳарф тарҷума намоянд. Масалан, вожаи урва (عُرْوَة)-и арабӣ аз нигоҳи луғавӣ ба маънои عُرْوَةٌ ҷ. عُرًى، عَرَاوَى 1) маврид (моя)-и итминон (эътимод); такягоҳ; 2) банд; ҳалқа, гирех; 3) сӯрохи тугма (сӯзан); даста, дастгира (-*и кӯза, офтоба ва ғ.*) ва ғайра омада, ҳангоми ба он илова шудани сифати вуҫо (وُثْقَى) العروةالوثقي ифодагари маънои дастгираи маҳкам ва пайванди мустаҳкам [Сулаймонов 2010, с.800] мебошад, ҳамзамон, ин ибора ба ҳайси воҳиди фразеологии қуръонӣ баромад менамояд, зеро дар оят дин ба банд, ҳалқа ва пайванди мустаҳками ногусастанда ташбеҳ дода шудааст [وهبة، 1994، ص.43].

Дар тарҷумаҳои тоҷикии муосири Қуръон ин ибора ба гунаи дастовези маҳкам оварда шудааст [Қуръон 1436, с.112]. Дар асар ин ибораро дар якҷоягӣ ба феъли бо он омада (فقد استمسك بالعروة الوثقى) чунин тарҷума кардаанд: «андаровехт ба гӯшае устувор» [ҷ.1, с.137].

Дар ин таъбир калимаи гӯша, ки аз нигоҳи этимологӣ ба забони паҳлавӣ мерасаду [880.ص ،1389 عميد] имрӯз ба маънои кунҷ, зовия; канор, канора, нӯги ҷое ё чизе, ҷойи хилват, ҷойи аз назари мардум дур [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.358] ба кор меравад, дар назари аввал ҳеҷ рабте ба муодилҳои тоҷикии калимаи урва (عُرْوَة) надорад. Вале пажуҳиш нишон дод, ки дар гузашта гӯша ба маънои ҳалқа истифода мешудааст. Чунончи Деҳхудо ба ин ишора карда, навиштааст: «(гӯша ба маънои) ҳалқа. Дар қадим перомуни суфра ҳалқаҳо, ки бар он ришта мегузарониданд ва чун ҷамъ кардани суфра мехостанд он риштаро мекашиданд, ҳалқаҳо ба ҳам пайваста ва суфра фароҳам меомад. Ниҳоданд яке хона хонҳои соҷ, Ҳама гӯшааш зару пайкар зи оҷ (Фирдавсӣ). Гӯшаи занҷир: ҳалқаи занҷир» [19402 .ص ،12.ج ،1998 دهخدا].

Нуктаи ҷолиб дар тарҷумаи мазкур боз ин аст, ки мутарҷимон ба монанди сохтори ҷумлаи арабӣ воҳидҳои синтаксисиро овардаанд, яъне чи гунае ки дар арабӣ нахуст феъл ҳамчун ифодагари хабар сипас дигар аъзои ҷумла оварда мешавад, дар тарҷума низ ҳамон гуна оварда шудааст.

Хулоса ВФ мазкур аз ҷониби мутарҷимон ҳарф ба ҳарф тарҷума гаштааст, ба гунае ки агар он ба забони арабӣ боз ба таври таҳтуллафзӣ тарҷума шавад, айнан ҳамон шакли арабияш пурра зоҳир мешавад.

Айни ҳамин нукта дар тарҷумаи ВФ дигар, ки дар ояти 119 сураи «Оли Имрон» омадааст: «عضوا عليكم الأنامل من الغيظ» мушоҳида мешавад. Донишмандони араб таъбири «عضوا أطراف الأصابع» - ро киноя аз хашму ғазаби сахт ва ҳайрониву ҳасрат маънидод кардаанд [66.ص ،1994 وهبة], яъне ин намунае аз ВФ-и қуръонӣ мебошад.

Дар асар ин ВФ ба гунаи «бихоянд бар шумо сарҳои ангуштон аз хашм»[ҷ.1, с.199] тарҷума шудааст. Муқоисаи тарҷума ба асл боз ин нуктаро таъйид менамояд, ки мутарҷимон дар ин ҷо низ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфи ВФ-ро бартар шуморидаанд ва ба гунаи мисоли пешин ҳатто дар ҷобаҷогузории воҳидҳои синтаксисӣ ба сохтори грамматикии забони матни асл – арабӣ, пойбанд гаштаанд. Мавриди зикр аст, ки дар забони тоҷикӣ таркибҳои ангушт (ба дандон) газидан //ангушти ҳайрат ба дандон газидан, ҳайрону

вола шуда мондан [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.66]; ангушти ҳайрат (таҳайюр) (ба дандон) газидан 1. ҳайрон шудан, дар ҳайрат мондан, тааҷҷуб кардан; 2.моту хомӯш шуда мондан [Фозилов 1962, ҷ.1, с.26] ба кор меравад ва ба гумони ғолиб аз забони арабӣ бо роҳи тарҷумаи калкавӣ иқтибос шудааст.

Дар забони арабӣ, хусусан, дар Қуръони карим ВФ «رد يده في فيه» омадааст, ки дар тарҷумаи таҳтуллафзӣ аз он метавон бо «даст ба даҳон бурд» ёд кард. Ин ВФ дар забони арабӣ бо «أمسك عن الكلام» аз сухан худдорӣ кардан маънидод шуда, ҳамчун муродифи «عض أطراف الأصابع» - ангушт ба дандон газидан ёд мешавад [وهبة 1994، ص.275]. Дар асар ин ВФ ба таври таҳтуллафзӣ: «бозгардониданд дастҳои эшон андар даҳанҳои эшон» оварда шудааст, ки то ҷойе дарку фаҳми он мушкилӣ ба бор меорад. Ба хотири рафъи ин печидамаъноӣ аст, ки дар тарҷумаҳои муосир дар баробари он боз муродифи дигари ин ВФ оварда шудааст: «онҳо даст ба даҳон бурданду аз ниҳояти тааҷҷуб ва инкор ангуштони худро газиданд» [Қуръон 1436, с.643]. Чи тавре дида мешавад, дар тарҷумаҳои муосир қисмати «аз ниҳояти тааҷҷуб ва инкор ангуштони худро газиданд» маҳз ба хотири шарҳу тавзеҳ додани «онҳо даст ба даҳон бурданд» оварда шудааст, то бо ин рафъи таваҳҳум шавад.

Таъбири «خفض الجناح» аз воҳидҳои фразеологии қуръонист, ки дар ояти 24 сураи «Исро» омадааст ва тарҷумаи он ба гунаи «бол фуру густаронидан» оварда шудааст: «Ва фуру густаронида дор мар эшонро боли хеш ба фурӯтанӣ аз шафқат» [ҷ.1, с.698], ки бе шак тарҷумаи таҳтуллафзӣ мебошад, чаро ки дар забони тоҷикӣ таъбирҳои «хоксор будану бо тавозуъ будан» ҳарчанд воҳиди фразеологӣ набошанд ҳам, метавонад ифодагари маънои ин таъбири қуръонӣ бошад. Бо назардошти амонати тарҷумаи матни динӣ мутарҷимон муодили луғавии онро, ки дар забони тоҷикӣ роиҷ ва барои хонандаи тоҷик фаҳмо аст, наоварда, балки ба тарҷумаи таҳтуллафзии он пардохтаанд.

Таъбири «Задем бар гӯшҳои эшон» [ҷ.1, с.716] тарҷумаи таҳтуллафзии «فضربنا على آذانهم» аст, ки дар ояти 11 сураи «Каҳф» омадааст. Дар тафсирҳои

арабӣ ин таъбир ба гунаи «онҳоро дар хоби амиқе хобонидем, ба гунае ки дар он овозе намешуниданд» [وهبة 1994، ص.295], дар тарҷумаҳои муосир бошад, ин таркиб ба гунаи «(Пас чандин соле) онҳоро дар он ғор хобонидем» [Қуръон 1436, с.741], оварда шудааст.

Дар ин ҷо воқеан тарҷумаи асар на фақат таҳтуллафзӣ сурат гирифтааст, балки тартиби воҳидҳои синтаксисии ҷумла низ, чи тавре пештар ҳам мушоҳида шуд, такя ба матни асл ҷобаҷо гаштаанд. Ба хотири беҳтар дарк намудани ин маъно мутарҷимон ин таркибро боз бо «ва шунавӣ бибурдем» [ҷ.1, с.716] шарҳ додаанд ва дар идома боз маънои мақсуди оятро овардаанд: «бихобонидемашон» [ҷ.1, с.716]. Аз чунин шарҳи овардаи мутарҷимон метавон хулосагирӣ намуд, ки онҳо бо он ки аз далолати ВФ «فضربنا على آذانهم» огоҳии хубе доштаанд, вале боз пойбандӣ ба амонати тарҷума онҳоро водор намудааст, ки нахуст тарҷумаи таҳтуллафзии онро оваранд, сипас маънои онро бо таъбирҳои фаҳмотаре баён намоянд. Мақсуд аз ин ВФ дар Қуръон гирифтани ҷон аст ва ин нуктаро мутарҷимон/муаллифони асар дар матни тафсир ба таври возеҳ овардаанд: «Ва эшон бихуфтанд, чун ба хоб андар шуданд. Худои азза ва ҷалла ҷонҳои эшон бистад» [ҷ.1, с.730].

«في قلبه مرض» воҳиди фразеологиест, ки дар Қуръон ба гунаи « في قلوبهم مرض» омадааст ва ифодагари дурӯягиву бадкории соҳибони чунин дил аст. Дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ин воҳиди фразеологӣ ба гунаи «андар дилҳошон беморӣ аст» [ҷ.1, с.18] муодилёбӣ ва тарҷума шудааст.

Чи тавре дида мешавад, мутарҷимон воҳиди фразеологии арабиро ба таври калкавӣ овардаанд, яъне ҳар як калимаи дар таркиби ин воҳиди фразеологӣ омадаро ба забони тоҷикӣ тарҷума намудаанд, дар ҳоле ки имрӯз дар забони тоҷикӣ метавонад воҳидҳои фразеологии «дил сиёҳ будан» ё «дили сиёҳ доштан», ки ба одами бадкору бадниятҳ [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.446] ишора мекунад, муодили пурраи он шуда ояд.

Дар тарҷумаи воҳиди фразеологии «ربطنا على قلبها», ки ба маънои «дилашро қавӣ кардан» [Қуръон 1436, с.965] меояду муодили тоҷикияш

метавонад воҳидҳои фразеологии «хотирҷамъ кардан» ва «дили касеро пур кардан» бошад, мутарҷимони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз тарҷумаи калима ба калима истифода бурдаанд: «Агар на он будӣ, ки бубастем бар дили ӯ, то бошад аз муъминон» [2, с.144]. Дар ин ҷо феъли «бубастем» корбурд шудааст, ки муодили пурраи феъли арабии «ربطنا» мебошад ва ҳарфи ҷарри على-и арабӣ бо пешоянди бар ва калимаи قلب бо муодили дил тарҷума шудааст. Чунин тарҷумаи калкавӣ дарки маъноро ба хонандаи имрӯзи тоҷик каме печида менамояд.

Тарҷумаи ояти 10 сураи «Аҳзоб» дар асар ба гунаи зер оварда шудааст: «Ки омаданд ба шумо аз болои шумо ва аз зери шумо ва ки бигашт чашмҳо ва бирасид дилҳо ба гулӯ ва гумон ҳамебурдед ба Худои азза ва ҷалла-гумонҳо» [ҷ.2, с.257], ки дар он ду ВФ: «زاغت الأبصار» ва «بلغت القلوب الحناجر» ба таври таҳтуллафзӣ ин гуна тарҷума шудаанд: «бигашт чашмҳо» ва «бирасид дилҳо ба гулӯ». Имрӯз ин таркибҳо ба гунаи «чашмҳо аз шиддати даҳшат хира шуданд ва ҷонҳо аз шиддати тарс ба лаб расида буданд» [Қуръон 1436, с.1045] тарҷумаёбӣ шудаанд.

Дар ин мисол низ бараъло мушоҳида мешавад, ки мутарҷимони асар дар тарҷумаи оятҳо, пеш аз ҳама, пойбандӣ ба матни асл доранд ва талош намудаанд, то ҳар калимаву ҳар ибораро, сарфи назар аз хусусиятҳои маҷозиву киноявӣ ва истиъории онҳо, ҳарф ба ҳарф тарҷума намоянд.

Ҷойи дигар мутарҷимон таркиби «بلغت الحلقوم» - ро ба гунаи «(он гаҳ) бирасад ба гулӯ» [ҷ.2, с. 572] тарҷума кардаанд. Мавриди зикр аст, ки дар забони арабӣ ВФ «بلغت الروحُ الحلقوم» ҳаст, ки муодили тоҷикии он ҷон ба лаб расидан/ ҷон ба гулӯ расидан буда, ифодагари дар сакарот қарор доштани ин ё он нафар аст. Дар тарҷумаҳои муосири тоҷикӣ ин таркибро ба гунаи «ҷон ба ҳулқум мерасад» [Қуръон 1436, с.965] ва дар тафсирҳои арабӣ онро ба гунаи «بلغت الروح وقت النزع الحلقوم» «...ҷон вақти сакарот ба ҳулқум/гулӯ мерасад» [وهبة 1994، ص.538] ёд кардаанд. Вале мутарҷимони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» бо пойбандӣ ва амонатдорӣ ба тарҷума ба мисли забони

арабӣ, ки фоъил замири мустатир аст, ба овардани бандаки феълӣ иктифо варзидаанд.

Дар забони арабӣ ВФ «قَضَى نَحْبَهُ» далолат ба умраш ба поён расид, мурд даргузашт [Сулаймонов 2010, с.1001] карда, дар забони тоҷикӣ ВФ зиёде, аз қабили ҷон бохтан, паймони касе пур шудан, аз дунё гузаштан, ҷаҳонро падруд гуфтан ва ғ. метавонанд муодили он шуда оянд. Инчунин, дар асар муродифот ва вариантҳои ВФ ифодагари мурдан аз ҳама гунаи фразеологизмҳои дигар, чи аз нигоҳи шумора ва чи аз нигоҳи корбурд, назаррастаранд. Вале мутарҷимон ин таркибро ба гунаи «устувор ҳамедоранд» тарҷума кардаанд, ки имрӯз ба маънои пойдор, побарҷо, маҳкам, мустаҳкам будан омада, ҳеҷ гуна рабте ба ҷаҳонро падруд гуфтан надорад, балки ба гунае нақизи он аст.

Гоҳе тарҷумаи таҳтуллафзӣ дар асар сабаб гаштааст, ки маънои фразеологии ибора канор монад. Масалан, ибораи «кашандаи ҳезум» [2, с.755] тарҷумаи бевоситаи ибораи изофии арабии «حمالة الحطب», ки дар ояти чоруми сураи «Масад» омадааст, бинобар тарҷумаи таҳтуллафзӣ маънои мақсуд гум шудааст. Нуктаи нахуст ин аст, ки мутарҷимон ибораи изофии арабиро таҳтуллафзӣ тарҷума кардаанд, дар ҳоле ки калимасозӣ бо исму асоси замони ҳозираи феъл дар асар ба кор рафтааст, аз қабили дилоромиш: «Пас, зуд фурӯ фиристод Худой дилоромиш аз наздики хеш бар пайғамбар [1, с.515], сарзаниш: «Сарзаниш нест бар шумо имрӯз, бад-он чӣ кардед» [1, с.648], хурднигариш: «Ҳаст мардум тангдилу хурднигариш» [1, с.730], ки аз феълҳои таркибии номӣ гирифта шудаанд, ки ин аз огоҳии мутарҷимон аз тавоноии забон ва роҳҳои калимасозии он шаҳодат медиҳад. Вале худдории онҳо аз овардани калимаи ҳезумкаш ба ҷойи кашандаи ҳезум, ба гумони ғолиб, ба пойбандии онҳо ба тарҷумаи ҳарф ба ҳарф ва амонатдорӣ дар тарҷума вобаста мебошад. Нуктаи дигар ин аст, ки дар забони арабӣ ибораи «حمالة الحطب» дар баробари маънои луғавии худ – ҳезумкаш, киноя аз суханчин аст. Дар забони тоҷикӣ низ ба суханчин ҳезумкаш гуфта мешавад, чи гунае Шайх Саъдӣ фармудааст:

Миёни ду кас ҷанг чун оташ аст,

Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст.

Мақсуд аз ин гуфтор ин аст, ки дар бархе тафсирҳо[1] ба киноя истифода шудани «حمالة الحطب» таъкид шудаву муродифи луғавии он калимаи «نَمّام» - туҳматчӣ, буҳтонгар, суханчин, хабаркаш, фитнаангезро [Сулаймонов 2010, с.1284] овардаанд. Вале қиссае, ки мутарҷимон дар матни тафсир дар робита ба ин ибора овардаанд: «Ва мар Булаҳабро зане буд, ки Пайғомбар, алайҳи-с-саломро, душман доштӣ ва ҳар бомдод багоҳ бархостӣ ва хорҳои маҳелон бардоштӣ ва ба роҳи гузари масҷид омадӣ ва ҳама он ҷо бирехтӣ ва гуфтӣ, то чун Пайғомбар, алайҳи-с-салом ва ёрони ӯ ба масҷид раванд, он хорҳо дар пои эшон бар шудӣ» [2, с.756], далолат бар он мекунад, ки онҳо ибораи « حمالة الحطب» - ро на ба маънои киноя, балки ба маънои ҳақиқии луғавияш шинохтаву тарҷума кардаанд.

Ба монанди ҳамин ибораи дигари арабӣ «سَكْرَةُ الْمَوْتِ», ки аз нигоҳи сохтори синтаксисӣ ибораи изофӣ ва аз нигоҳи истифода воҳиди фразеологии номӣ ба шумор рафтаву дар забони тоҷикӣ бо муодилҳои беҳушии марг, ҷонканӣ, сахтӣ ва душвории дами марг, сакароти марг [Сулаймонов 2010, с.557] маънидод мешавад, дар асар ба гунаи мастии марг [2, с.531] тарҷума шудааст. Воқеан, чунин тарҷумаи ибораи «سَكْرَةُ الْمَوْتِ» аз тарҷумаи таҳтуллафзӣ/калкавии он шаҳодат медиҳад, чаро ки калимаи «سَكْرَةُ» дар баробари бодапаймоиву майгусорӣ боз далолат ба мастиву мастшавӣ ва хумморӣ[Сулаймонов 2010, с.557] намуда, муодили пурраи калимаи «موت» дар забони тоҷикӣ марг аст.

«Кунанд ангуштҳо эшон андар гӯшҳошон» [1, с.18], «карданд ангуштҳои эшон андар гӯши эшон» [2, с.673] ҳамон ВФ ангушт дар гӯш кардан аст, ки ба ду маъно меояд: а) ифодаи тарс ва б) баёни беаҳмиятӣ ба сухани нафаре, ки аз кибру ғурур маншаъ мегирад. Ин тарҷума аз ҷониби

[1] Масалан, Замахшарӣ дар тафсири ин ибора мегӯяд: «Уммиҷамил бинти Ҳарб – хоҳари Абусуфён, ҳезуму хори маҳелон гирд меовард ва шабона дар роҳи Паёмбари Худо (с) мепартофт. Мегӯянд, вай суханчинӣ мекард ва суханчинро фитнаангези байни мардум мешуморанд, ҳезумро байни онҳо мебарад, яъне байни онҳо оташе меангезад, ки дар пай бадӣ дорад» [الزمخشري ، ج.6، ص.457]

мутарҷимон ҳамчун муодили маъноии «يجعلون أصابعهم في آذانهم» [сураи «Бақара», ояти 19] ва «جعلوا أصابعهم في آذانهم» [сураи «Нуҳ», ояти 7] оварда шудааст ва ба мисли дигар мисолҳое, ки пештар таҳлил карда шуданд, дар ин мисолҳо низ мутарҷимон талош кардаанд, то пойбанд ба матни асл монанд.

Ҳангоми баррасии тарҷумаи ВФ дар асар ба корбурди васеи ҷонишинҳо рӯбарӯ мешавем, ки ба равонии таъбир хоҳ нохоҳ халал ворид менамояд. Масалан, дар ҳамин ду мисоли боло: «Кунанд ангуштҳо эшон андар гӯшҳошон» [1, с.18], «карданд ангуштҳои эшон андар гӯши эшон» [2, с.673] такрори ҷонишини эшон, ки ифодагари шахси сеюми ҷамъ ва муродифи онҳо мебошад ба назар мерасад, дар ҳоле ки ин таркибҳоро ба гунаи «ангушт ба гӯши худ кардан» овардан мумкин буд, чаро ки дар матни асар корбурди ҷонишинҳои худ, хеш: «ва худ ба тани хеш бад-ин ғазв рафт» [1, с.519] ва хештан: «ӯ ба хештан ба ғалат уфтода буд аз роҳат ва офият ва комронии хеш» [2, с.316] ба таври васеъ мушоҳида мешавад. Вале бархе донишмандони муосир иллати чунин муносибати мутарҷимонро ба тарҷумаи ҷонишҳо дар он медонанд, ки «чун муодили замирҳои муштараки «худ», «хеш» ва «хештан» дар арабӣ вуҷуд надорад, дар тарҷумаи оёти Қуръони маҷид замири шахсӣ ба ҷойи он меоваранд. Ин истеъмол дар ғайри ин маврид (дар ғайри тарҷумаи оятҳо С.З.) дида нашудааст» [خانلری 1365،ج.3، ص.476].

Дар забони арабӣ таркиби «ضرب في الأرض» аз нигоҳи луғавӣ, хусусан, ҳангоми тарҷумаи калкавӣ ба гунаи «дар замин задан» маънидод мешавад, дар ҳоле ки он аз ВФ ба шумор рафта, аз ҷониби арабҳо ба гунаи « تباعد في الأرض ابتغاء الرزق» - ба ҷустуҷӯи ризқ сафар кардан/ба тиҷорат баромадан шарҳу тавзеҳ дода мешавад. Дар асар ин ВФ низ тарҷумаи таҳтуллафзӣ карда шудааст: «ва дигарон мебираванд андар замин» [ҷ.1, с.666].

Маънои касеро дар ихтиёри худ даровардан дар Қуръон бо чунин воҳиди фразеологӣ ифода шудааст: «أخذ بناصيته» [сураи «Ҳуд», ояти 56], ки маънои таҳтуллафзияш аз кокули пеши сар қапидан буда, маҷозан ба маънои ихтиёр ва зимоми чизеро дар даст доштан мебошад [Шарипова 2011, с.304].

Дар асар фақат ҷузъи феъли ин ВФ «أخذ» тарҷума шудааст: «Ва нест ҳеҷ ҷумандае, магар ӯ гирифтаст» [1, с.569], аммо тарҷумаи бахши номии он «بناصيته» оварда нашудааст. Дар ҳоле ки ин таркиб «بالناصية» бо феъли «سفع» - сахт кашидан чизеро [Сулаймонов 2010, с.551] ВФ-ии «سفع فلان بناصيته», касеро хору залил доштан ташкил дода, дар ояти 15 сураи «Алақ» омадааст: « لنسفعاً بالناصية» ва мутарҷимони асар онро ба гунаи таҳтуллафзӣ: «бигирем ба мӯйи пешонӣ» [2, с.732] тарҷума намудаанд. Аз ин метавон чунин хулоса намуд, ки мутарҷимон шояд ҷумларо ба гунаи «Ва нест ҳеҷ ҷумандае, магар ӯ гирифтаст аз мӯйи пешонии он» оварда бошанд, вале баъдтар носихон чунин таъбирро барои ҳама ҷондор созгор надидаанд, аз ин рӯ, ба таҳрифи тарҷума пардохта, онро ҳазф кардаанд. Дар ин росто сухани М.Баҳор, ки дар робита ба таҳрифи «Тарҷумаи Таърихи Табарӣ» гуфтааст, ба тағйиру таҳрифи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» низ созгор аст: «Ин нусха, ки қариб ҳазор сол аз тарҷумаи он мегузарад, аз қадимтарин насри форсии исломӣ ба шумор меояд. Агарчи дар ин муддат монанди тамоми осори адабии дигар аз тасарруфоти нассох ва тафаннунҳои нависандагону ҳошиянависони бераҳму бадкирдор эмин намондааст, боз аз хилоли калимоту ибороти парокандаву дастхӯрда тарзи таҳрири ширинтар аз қанди ҳазор сол пеш ба хубӣ дидаву фаҳмида мешавад ва аҳли басират метавонанд дар айни парешонӣ ва парокандагии ин китоб аз ҷабҳаи хуҷастаи он шуои асолати зотӣ ва барқ начобати аслиро дарёбанд ва аз он таматтуъ гиранд» [بهار 1369، ص.535].

Тарҷумаи ояти 37 сураи «Қоф»: « إن في ذلك لذكرى لمن كان له قلب أو ألقى السمع وهو شهيد», ки дар он ду ВФ: «له قلب» ва «ألقى السمع» омадааст, дар асар ба гунаи зер: «Ки андар ин ёдкорест онро, ки бувад ӯро диле ё биявканад ишнавоие, ӯ гувоҳ аст» [2, с.533] тарҷума шудааст, ки намуна ва шоҳиди дигаре барои тарҷумаи калкавии ВФ дар ин асар аст. Дар ин ҷо мутарҷимон таркиби « له قلب»-ро, ки ифодагари соҳибдил [Қуръон 1436, с.1343] ва соҳибақлу суханпазир будан [وهبة 1994، ص.521] ба гунаи дил доштан ва касеро дил будан ва ВФ «ألقى السمع», ки ба маънои гӯш додан [Қуръон 1436, с.1343] ва гӯш андохтан [Сулаймонов 2010, с.1129] ба таври шунавоӣ афкандан

(биафкананд ишнавоие) тарҷума кардаанд. Ҳарчанд таркиби дил доштан тарҷумаи таҳтуллафзии «له قلب» бошад ҳам, то ҷойе маънои онро ифода намудааст ва аз ҳама муҳим чунин таъбире дар забони тоҷикӣ ба кор меравад. Чунончи дил доштан/дил надоштан бевосита ба соҳибдиливу суханфаҳмӣ далолат нанамояд ҳам, бо ифодаи нармдилӣ/сангдилӣ ба гунае ба ақлу заковат ишора месозад. Аммо дар натиҷаи тарҷумаи таҳтуллафзӣ таркиби шунавоӣ афкандан[1] бисёр номафҳум гаштааст, зеро ҳамнишинии вожаи шунавоӣ бо афкандан дар забони тоҷикӣ бисёр ноошно аст. Аммо феъли «ألقى»-ро дар ВФ «ألقى السلام» на таҳтуллафзӣ, балки маъноӣ тарҷума шуда, муодили луғавии ин таркиб: салом кардан оварда шудааст. «Ӯ кунад сӯйи шумо салом» [1, с.267] тарҷумаи «ألقى إليكم السلام» [сураи «Нисо», ояти 94] дар асар мебошад.

Дар Қуръони карим аз кори мустаҳил/ғайримумкин бо ВФ « حتى يلج الجمل في سمّ الخِياط» ёд шудааст [وهبة 1994، ص.156], яъне ҳамон гунае ки даромадани шутур ба сӯрохи сӯзан нашуданӣ/мустаҳил аст, амалӣ шудани фалон кор низ мустаҳилу нашуданист. Мутарҷимон низ онро ба гунаи ҳарф ба ҳарф: «то андаршавад уштур андар сӯрохи сӯзан»[1, с.413] овардаанд, ки дарки он барои хонандаи имрӯз каме печидагиро ба бор меорад.

Тарҷумаҳои зерини асар: «калидҳои ниҳониҳо» ва «андар хушкӣ ва дарё» [1, с.373] ҳамчун муодили «مفاتح الغيب» ва «في البر والبحر» оварда шудаанд ва маълум аст, ки таври калкавӣ сурат гирифтаанд ва шояд то ҷойе барои пажуҳандаи муосир нофаҳмо бошанд. Зеро дар тарҷумаҳои муосир ВФ « مفاتح الغيب» бо калидҳои ғайб маънидод мегардад. Ба ин маъно, ки калимаи ғайб дар забони тоҷикӣ низ ҳамчун истилоҳи динӣ: «макон ва олами барои инсон номаълум, ки аз он ҷо ба фариштаҳо ва паямбарон ваҳӣ ва пайғом меомадааст (ба ин маънӣ «олами ғайб» ҳам мегӯянд)» [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.364] шинохта шуда, барои он дигар муродиф оварда намешавад. Ҳарчанд

[1] Мутарҷимон дар тарҷумаи ВФ «ألقى السمع» ба маънои феъли «ألقى», ки афкандан/андохтан аст [Сулаймонов 2010, с.1129] таваҷҷуҳ карда, тағйироти маъноии онро, ки дар натиҷаи ҳамнишинӣ бо дигар калимаҳо ба майдон меояд, ба инобат нагирифтаанд. Чунин муносибати мутарҷимон ба тарҷумаи ВФ, чи тавре ба такрор гуфтаем, аз пойбандии онҳо ба матни асл ва амонатдорӣ дар расонидани маънои он маншаъ мегирад.

хушкиву дарё/дар хушкиву дарё дар забони тоҷикӣ корбурд шавад ҳам, вале он маъное, ки аз таъбири баҳру бар бармеояд, дар он дида намешавад. Зеро таркиби баҳру бар аз нигоҳи луғавӣ ифодагари дарёву хушкӣ бошад ҳам, вале корбурди онҳо ба маънои маҷозӣ, ки далолат ба олам, дунё, ҷаҳон [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.157] менамояд, роиҷтар аст.

Воқеан, бештари ВФ бахши тарҷумавии «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» бо тарзи таҳтуллафзӣ ва калкавӣ тарҷума шудаанд. Илова бар ин, мутарҷимон кӯшидаанд, то дар овардани воҳидҳои синтаксисӣ дар зимни ҷумла тартиби воҳидҳои синтаксисии матни аслро риоя кунанд. «Дар тарҷумаи оёти Қуръони маҷид, шояд бар асари диққату эҳтиёте, ки мутарҷимон дар нақли айни оёт аз арабӣ ба форсии доштаанд, гоҳе сиғаҳои сарфи феъл ва сохтмони ҷумларо айнан мутобиқи асли арабӣ овардаанд, ки хилофи равиши форсӣ (тоҷикӣ С.З.) аст ва назири онҳо дар маворидe, ки иборат тарҷумаи лафз ба лафз нест, ба нудрат дида мешавад» [خانلری 1365]،ج.3، ص.475.

3.4. Муодилёбӣ дар тарҷумаи ВФ

Сарфи назар аз пойбандӣ ба матни асл мутарҷимони асар бархе маврид ба муодилёбӣ ва муодилофаринии воҳидҳои фразеологӣ пардохта, талош намудаанд, то маънои ВФ-и қуръониро то ҷойе дар забони тоҷикӣ инъикос намоянд. Ҳарчанд чунин эҷодкории мутарҷимон дар муқоиса ба тарҷумаи калкавии фразеологизмҳои қуръонӣ кам бошад ҳам, таҳлили он аз аҳаммияти волои илмӣ бархӯрдор мебошад, зеро дар чунин эҷодкорӣ тавоноии забони тоҷикӣ ҳувайдо мешавад.

Дар ояти 97- сураи «Ҳиҷр» таъбири «يضيق صدرك بما يقولون» омадааст, ки дар он воҳиди фразеологии «ضاق صدره به» ба кор рафта, дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба гунаи «Дуруст мо медонем, ки туро дил ме танг гардад, дили ту бад-он чи мегӯянд эшон» [ҷ.1, с.666] тарҷума намудаанд.

Чи тавре дида мешавад, воҳиди фразеологии «дил танг шудан», ки имрӯз низ дар забони тоҷикӣ ба таври васеъ корбурд мешаваду ифодагари «зиқ шудан, малул гаштан, дилгир шудан; бетоқат шудан; озурда шудан» [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.447] аст, аз ҷониби мутарҷимон ҳамчун муодили пурраи маъноӣ барои воҳиди фразеологии қуръонии «ضاق صدره به» оварда шудааст ва бе шак ин яке аз мавридҳои бомуваффақона муодилёбӣ шудани воҳиди фразеологии арабӣ дар забони тоҷикӣ мебошад.

Воҳиди фразеологии мазкур дар ояти 12 сураи «Ҳуд» низ омадааст ва дар ин маврид мутарҷимон онро ба гунаи «тангкунанда бад-он дили ту»: «Магар ту гузорандаи бархе он чӣ ваҳй карда шуд сӯи ту ва тангкунанда бад-он дили ту» [1, с.666] муодилёбӣ кардаанд. «Дил танг шудан»-ро ба шакли «тангкунанда бад-он дил» овардани мутарҷимон аз корбурди арабии он маншаъ мегирад. Ба ин маъно, ки дар оят «وضائق به صدرك», яъне бахше аз воҳиди фразеологӣ на ба сурати феъл «ضاق», балки ба шакли исми фоъил/сифати феълии тарзи фоъилӣ «ضائق» оварда шудааст, ки дар забони тоҷикӣ вожаи тангкунанда, ки бо гузаштан аз ду зинаи калимасозӣ танг+асоси феъли замони ҳозираи кардан/кун + пасванди – анда ба майдон омадааст, сифати феълии тарзи фоъилӣ ва муодили пурраи он (ضائق) ба

шумор меравад. Аз ин чунин натиҷа метавон гирифт, ки мутарҷимони асар на фақат ба маънои калима, балки ба сохтори морфологии он низ диққат дода, талош намудаанд, ки дар забони тоҷикӣ муодили пурраи онро пайдо намоянд.

«Рӯшноии чашм» аз воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мебошад, ки дар ояти 74 сураи «Фурқон»: «Ва он касҳо, ки гӯянд: «Худованди мо, бубахш моро аз занони мо ва фарзандони мо – рӯшноии чашмҳо ва бикун моро парҳезкорон ва пешрав» [ҷ.2, с.55] омадааст ва он ҳамчун муодили «قرة عين\ أعين», ки маънои таҳтуллафзиаш «осоиши чашм» мебошад, ба кор бурда шудааст. Ин таъбир барои тасвири шахсоне ё ҳодисаҳое истифода бурда мешавад, ки баёни он дар вуҷуди хонанда ҳиссиёти осоиш, мояи шодмонӣ, хушнудӣ ва фароғатро меоранд. Аз ин таъбири арабӣ метавон дар забони тоҷикӣ бо «нури чашм» муодилёбӣ кард, чун «нури чашм» ба маънои маҷозияш ифодагари фарзанд [ФТЗТ 2008, ҷ.1, 543 с.] мебошад. Вале аз он ҷо ки мутарҷимони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ҳангоми тарҷумаи оятҳо кӯшидаанд, ки барои ҳар вожаи арабии қуръонӣ дар забони тоҷикӣ муодилёбӣ намоянду аз корбурди вожагони арабӣ то ҳадди имкон худдорӣ намоянд, ба ҷойи калимаи «нур», ки арабист, истифодаи калимаи «рӯшноӣ»-ро дар таркиби ин воҳиди фразеологӣ бартар шуморидаанд.

Ҷойи дигар дар ояти 9 сураи «Қасас» таъбири «قرة عين» омадааст, ки онро низ мутарҷимон ҳамчун «рӯшноии чашм» муодилёбӣ кардаанд: «Ва гуфт зани Фиръавн, ки: «Рӯшноии чашм аст маро ва туро, макуш ӯро, бошад, ки манфаат кунад моро ё бигирем ӯро ба фарзандӣ» ва эшон надонистанд [ҷ.2, с.144]. Ҳарчанд «рӯшноии чашм» аз муодилҳои маънои таъбири « قرة عين» бошад ҳам, вале ба назари инҷониб беҳтар мебуд агар мутарҷимон дар ин ҷо аз таркиби «оромиши дил» истифода мекарданд.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки дар тарҷумаҳои муосири тоҷикӣ ин таъбир ба гунаи «мояи шодмонӣ» муодилёбӣ гаштааст: «Ва зани Фиръавн гуфт: Ин тифл мояи шодмонии ману туст» [Қуръон 1436, с.965].

Дар матни зер: «Ва ба дурустӣ, ки биёфаридем мардумонро ва донем он чӣ бишӯрад бад-он тани ӯ ва мо наздиктарем бад-он аз раги ҷон» [2, с.531] ду ВФ оварда шудааст: «бишӯрад бад-он тани ӯ» ва «раги ҷон». ВФ дувум бевосита тарҷумаи ибораи «حبل الوريد» аст, ки ба таври таҳтуллафзӣ анҷом шудааст ва дар забони тоҷикӣ имрӯз муодили он раги гардан шинохта мешавад. ВФ аввал бошад, барои тарҷумаи «ما توسوس به نفسه» муодилёбӣ шудааст. Дар ин ҷо таваҷҷуҳ ба тарҷумаи феъли ин таркиб намудан лозим аст. Ба ин маъно, ки феъли «وسوس» ба маонии гӯшакӣ к., фикрҳои бадро дар дили касе талқин к., ба васваса андохт [Сулаймонов 2010, с.1374] меояд ва аз ин вожаи иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ чандин таркиби феъли номӣ бо маонии гуногун: васваса кардан (намудан) ба кори бад таҳрик кардан, ба роҳи бад андохтан; шӯрондан; баддил кардан касеро; ба (дар) васваса афтодан а) ғалаба кардани андешаҳои бад; ба фикру хаёлҳои бад афтодан;б) воҳима зер кардан; ба васваса андохтан тарзи бавоситаи ба (дар) васваса афтодан; васвасаи шайтонӣ талқини фикру андешаҳои фитнаангез; андешаи бад, бадгумонӣ[ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.27] сохтаву мавриди истифода қарор дорад. Дар тарҷумаҳои муосир низ «وسوس» ба ҳамин феъли таркибии номии васваса кардан тарҷума шудааст: «ва медонем он чиро, ки нафсаш ба ӯ васваса мекунад» [Қуръон 1436, с.1339].

Тарҷумаи ин феъл дар асар бо овардани феъли шӯридан, ки ба маонии ба ҳаяҷон омадан, ошуфта шудан, ба ҷӯшу хурӯш омадан. 2. ба қаҳру ғазаб омадан, оташин шудан. 3. мач. ба талотум афтодан, туғён кардан (-и дарё) меояд [ФТЗТ 2008, ҷ.2, с.662], муодилёбӣ шудааст. Яъне, дар тарҷумаи ин ВФ мутарҷимон, ҳарчанд тартиби ибора/ҷумласозии арабиро риоя карда бошанд ҳам, вале даст ба тарҷумаи ҳарф ба ҳарфи он назадаанд, балки барои он таркиби чизеро тан/нафс шӯридан/ шӯронидан муодилёбӣ намудаанд. Мавриди зикр аст, ки вариантҳои дигари ин ВФ: ба шӯр андохтан // ба шӯр овардан ба ҳаяҷон овардан, барангехтан; ба шӯр омадан шӯридан, ба ҳаяҷон омадан, бадҳаҳлу оташин шудан[ФТЗТ 2008, ҷ.2, с.661] дар забонамон ба таври васеъ истифода мешаванд.

«Даст ба ҳам задан» аз воҳидҳои фразеологиест, ки мутарҷимони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» онро дар баробари таъбири «يقلب كفيه» қарор додаанд: «Ва бирасонид ва гирди ӯ гирифта меваҳои он, дигар рӯз бархост, бар ҳам мезад дасти хеш бад-он чи ҳазина карда буд андар он бӯстон» [ҷ.1, с.720]. Муфассирони араб ин ВФ-ро ба гунаи «يقلب كفيه ظهراً لبطن، تحسرا وندما» пушту шиками кафҳои худро аз ҳасрату пушаймонӣ мегардонид [وهبة 1994، ص.299] шарҳу тавзеҳ додаанд. Ҳамин нуктаро мутарҷимони муосири тоҷик низ ба инобат гирифта, ин таъбирро ба гунаи «дасти пушаймонӣ ва ҳасрат бар даст мемолид [Қуръон 1436, с.749] тарҷума намудаанд.

Дар забони форсии тоҷикӣ дар баробари ВФ даст ба ҳам задан боз ВФ даст ба даст судан корбурд мешавад, ки ифодагари таассуф намудану афсус хӯрдан аст [Деҳхудо 1998, ҷ.7, с.10796]. Ба андешаи инҷониб, тарҷумаи мазкури ВФ яке аз намунаҳои муваффақи тарҷумаи ВФ-и арабӣ ба забони тоҷикӣ тавассути муодилёбӣ мебошад, чаро ки ВФ даст ба ҳам задан ё даст бар даст задан дар забони тоҷикӣ ифодагари изтиробу ҳаяҷон, ҳамзамон, нишондиҳандаи ҳасрату пушаймонӣ дар мавриди коре/чизе мебошад.

Бозу устувор/қавӣ кардан/гардонданро метавон ҳамчун ВФ шуморид, ки ба маънои кумаку ёрӣ ва неруманд сохтан омада, мутарҷмиони асар онро дар баробари ВФ арабӣ: «شد عضد» муодил қарор додаанд. «Устувор кунем бозуи ту» [1, с.720] ҳамчун муодили «سنشد عضدك», ки дар ояти 35 сураи «Қасас» омадааст, оварда шудааст.

Аз тарҷумаҳои муваффақонаи дигаре, ки дар натиҷаи тарҷумаи ВФ бо муодилёбӣ бо ВФ анҷом пазируфтааст, ин тарҷумаи «تنفس الصبح» мебошад, ки дар ояти 18 сураи «Таквир» омадааст. Тарҷумаи ин оят ба гунаи зайл оварда шудааст: «Ва бомдод чун бидамад» [2, с.709]. Дар ин ҷо мутарҷимон пойбанди маънои луғавии феъли «تنفّس», ки ифодагари нафас кашид, нафас рост кард, андак дам гирифт, нафаси тоза гирифт аст, нагашта, бо назардошти ҳамнишинии калимаи «الصبح» бо он муодили фразеологии бомдод дамид/субҳ дамидро овардаанд, ки бисёр ҷой ва созгор ба кор рафтааст.

3.5. Тарҷумаи ВФ бо муодили луғавӣ

Таҳқиқу баррасии тарҷумаи воҳидҳои фразеологии қуръонӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон медиҳад, ки мутарҷимони асар на ҳамеша воҳидҳои фразеологиро тарҷумаи маъноиву таҳтуллафзӣ намудаанд, балки дар баробари воҳиди фразеологӣ муродифи луғавии онро овардаанд. Чунончи дар ояти 60 сураи «Тавба» воҳиди фразеологии «ابن السبيل» омадааст, ки тарҷумаи таҳтуллафзии он «фарзанди роҳ/писари роҳ» буда, ифодагари мусофир/ғариб аст ва ин дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба гунаи «раҳраванда» оварда шудааст: Ки садақаҳо дарвешонрост ва мискинонро ва кунандагонро бар он ва дӯстдорони дилҳои эшон ва андар гарданон ва вомдорон ва андар роҳи Худой ва роҳравандагон [ҷ.1, с.500].

Дар мавриди дигар ВФ «توبة نصوح» ба муодили луғавӣ тарҷума карда шудааст: «тавбате дуруст» [ҷ.2, с.646], дар ҳоле ки дар баробари истифодаи худи тавбаи насуҳ дар забони форсии тоҷикӣ боз тавбаи холисона/содиқона боз корбурд мешавад.

3.6. Тарҷумаи воҳиди луғавӣ бо ВФ

Дар бахши тарҷумавии асар боз ба мавридҳое дучор шудан мумкин аст, ки воҳиди луғавӣ бо ВФ тарҷума шудааст. Чунончи ВФ гардан баровардан, ки аз вариантҳои фразеологии гардан афрохтан [دهخدا 1998، ج.12. ص.19044], гардан кашидан ва гардан тофтан будаву ба маънои саркашӣ кардан, аз итоат сар тофтан ва нофармонӣ кардан [ФТЗТ 2008, ҷ.1, с.330] меояд, дар асар ҳамчун муодили феъли «طغى» - аз ҳад (ҳудуд) берун рафтан, саркаш шудан, нофармонӣ/сарпечӣ кардан [Сулаймонов 2010, с.710]: «Бирав сӯи Фиръавн, ки ӯ гардан мебарорад» [ҷ.1, с.762] оварда шудааст. Дар забони арабӣ феъли «طغى» танҳо оварда шудааст, яъне бо он вожа, чи исм ва чи пешоянд, ҳамнишин нагаштааст, ки ВФ-ро ташкил диҳад, чаро ки шарти асосии ВФ будан ин алоқамандии ду ва зиёда калимаҳое мебошад, ки сохти устувор ва семантикаи яклухти ба қисмҳо ҷудонашаванда доранд [ЗАҲТ 1973, с.64] ва ҳамчун масолеҳи тайёри забонӣ дар ифодаи мафҳум ва тобишҳои гуногуни маъноӣ нодиранд [Маҷидов 1982, с.10]. Дар ҳоле ки шурути мазкур дар феъли «طغى» дида нашавад ҳам, мутарҷимон онро бо ВФ тоҷикӣ «гардан баровардан», ки ҳамон «саркашиву исён кардан» аст, тарҷума намудаанд.

Феъли «انتقمنا» дар ояти 55 сураи «Зухруф» дар тарҷумаҳои муосири тоҷикӣ бо феъли таркибии номиии интиқом гирифтан, ки аз масдари арабӣ (انتقام) ва феъли ёридиҳандаи гирифтан таркиб ёфтааст, тарҷума гаштааст. Аммо дар асар ин феъл, ки ҳамчун воҳиди луғавӣ баромад менамояд, бо ВФ: кина кашидан: «Ва чун ба андӯҳ оварданд моро, кина кашидем аз эшон, ғарқа кардем эшонро ҳама» [ҷ.1, с.459] муодилёбӣ шудааст. Мавриди зикр аст, ки кина/кин кашидан ҳамчун ВФ ифодагари интиқом кашидан, хунхоҳӣ кардан, талаби хун кардан [دهخدا 1998، ج.12.ص.18854] мебошад.

Мутарҷимон феъли «مَنّى»-ро, ки дар ояти 119 сураи «Нисо» омадааст, бо ВФ ба шакли орзу афкандан тарҷума кардаанд: «ба орзу афканамашон»[1, с.278]. Воқеан, корбурди чунин равиш, яъне барои расонидани маънои воҳиди луғавӣ истифода аз ВФ тарҷумаро бисёр суфтаву равон ва фаҳмо гардонидааст.

Ҷойи дигар ибораи қабзаи қудрат: «ва замин ҷумла дар қабзаи қудрати ӯст» [2, с.393] ҳамчун ВФ дар баробари калимаи қабза «قبضة» муодилофаринӣ шудааст. Ҳамзамон, чунин корбурди вожагони арабӣ: қабза ва қудрат, яъне ҳар ду рукни ибораи исмиро аз калимаҳои арабӣ овардан ва он ҳам дар бахши тарҷумавии «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» бисёр нодир аст. Ба андешаи инҷониб, муродифи фразеологӣ овардан барои шарҳи калима, инчунин, вожаҳои арабиро истифода кардани мутарҷимон ба масъалаҳои ақидатӣ бармегардад. Ба ин маъно, ки ин ҷо «қабза»-и арабиро ба мушту даст тарҷума кардан ва ё онро дар забони тоҷикӣ дар ҳамин маврид танҳо овардан суолҳоеро дар ақида пайдо менамояд.

3.7. Муқоисаи ВФ-и матни асар бо ВФ-и тарҷумашуда

М.Баҳор дар робита ба забони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нигоштааст: «Мухтассоти ин китоб қариб ба «Тарҷумаи Таърих» аст, ҷуз он ки ранги тарҷума дар вай ошкортар аст, то дар «Таърих» ва ногузир луғоти қуръонӣ дар вай зиёдтар аст ва гоҳе луғоти форсии ғариб, ки дар тарҷумаи калимоти қуръонӣ бад-он ниёзманд будаанд, низ овардаанд» [بهار1371، ج.2، ص.34].

Воқеан, дар мавриди ин ки ин асар аз ҷониби як гуруҳ донишмандон тарҷумаву таҳрир гаштааст, ҷойи тардид нест, чаро ки дар худи муқаддимаи ин асар ин нукта баён шудааст: «Пас, бифармуд малики музаффар Абусолеҳ, то уламои Мовароуннаҳрро гирд карданд… то эшон аз миёни хеш ҳар кадом фозилтар ва олимтар ихтиёр кунанд, то ин китобро тарҷума кунанд. Пас, тарҷума карданд»[1, с.4-5], ҳамзамон, гуногунии таркибот ва баёни як қисса бо услубҳои мухталиф ба якдаста набудани он далолат мекунад. Вале тафовут ва фарқияти куллӣ байни матни тарҷума ва матни тафсири асар бараъло мулоҳиза мешавад. «Бештари он нукоте, ки дар матни тафсири бузург баён кардем, бар тарҷумае, ки донишмандони Хуросон аз Қуръони карим дар даруни ҳамон матн додаанд, мунтабиқ нест. Мутарҷим ё мутарҷимон бо он ки фатвои фақеҳонро дар даст доштанд ва метавонистанд Қуръонро чунон ки шоиста аст, ба форсӣ баргардонанд, боз дар муқобили насси муқаддас дучори тардиду тазалзул шуданд, ки якбора забони маъмули худро раҳо карда дар бештари ҷойҳо ба амри вожаёбӣ басанда кардаанд. Вокуниши ин мардон қобили дарк аст: Ислом дарвоқеъ муъҷизае ҷуз худи Қуръон надорад. Ин муъҷиза низ, он чунон ки аз ваҳйи илоҳӣ бармеояд, дар лафзу таркиб ва маънии онҳо мунҳасир аст. Бе гумон, мутарҷими эронӣ худ медонад, ки ҳарчанд бикӯшад ва ҳар чи донишу ҳунар дошта бошад, боз қодир нахоҳад буд, ки дар забони форсӣ он муъҷизаи илоҳиро бозгӯ кунад ва ё ҳатто партаве аз онро ҳувайдо созад. Аз сӯйи дигар сухани илоҳӣ маншаи ҳама эътиқодоту аҳкоми шаръии эшон аст. Бинобар ин, андак тахаттӣ аз лафзи Худованд хатари онро дорад, ки дар аҳкоми шаръ халале ҳосил шавад

ва мутарҷим ба гуноҳи сахте олуда гардад. Он эҳсоси аҷз дар баробари ваҳйи худовандӣ, аз як сӯ ва ин бими лағзиш, аз сӯи дигар, пиндорӣ фикру қалами мутарҷимонро чунон гирифтор медошт, ки эшон дигар дар тарҷумаҳои форсии худ як дам эҳсоси озодӣ намекарданд ва саранҷом чораи корро дар он диданд, ки аз расонидани пайғом аз забони мабдаъ ба забони мақсад чашм бипӯшанд ва танҳо ба ёфтани муодилҳое барои вожаҳои арабӣ иктифо кунанд, сипас онҳоро як ба як зери алфози Қуръон бингоранд. Ин шева оқибат чанд натиҷа ба бор овард, ки тайи ҳазор сол давом овард ва дар ҷо-ҷойи забону адаби форсӣ таъсири амиқ гузошт» [آذرنوش 1375، ص.18].

Ин гуна тафовутро ба байни воҳидҳои фразеологие, ки дар матни тарҷума ва матни тафсир оварда шудаанд, мушоҳида намудан душвор нест. Масалан, тарҷумаи оятҳои 25-31 сураи «Тоҳо» дар асар чунин оварда шудааст: «Гуфт Мӯсо: «Эй бор Худои ман, гушода кун маро дили ман. Ва осон кун бар ман кори (ман). Ва бикшой банд аз зафони ман. То дарёванд гуфтори ман. Ва кун маро ёре аз касҳои ман. Ҳорун – бародари ман. Устувор бикун бад-ӯ пушти ман» [1, с.762]. Тарҷумаи таҳтуллафзӣ будани ин қисмат ба касе пӯшида нест ва воҳидҳои фразеологии дили касеро кушода кардан, кори касеро осон кардан, банд аз забон кушодан, гуфтори касеро дарёфтан, пушти касе устувор кардан дар тарҷумаи «اشرح لي صدري», «ويسِّر لي أمري», « واحلل عقدة من لساني», «يفقهوا قولى» ва «أُشدد به أزري» аз ҷониби мутарҷимони асар оварда шудаанд.

Ба назар мерасад, ки дар ин ҷо мутарҷимон барои воҳидҳои фразеологии қуръонӣ муодилёбӣ ё муодилофаринӣ накардаанд, балки онҳоро тарҷумаи ҳарф ба ҳарф намудаанд ва ба ин, дар баробари маонии вожаҳо боз ҷобаҷогузории воҳидҳои синтаксисии ҷумла, ки мувофиқ ба матни асл сурат гирифтааст, далолат мекунад. Дар матни тафсир бошад, вақте мутарҷимон/мусаннифон дар даруни қисса ин оятҳоро меоранд, онҳоро ба гунаи тамоман дигар тарҷума намудаанд: аз як тараф, мувофиқ ба қоидаҳои грамматикии забони тоҷикӣ, аз тарафи дигар, муодилёбӣ барои воҳидҳои фразеологии қуръонӣ сурат гирифтааст. Гуфт: «Ё раб, дили ман фарох кун, то

орамида бошам». Гуфт: «Корҳои ман осон кун ва ин гирех, ки бар забони ман аст, бозгушой, то ҳар чӣ ман гӯям, андарёбанд». «Ё Раб, бародари маро – Ҳорун фаро вазири ман кун андар ин кор, вайро ҳамбози ман кун андар пайғомбарӣ, то пушти ман ба вай қавӣ бошад» [1, с.784-785].

Ин матн тарҷумаи оятҳои 25-31 сураи «Тоҳо» мебошад, ки дар матни тафсир оварда шудаанд ва чи тавре гуфта шуд, аз намунаи дар боло овардашуда, чи аз нигоҳи тартиби воҳидҳои синтаксисӣ дар ҷумла ва чи аз нигоҳи ВФ, тафовути куллӣ дорад ва дарку фаҳми он барои хонандаи муосир низ ҳеҷ душвориро ба бор намеорад.

Дар бахши тарҷума ВФ «وهن العظم» ва «اشتعل الرأس شيباً», ки ҳар ду киноя аз пир шудан аст[وهبة 1994، ص.306], ба гунаи «манам, суст шуд устухон аз ман ва бидурафшид сар ба пирӣ» [1,с.740] тарҷума шудаанд, дар ҳоле ки дар матни тафсир ин воҳидҳои фразеологӣ ба таври устухонҳои касе суст гаштан ва сафедӣ ба сар андаромадан: «Ман чунон гаштам, ки устухонҳои ман суст гашт ва сапедӣ ба сари ман андаромад [1,с.750] муодилёбӣ шудаанд. Дар муқоисаи ин ду таъбир аз як маъно бараъло эҳсос менамоем, ки агар дар тарҷумаи оятҳо мутарҷимон пойбанди матни динӣ бошанд, пас, дар бахши тафсирӣ барои худ озодии бештаре эҳсос намуда, дар муқобли ВФ арабӣ бо эҷодкориву дақиқназарӣ муодилҳои фразеологии онро қарор додаанд.

«قبل أن يرتد إليه طرفه» воҳиди фразеологии арабиест, ки муодили фразеологии он дар тоҷикӣ дар як чашм задан -ниҳоят тез, дар як лаҳза [ФТЗТ 2008, ҷ.2, с.545] буда, дар бахши тарҷумавии асар чунин оварда шудааст: «пеш аз он ки бозояд сӯи ту чашми ту» [2,с.99]. Дар дохили матн бошад, ҳамин ВФ ба гунаи ба «чашм барҳам ниҳӣ ва боз кунӣ» [2,с.137] дар баробари ВФ арабӣ «قبل أن يرتد إليه طرفه» муодилофаринӣ шудааст, ки ба ҳар сурат ба ВФ имрӯзӣ-дар як чашм/ ба ҳам/ задан хеле наздикӣ дорад.

«Вой ҳар ғаммозеро ва суханчинро» [2,с.742] тарҷумаи ояти нахустини сураи «Ҳумаза»: «ويل لكل همزة لمزة». Дар оят ҳеҷ ВФ оварда нашудааст ва мутарҷимон низ вожаҳои қуръониро ба тоҷикӣ муодилёбӣ кардаву ба таъбири Озарнӯши Озартош, як ба як пайиҳам оваранд. Аммо вақте матни

тафсирро мутолиа мекунем, мебинем, ки мутарҷимон/ мусаннифон ояти мазкурро дар сурати асл (арабӣ) зикр карда, пасон тарҷумаи онро овардаанд, ки аз ин тарҷума ба куллӣ тафовут дорад. «Вой бар он касе, ки мар дигареро ба лаб газад аз паси ӯ ё чизе аз паси касе бигӯяд» [2,с.742]. Дар ин ҷо ВФ ба лаб газидан ҳамчун муродифи фразеологии вожаи ғаммоз, ки ифодагари айбҷӯ, суханчин аст [Сулаймонов 2010, с.887], оварда шудааст. ВФ ба лаб газидан/лаб газидан метавонад ифодагари нафрату бадбинӣ аз паси нафаре бошад. Вале ба назари инҷониб корбурди он дар ин мавқеъ муродиф ба ВФ дигар неши забон задан омада, ба маънои сухани таънаомез гуфтан, гапи сахт задан ва таъна задану маломат кардан далолат мекунад.

Таҳлилу баррасии тарҷумаи воҳидҳои фразеологии арабӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон медиҳад, ки мутарҷимони асар тавонистаанд, ки барои расонидани пайғом ва маънои ин гуна воҳидҳо аз роҳҳои гуногун дар тарҷума истифода намоянд. Ҳамин аст, ки онҳо дар тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ гоҳе ба муодилёбиву тарҷумаи озод ва гоҳе ба тарҷумаи таҳтуллафзӣ рӯ овардаанд, вале дар ҳама маврид корбурди калимаҳои тоҷикиро дар зимни воҳидҳои фразеологӣ ба калимаҳои арабӣ бартарӣ додаанд. «Ба ростӣ, ихтилоф миёни ин ду лаҳн дар муқобили як матн, аммо дар ду ҷойи мутафовит бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст ва нек нишон медиҳад, ки мутарҷимони чирадасти Бухоро дар кори худ таҷрибаи бисёр касб карда будаанд ва пуштвонаи забонии калоне доштаанд. Ин ҳама диққат дар кори тарҷума ва ин ҳама шевоию зебоӣ дар вожаёбию ҷумлапардозӣ чизе нест, ки касеро дар таҷрибаи нахуст фароҳам ояд. Дигар туҳмати нотавонӣ ба он бузургон наметавон зад» [آذرنوش 1375، ص.21].

Аз нигоҳи оморӣ тарҷумаи қисмати бештари ВФ аз арабӣ ба тоҷикӣ дар асар бо роҳи калкавӣ/таҳтуллафзӣ сурат гирифтааст. Чунончи аз муқоисаи асли 120 ВФ бо шакли тарҷумаи он дар асар маълум гардид, ки беш аз 90 дарсади он маҳз бо роҳи калкавӣ/ таҳтуллафзӣ тарҷума шудааст. Метавон ин гуна тарҷумаҳоро калкаҳои фразеологӣ низ номид, чаро ки сарфи назар аз чи гуна бори маъноӣ кашидани таркибу таъбирҳо онҳо айнан тарҷума карда

шудаанд. Дар ин гуна тарҷумаҳо дар бештари маврид қоидаҳои грамматикии забони тоҷикӣ сарфи назар карда шуда, ба тартиби воҳидҳои синтаксисӣ дар зимни ибораву ҷумла ба қоидаҳои наҳвии забони асл/арабӣ таваҷҷуҳ карда шудааст.

Бо ВФ тарҷума кардани ВФ дар асар 7 дарсади воҳидҳои фразеологии муқоисашударо ташкил медиҳад. Дар ин бахш чунин ба назар мерасад, ки бархе маврид мутарҷимон барои тарҷумаи ВФ арабӣ муодилёбӣ накардаанд, вале тарҷумаи муваффақонаи воҳиди фразеологӣ таркибро ҳамчун муодили ВФ асл нишон медиҳад. Вале ин ҳақиқат аст, ки мутарҷимон ВФ рӯшноии чашм, даст ба ҳам задан, бомдод дамидан ва ғайраро на ба роҳи тарҷумаи калкавӣ, балки бо муодилёбиву муодилофаринӣ дар баробари ВФ арабӣ: « قرة العين», «يقلب كفيه» ва «تنفس الصبح» овардаанд.

Бо воҳиди луғавӣ тарҷума кардани ВФ арабӣ ҳамагӣ 2 дарсадро ташкил карда, 1 дарсади дигари фразеологизмҳои муқоисашударо воҳидҳои фразеологие ташкил медиҳанд, ки дар зимни бахши тарҷумавии асар ба таври таҳтуллафзӣ тарҷума шуда, дар даруни матни асар бошад, барои ифодаи онҳо аз ВФ-и тоҷикӣ истифода шудааст.

Дар баробари ин, аз таҳлили тарҷумаҳои ВФ дар асар маълум гардид, ки мутарҷимон гоҳе воҳиди луғавии арабиро бо воҳиди фразеологии тоҷикӣ тарҷума кардаанд. Аслан, чунин муносибати мутарҷимон ҳангоми тарҷумаи феълҳое, ки дар забони тоҷикӣ муодили феъли сода надошта, балки зарурати тарҷумаи онҳо бо феълҳои таркибии номӣ пеш меояд, сурат гирифтааст. Инчунин, ба назар расид, ки мутарҷимон барои фаҳмотар намудани маънои ин ё он вожаи қурҳонӣ аз воҳиди фразеологӣ истифода намудаанд ва ин ҳам на ба бахши тарҷумавии асар, балки ба бахши тафсирии он хос мебошад.

ХУЛОСА

Диссертатсия ба хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии ВФ дар забони тоҷикӣ дар асоси маводи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» бахшида шуда, дар раванди таҳқиқ ба чунин натиҷаҳои асосии илмӣ расидаем:

1. Забони тоҷикӣ дар давраи Сомониён аз нав эҳё гардида, дар натиҷаи таваҷҷуҳ ва дастгириҳои амирони ин хонандон дар як муддати кӯтоҳ ба забони илм табдил ёфт, ба гунае ки бузургтарин осори давр аз забони арабӣ ба ин забон тарҷума гардиданд. Аз ҷумла, ба таври васеъ истифода шудани воҳидҳои фразеологӣ дар осори ин давра (дар намунаи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ») ҳокӣ аз нерумандӣ ва тавоноии забони тоҷикӣ мебошад. Бад-ин маъно, ки бо ин забон ҳанӯз дар асри Х-и мелодӣ донишмандон-мутарҷимони тоҷик тавонистанд асарҳои бунёдиеро дар улуми гуногун аз забони арабӣ, ки дар он рӯзгор забони илм ба шумор мерафт, ба забони тоҷикӣ ба таври равону шево тарҷума намоянд [1-М].

2. «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз муҳимтарин ва бузургтарин намунаи осори насрии давраи Сомониён ба шумор меравад, ки бинобар фарогирияш ба луғоти зиёди гуногун ва таъбирҳои ноби тоҷикӣ онро ҳамсанги «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мешуморанд [1-М; 4-М].

3. Аз таҳлили ВФ дар асар маълум мегардад, ки мутарҷимон/муаллифон дар истифодаи ВФ равишҳои хоси худро доштаанд. Чунончи ба маънои ҳақиқӣ корбурд шудани ВФ, ишора ба пайдоиши ВФ, ба воҳиди луғавӣ шарҳ додани ВФ ва бо ВФ шарҳ додани ВФ дигар дар асар ба назар мерасад, ки аз муносибати гуногуни мутарҷимон/муаллифон ба ин падидаи забонӣ дарак медиҳад [2-М; 5-М].

4. Аз таснифи лексикии ВФ дар асар бармеояд, ки дар баробари тақрибан шашсад ВФ-и дар асар омада ҳамагӣ дар таркиби 23-тои он як (ва дар ду маврид ду) вожаи арабӣ истифода шудааст ва боқимонда ҳама калимаҳои сирф тоҷикианд. Ин нукта, аз як тараф, ба он вобаста бошад, ки калимаҳои аслии тоҷикӣ ҳамчун унсурҳои доимии воҳидҳои фразеологӣ нишона аз онанд, ки чунин воҳидҳои фразеологӣ асрҳо боз дар забонамон

вуҷуд доранд ва дар ҳамин шаклу қолаб маъмуланд, аз тарафи дигар, баёнгари ин воқеият аст, ки мутарҷимон/муаллифони асар ба хотири посдории забони модарӣ ва ҳифзи асолату нишон додани тавоноии забони тоҷикӣ талош кардаанд, то танҳо вожаҳои асили тоҷикиро, чи дар алоҳидагӣ ва чи дар таркиби ибораҳои озоди синтаксисӣ ё фразеологӣ, ба кор баранд [2-М].

5. Сермаъноӣ яке аз вижагиҳои ВФ дар забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Таҳлил нишон дод, ки тақрибан аз 600 ВФ, ки дар матни асар истифода шудааст, 6 ВФ дар мавридҳои гуногун ва бо маонии мухталиф корбурд гаштаанд, ки тақрибан 1 дарсади онро ташкил медиҳад [4-М].

6. Баррасии синонимҳои ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон дод, ки дар ин асар дар 12 силсилаи синонимӣ зиёда аз 60 ВФ гирд оварда шудааст, ки ин тақрибан 10 дарсади ВФ дар асар бакоррафтаро ташкил медиҳад. Бакорбарии силсилаи синонимии ВФ дар асар нишон медиҳад, ки муаллифони он аз ин падидаи забонӣ, пеш аз ҳама, ба хотири беҳтар расонидани маъно, аз такрор худдорӣ кардан ва шарҳу тафсири ҳамдигарии ВФ истифода бурдаанд. Таҳлилҳо нишон дод, ки синонимҳо ВФ, сарфи назар ба як маънои умумӣ далолат карданашон, боз тобишҳои хоси маъноӣ-услубии худро доранд, ки дар матн якдигарро иваз карда наметавонанд ва корбурди яке ба ҷойи дигар метавонад ба балоғати сухан халал ворид намояд [3-М; 4-М].

7. Таҳлили вариантҳои ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон дод, ки ин падидаи забонӣ дар асар ба таври роиҷ корбурд шудааст. Агар вариантҳои фонетикӣ ва морфорологии фразеологизмҳо дар асар ба нудрат ба назар расад ҳам, пас, вариантҳои лексикӣ, ки иситфодаашон дар забони тоҷикӣ сермаҳсул ба шумор меравад, бо тарзҳои гуногуни худ: илова ва ё ҳазф гаштани ҷузъҳои таркибии ВФ, истифодаи як ё зиёда воҳиди луғавӣ ба ҷойи ҳамдигарӣ дар ВФ ва ғ. корбурди васеъ дорад. Агар ба мисли силсилаи синонимӣ вариантҳои ВФ-ро низ силсила ба силсила ва ё ҳалқа ба ҳалқа раддабандӣ намоем, пас, маълум мегардад, ки дар асар наздик ба 15

силсила/ҳалқаи вариантии ВФ бо фарогирии наздик ба 30 ВФ ба кор рафтааст. Ба ин тартиб, аз нигоҳи оморӣ метавон гуфт, ки наздик ба 5 дарсади ВФ дар асарро вариантҳои ВФ ташкил медиҳанд [3-М; 4-М].

8. Таҳлилу баррасии антонимияи ВФ дар асар нишон дод, ки ин падидаи забонӣ ба монанди ҳодисаҳои дигари забонӣ, аз қабили сермаъноӣ, синонимия ва вариатсияи ВФ аз ҷониби муаллифон ба таври васеъ истифода шудааст. Аз ҷумла дар байни ВФ дар асар омада 9 силсилаи антонимии фразеологӣ бо фарогирии наздик ба бист ВФ маълум карда шуд, ки ин аз нигоҳи оморӣ 4 дарсади ВФ асарро ташкил медиҳад [4-М].

9. Аз баррасии ВФ дар асар маълум шуд, ки бахши умдаи онро ВФ феълӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, истифодаи феълҳои **кардан, намудан, шудан, гаштан, гардидан, мурдан, сохтан, доштан, ёфтан** ва **рафтан** дар ташкили ВФ-и асар нақши назаррас доранд. Дар ВФ-и асар феъли **намудан** на ба маънои феъли ёридиҳанда, балки ҳамчун феъли асосӣ ба кор рафтааст [5-М].

10. Таҳлилу баррасии тарҷумаи воҳидҳои фразеологии арабӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон медиҳад, ки мутарҷимони асар тавонистаанд, ки барои расонидани пайғом ва маънои ин гуна воҳидҳо аз роҳҳои гуногун дар тарҷума истифода намоянд. Ҳамин аст, ки онҳо дар тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ гоҳе ба муодилёбиву тарҷумаи озод ва гоҳе ба тарҷумаи таҳтуллафзӣ рӯ овардаанд, вале дар ҳама маврид корбурди калимаҳои тоҷикиро дар зимни воҳидҳои фразеологӣ ба калимаҳои арабӣ бартарӣ додаанд [2-М].

11. Аз нигоҳи оморӣ тарҷумаи қисмати бештари ВФ аз арабӣ ба тоҷикӣ дар асар бо роҳи калкавӣ/таҳтуллафзӣ сурат гирифтааст. Чунончи аз муқоисаи асли 120 ВФ бо шакли тарҷумаи он дар асар маълум гардид, ки беш аз 90 дарсади он маҳз бо роҳи калкавӣ/таҳтуллафзӣ тарҷума шудааст. Дар ин гуна тарҷумаҳо дар бештари маврид қоидаҳои грамматикии забони тоҷикӣ сарфи назар карда шуда, ба тартиби воҳидҳои синтаксисӣ дар зимни ибораву

ҷумла ба қоидаҳои наҳвии забони асл/арабӣ таваҷҷуҳ карда шудааст [1-М; 2-М].

12. Бо ВФ тарҷума кардани ВФ дар асар 7 дарсади воҳидҳои фразеологии муқоисашударо ташкил медиҳад. Дар ин бахш чунин ба назар мерасад, ки бархе маврид мутарҷимон барои тарҷумаи ВФ арабӣ муодилёбӣ накардаанд, вале тарҷумаи муваффақонаи воҳиди фразеологӣ таркибро ҳамчун муодили ВФ асл нишон медиҳад. Вале ин ҳақиқат аст, ки мутарҷимон ВФ рӯшноии чашм, даст ба ҳам задан, бомдод дамидан ва ғайраро на ба роҳи тарҷумаи калкавӣ, балки бо муодилёбиву муодилофаринӣ дар баробари ВФ арабӣ: «قرة العين», «يقلب كفيه» ва «تنفس الصبح» овардаанд [2-М].

13.Бо воҳиди луғавӣ тарҷума кардани ВФ арабӣ ҳамагӣ 2 дарсадро ташкил карда, 1 дарсади дигари фразеологизмҳои муқоисашударо воҳидҳои фразеологие ташкил медиҳанд, ки дар зимни бахши тарҷумавии асар ба таври таҳтуллафзӣ тарҷума шуда, дар даруни матни асар бошад, барои ифодаи онҳо аз ВФ-и тоҷикӣ истифода шудааст [2-М].

14. Аз таҳлили тарҷумаҳои ВФ дар асар маълум гардид, ки мутарҷимон гоҳе воҳиди луғавии арабиро бо воҳиди фразеологии тоҷикӣ тарҷума кардаанд. Аслан, чунин муносибати мутарҷимон ҳангоми тарҷумаи феълҳое, ки дар забони тоҷикӣ муодили феъли сода надошта, балки зарурати тарҷумаи онҳо бо феълҳои таркибии номӣ пеш меояд, сурат гирифтааст. Инчунин, ба назар расид, ки мутарҷимон барои фаҳмотар намудани маънои ин ё он вожаи қуръонӣ аз воҳиди фразеологӣ истифода намудаанд ва ин ҳам на ба бахши тарҷумавии асар, балки ба бахши тафсирии он хос мебошад [2-М; 4-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Натиҷаҳои таҳқиқро метавон дар раванди омӯзиш ва таълими фразеологизмҳои забони тоҷикӣ истифода намуд.

2. «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз намунаҳои барҷастаи осори насри асрҳои IX-X ба шумор рафта, роҳҳои истилоҳофаринӣ, муодилёбиву муодилсозӣ дар баробари ВФ ба кор рафтаи асар метавонад барои қаламкашони имрӯз ба тарҷумаи осори гуногунмавзуъ машғуланд ва ё мехоҳанд ба тарҷумаи истилоҳот пардозанд, заминаи хуби мусоидеро фароҳам орад.

Бо назардошти ин нукта, натиҷаҳои таҳқиқ метавонад дар омӯзиши курсҳои назария ва амалияи тарҷума истифода шавад.

3. Тартиби фарҳангномаи тафсирии ВФ-и асар метавонад дар инъикоси забони насри асрҳои IX-X, хусусан, забони илмии мардуми ондавраинаи Мовароуннаҳр мусоидат намояд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

I. Адабиёти илмӣ бо забони тоҷикӣ ва русӣ

1. Абдуқодиров, А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода [Матн] / А.Абдуқодиров. – Душанбе: Дониш, 1978. –124 с.
2. Алҷуҳанӣ, С.А. Вижагиҳои матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забон арабӣ (бар асоси расонаҳои www. irna.ir (ایرنا), www. BBC Persian (بی بی). Диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) – док. аз рӯйи ихт. фил. [Матн] / Алҷуҳанӣ Султон Абдулкарим. – Душанбе, 2022. – 159 с.
3. Арутюнова, Н.Д. Язык и мир человека [Текст] / Н.Д. Арутюнова. – 2-е изд., испр. – М.: «Языки русской культуры», 1999. – 896 с.
4. Балли, Ш. Французская стилистика [Текст] / Ш.Балли. Перевод с французского К.А. Долинина. 2-е изд, стереотипноею – М.: Эдиториал УРСС, 2001. – 392 с.
5. Барышников, А.Ф. Лексикология и фразеология персидского языка: курс лекции [Текст] / А.Ф. Барышников. – М., 1982. – 235 с.
6. Бобокалонова, Р.Н. Хусусиёти луғавию семантикии услуби «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ. Дисс. н.и.ф: 10.02.01 [Матн] / Р.Н. Бобокалонова. – Душанбе, 2019. – 162 с.
7. Вакк, Ф.О. О соматической фразеологии в современном эстонском литературном языке. Автореф. дисс. канд. филол. наук / Ф.О. Вакк. – Таллин, 1964. – 29 с.
8. Вендина, Т.И. Введение в языкознание / Т.И. Вендина. – М.: Высш.шк., 2001. – 288 с.
9. Веретенников, А.А. Очерки глагольной фразеологии персидского языка [Текст] / А.А. Веретенников. – М.: Наука. Восточная литература, 1993. – 155 с.
10. Воҳидов, А. Бо синонимҳо тафсир шудани маънои калимаҳо дар «Ғиёсу-л-луғот» [Матн] / А. Воҳидов // Масъалаҳои филалогия ва робитаи адабӣ. – Самарқанд, 1980. – С. 87-91.

11. Гадоев, Н. Хусусиятҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб). Диссертатсияи док. илм. фил. [Матн] / Н.Гадоев. – Душанбе, 2019. – 334 с.
12. Ғафуров, Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.
13. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил [Матн] / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 225 с.
14. Ғаффоров, Р. Нависанда ва забон [Матн] / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 208 с.
15. Ғаффорова, У. Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ ва муколамаи фарҳангҳо [Матн] / У. Ғаффорова. – Хуҷанд: Хуросон, 2018. – 460 с.
16. Голева, Г.С. Фразеология современного персидского языка [Матн] / Г.С. Голева. – М.: Муравей, 2006. – 224 с.
17. Дӯстов, Ҳ.Ҷ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик [Матн] / Ҳ.Ҷ. Дӯстов. – Душанбе: «Ҷонибек», 2014. – 186 с.
18. Жуков, В. П. Русская фразеология [Текст] / В. Жуков. – М.: Высш. шк,, 1986. – 310 с.
19. Жуков, В.П. Семантика фразеологических оборотов [Текст] / В.П. Жуков. – М.: Просвещение, 1978. – 160 с.
20. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1 [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 451 с.
21. Зеҳнӣ, Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Дониш, 1987. – 236 с.
22. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ.– Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
23. Исмонов, К.Б. Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таҳаввул ва ташаккули забоншиносии араб. Диссертатсияи док. илм. фил. [Матн] / К.Б. Исмонов. – Душанбе, 2023. – 339 с.
24. Исмонов, К.Б. Тафсирҳои қуръонӣ нахустин сарчашмаи андешаҳои забоншиносии арабу аҷам [Матн] / К.Б. Исмонов // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. Душанбе, 2020. – № 1. – С.11-15.

25. Исмонов, К.Б. Тобишҳои лексикӣ – грамматикии эъроб дар забони тоҷикӣ [Матн] / К.Б. Исмонов. – Душанбе, 2015. – 192 с.
26. Калашник, В.С., Колойз, Же.В. Словарь фразеологических антонимов украинского языка [Текст] / В.С. Калашник, Же.В. Колойз. – К.: Доверие, 2001. – 284 с.
27. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
28. Камолиддинов, Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1986. – 117 с.
29. Камолиддинов, Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1992. – 128 с.
30. Кодухова, В.И. Введение ва языкознание [Текст] / В.И. Кодухова. – М.: Просевещение, 1987. – 288 с.
31. Комиссаров, В.Н. Назарияи тарҷума [Матн] / В.Н.Комиссаров. Тарҷума аз русӣ ва муқаддимаву тавзеҳи истилоҳот: М.С. Имомзода ва А. Абдусатторов. – Душанбе, 2021. – 326 с.
32. Қосимова, М. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Ҷ. 1 [Матн] / М. Қосимова. – Душанбе, 2012. – 568 с.
33. Қосимова, М.Н. Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан [Матн] / М.Н. Қосимова. – Душанбе: Интернюс Тоҷикистон, 2005. – 136 с.
34. Қуръони карим ва тарҷумаи маонии он дар равиши тафсири Муяссар ба забони тоҷикӣ [Матн]. – Мадинаи мунаввара: чопхонаи Қуръони карим, Муҷаммаъ Малик Фаҳд, 1436. – 1638 с.
35. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка [Текст] / Х. Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 409 с.
36. Маслова, В.А. Линговулкультурология [Текст] / В.А. Маслова. – М.: Академия, 2001. – 208 с.

37. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.
38. Маҷидов, Ҳ. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии воҳидҳои фразеологии феъли забони ҳозираи тоҷик. Диссертатсияи номз. илм. фил. [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1968. – 249 с.
39. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 370 с.
40. Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, Адиб, 2005. – 296 с.
41. Мирзоев, А. Ибораҳои феъли замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / А. Мирзоев. – Душанбе, 1972. – 253 с.
42. Мирзоев, А. Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ [Матн] / А. Мирзоев. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 296 с.
43. Мирзоева, М.М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С.Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ [Матн] / М.М. Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 160 с.
44. Мирзоёров, Ф.Н. Шарҳи грамматикӣ дар фарҳангҳои тафсирии асрҳои XVI-XIX-и тоҷик. Диссертатсияи номзадӣ [Матн] / Ф.Н. Мирзоёров – Душанбе, 2011. – 151 с.
45. Муслимов, М. Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои луғавии арабӣ [Матн] / М. Муслимов. – Душанбе, 2009. – 160 с.
46. Муҳаммадиев, М. Лексикаи забони адабии тоҷик. Маводи таълимӣ [Матн] / М. Муҳаммадиев, Ҳ. Талбакова, Ю. Нурмуҳаммадиев. – Душанбе, 1997. – 189 с.
47. Назарова, З.А. Муродифоти луғавӣ ва грамматикии феъл дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ [Матн] / З.А. Назарова. – Душанбе, 2015. – 156 с.
48. Насимов, Н.И. Калимасозии феъл дар забони насри Садриддин Айнӣ. Диссертатсияи номзадӣ [Матн] / Н.И. Насимов. – Душанбе, 1995. – 155 с.
49. Насриддинов, Ф. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафсири куҳани форсӣ-тоҷикӣ [Матн] / Ф. Насриддинов. – Хуҷанд: Ношир, 2012. – 576 с.

50. Ниёзӣ, Ш. Таркиби морфологии ҷузъҳои феълии номӣ [Матн] / Ш. Ниёзӣ // Мактаби советӣ. – 1954. – № 4. – С. 36-46.
51. Ниёзӣ, Ш. Феълҳои таркибии номӣ дар забони тоҷикӣ [Матн] / Ш. Ниёзӣ // Мактаби советӣ. – 1954. – № 3. – С. 20-28.
52. Нуров, А. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ [Матн] / А. Нуров. – Душанбе: Маориф, 1990. – 368 с.
53. Пейсиков, Л.С. К характеристике основного словарного фонда персидского языка. Труды военного института иностранных языков [Текст] / Л.С. Пейсиков. – М., 1952.
54. Пейсиков, Л.С. Лексикология современного персидского языка [Текст] / Л.С. Пейсиков. – М.: Издательство Московского университета, 1975. – 203 с.
55. Попович, О.А. Лексикология и фразеология современного русского языка: учебно-методическое пособие [Текст] / О.А. Попович, Д.С. Ташимханова. – Павлодар: Кереку, 2017. – 173 с.
56. Расторгуева, В.С. Система таджикского глагола [Текст] / В.С. Расторгуева, А.А. Керимова. – М.: Наука, 1964. – 291 с.
57. Раҳмонов, Б. Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл (дар асоси маводи «Таърихи Бухоро») [Матн] / Б. Раҳмонов.– Душанбе: Донишварон, 2017. – 188 с.
58. Рубинчик, Ю. А. Основы фразеологии персидского языка [Текст] / Ю.А. Рубинчик. – М.: Наука, 1981. – 275 с.
59. Саидхоҷаева, М.Н. Ибораҳои фразеологии феълӣ дар романи «Шӯроб»-и Раҳим Ҷалил [Матн] / М.Н. Саидхоҷаева // Номаи Донишгоҳ. – Хуҷанд, 2015. – № 2 (43). – С.182-188.
60. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна [Матн] / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.
61. Саймиддинов, Д. Пажуҳишҳои забоншиносӣ. Маҷмуаи мақолаҳо [Матн] / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 208 с.

62. Саъдуллоев, У.Қ. Хусусиятҳои луғавӣ ва маъноии «Футувватномаи султонӣ»- и Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / У.Қ. Саъдуллоев. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 40 с.
63. Сиёев, Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони тоҷик [Матн] / Б. Сиёев. – Душанбе: Дониш, 1968. – 164 с.
64. Скляревская, Г.Н. Языковая метафора в словаре [Текст] / Скляревская // В.Я. – 1987. – № 2. – С. 55-65.
65. Султанова, Р.М. Лексические средства выразительности в русском и таджикском языках: метафора и метонимия [Текст] / Р.М. Султанова. – Душанбе, 2020. – 108 с. 252.
66. Султанова, Р.М. Сопоставительный анализ стилистических средств выразительности в русском и таджикском языках: сравнение и эпитет [Текст] / Р.М. Султанова. – Душанбе, 2020. – 122 с. 253.
67. Султанова, Р.М. Структура компаративных конструкций в русском и таджикском языках [Текст] / Р.М. Султанова // Вестник ТНУ. Серия филологических наук. – Душанбе, 2020. – № 5. – С.162-166. 254.
68. Султанова, Р.М. Лингвистический статус стилистических средств таджикского и русского языков: сопоставительный аспект (докторская диссертация) [Текст] / Р.М. Султанова. – Душанбе, 2021. – 375 с.
69. Султон, М.Ҳ. Мушкилоти забони илм (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн] / М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2006. – 122 с.
70. Султон, Ҳ. Забони давлати Сомониён [Матн] / Ҳ. Султон. – Душанбе: Дониш, 2020. – 586 с.
71. Талбакова, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии антонимӣ [Матн] / Ҳ. Талбакова // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1990. – С. 46-50.
72. Тарҷумаи Қуръон: дирӯз ва имрӯз. Муқоисаи чаҳор тарҷумаи қадимӣ ва ҷадиди Қуръон [Матн] // Маҷаллаи Мутарҷим, соли саввум, шумораи даҳ. – С. 163-180 (motarjemjournal.ir. Санаи мурочиат: 26.03.2021) [бо хатти форсӣ]

73. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. К. 1. Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев [Матн]. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. – 884 с.
74. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. К. 2. Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев [Матн]. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. – 744 с.
75. Телия, В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты [Текст] / В.Н.Телия. – М.: Школа «Языки русской культуры», 1996. – 288 с.
76. Турсунова, Ҳ. Тадқиқи муқоисавии фразеологизмҳои параллели забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ [Матн] / Ҳ. Турсунова. – Душанбе: Дониш, 1979. – 94 с.
77. Украсин, З.Г. Фразеология башкирского языка [Текст] / З.Г. Украсин. – М.: Наука, 1975. –192 с.
78. Ушаков, В.Д. Фразеология Корана (Опыт сопоставления фразеоречений Корана и арабского классического языка) [Текст] / В.Д. Ушаков. – М.: Издатальская фирма «Восточная литература» РАН, 1996. – 203 с.
79. Федоров, А.В. Введение в теорию перевода [Текст] / А.В. Федоров. – М.: Изд-во литературы на иностр. языке, 1953. – 374 с.
80. Хушенова, С.В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка [Текст]/ С.В. Хушенова. – Душанбе, 1971. – 190 с.
81. Ҳамробоев, Н.А. Марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули ҳаракати тарҷума дар асрҳои VIII-XIV (аз паҳлавӣ ба арабӣ ва аз арабӣ ба форсӣ-тоҷикӣ). Диссертатсияи д.и.ф. [Матн] / Н.А. Ҳамробоев. – Душанбе, 2019. – 355 с.
82. Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ [Матн] / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 255 с.
83. Ҷабборов, М.Т. Гунанокии вожаҳо дар осори тарҷумавии асри X (дар асоси маводи тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ва «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ) [Матн] / М.Т. Ҷабборов. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. –160 с.
84. Ҷобиров, А.Б. Вижагиҳои забонии китоби «Бахше аз Тафсири куҳан»: дис. н.и.ф: 10.02.22 [Матн] / А.Б. Ҷобиров. – Душанбе, 2018. – 190 с.

85. Ҷӯраев, Р. Этимологияи 100 калима [Матн] / О. Ҷӯраев. –Душанбе: Маориф, 1985. – 28 с.
86. Шакурӣ, М. Хат ғалат, маъно ғалат, иншо ғалат, имло ғалат (оид ба забони баъзе тарҷумонҳо) [Матн] / М. Шакурӣ // Тарҷума ва балоғати сухан. Ҷ.1. – Душанбе, 2004. – С.128-138.
87. Шанский, Н.М. Фразеология современного русского языка. Учеб. пособие для вузов по спец. «Русский язык и литература». 4-е., изд., испр., и доп. [Текст] / Н.М. Шанский. – СПб.: Специальная литература, 1996. – 192 с.
88. Шарипова, З. Мавқеи баъзе воҳидҳои фразеологӣ дар Қуръон [Матн] / З. Шарипова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2011. – № 4 (68). – С. 303-305.
89. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.
90. Шарифова, Г.Ш. Воҳидҳои фразеологӣ дар насри ривоятии форс-тоҷик (дар мисоли «Самаки айёр»). Диссертатсияи номзадӣ [Матн] / Г.Ш. Шарифова. – Хуҷанд, 2012. – 142 с.
91. Шарофиддинова, А. Воҳидҳои фразеологии осори Айнӣ (бар асоси романи «Ғуломон»). Монография [Матн] / А. Шарофиддинова. – Т.: «Yangi nashr», 2016. – 160 с.
92. Швейцер, А.Д. Теория перевода: Статус, проблемы, аспекты [Текст] / А.Д. Швейцер. – М.: Наука, 1988. – 215 с
93. Эгамбердиев, Р. Назаре ба забон ва услуби асари Восифӣ «Бадоеъу-л-вақоеъ» [Матн] / Р. Эгамбердиев // Масъалаҳои филологияи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1967. – С. 111-122.
94. Эмомалӣ, Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. К. 1 [Матн]/ Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 516 с.

II. Адабиёти илмӣ бо забони форсӣ ва арабӣ

95. أبوالقاسم محمود بن عمر الزمخشري. الكشاف عن حقائق غوامض التنزيل وعيون الأقاويل في وجوه التأويل. تحقيق وتعليق ودراسة عادل أحمد عبد الموجود وعلي محمد معوض. ج.6. – الرياض: مكتبة العبيكان، 1998. – 726 ص.

Абулқосим Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. Ал-Кашшоф ан ҳақоиқ ғавомиз –т-танзил ва уюн –ил-ақовил фи вуҷуҳ-т-таъвили. Таҳқиқ ва таълиқ ва диросату Одил Аҳмад Абдулмавҷуд ва Алӣ Муҳаммад Муавваз. Ҷ.6. –Ал-Риёз: Мактабат-ул-абикан, 1998. – 726 с.

96. أبوعثمان عمرو بن بحر الجاحظ. كتاب الحيوان. بتحقيق وشرح عبد السلام محمد هارون. ج.1. – شركة مكتبة ومطبعة مصطفى البابي الحلبي وأولاده بمصر، 1965. – 428 ص.

Абуусмон Амр ибни Баҳр Ал-Ҷоҳиз. Китоб-ул-ҳаявон. Таҳқиқ ва шарҳи Абдусалом Муҳаммат Ҳорун. Ҷ.1. – Шарикату мактабат ва матбаъати Мустафа Албаби Алҳалаби ва Авладаҳи би Миср, 1965. – 428 с.

97. آذرنوش آذرتاش. تاریخ ترجمه از عربی به فارسی (از آغاز تا عصر صفوی)\ج.1. ترجمه های قرآنی. – ترهران سروش (انتشارات صدا و سیما)، 1375. – 134 ص.

Озарнуши Озартош. Таърихи тарҷума аз арабӣ ба форсӣ (Оғозҳои даврони Сафавӣ)/Ҷилди 1. Ин тарҷумаи Қуръон аст. – Тарҳоран Соруш (интишороти Садо ва Симо), 1375. – 134 с.

98. الدبيان أحمد محمد. حنين بن إسحاق وآثاره المطبوعة: دراسة تاريخية. – الرياض: مكتبة الملك فهد الوطنية، 1993. – 715 ص.

Ад-Дибён Аҳмад Муҳаммад. Ҳунайн ибни Исҳоқ ва осори чопии ӯ: тадқиқоти таърихӣ. – Риёз: Китобхонаи миллии Шоҳ Фаҳд, 1993. – 715 с.

99. أميرة مغفرة. التعبير الاصطلاحي العربي في سورة الكهف (الدراسة النحوية الدلالية). – مالانج، 2015. – 62 ص.

Амира Мағфира. Ифодаи идиомавии арабӣ дар сураи Каҳф (омӯзиши грамматикӣ-семантикӣ). – Маланҷ, 2015. – 62 с.

100. باطنی محمد رضا. (مجموعه مقالات)، بیرامون زبان و زبان شناسی. – 1376.

Ботинӣ Мухаммад Ризо. (Маҷмуаи мақолаҳо) Перомуни забон ва забоншиносӣ. - 1376.

101. بهار محمّد تقی. سبك شناسي يا تاريخ تطور نثر فارسي در 3 جلد. جلد 1. – تهران، 1381. – 496 ص.

Баҳор Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи инкишофи насри форсӣ. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 1. – Теҳрон, 1381. – 496 с.

102. بهار محمّد تقی. سبك شناسي يا تاريخ تطور نثر فارسي در 3 جلد. جلد 2. – تهران، 1381. – 436 ص.

Баҳор Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи инкишофи насри форсӣ. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 2. – Теҳрон, 1381. – 436 с.

103. بهار ملك الشعراء. ترجمه تاريخ طبری\ یادنامه طبری به مناسبت بزرکداشت یکهزار و یکصدمین سالکرد ودرکزشت شیخ المؤرخین ابوجعفر محمد بن جریر طبری. - تهران، 1369. – 753 ص. ص.531- 545.

Баҳор Маликушшуаро. Тарҷумаи «Таърихи Табарӣ/ Ёддошти Табарӣ ба муносибати 1100-солагии Шайхи муаррихин Абуҷаъфар Мухаммад ибни Ҷарири Табарӣ. – Теҳрон, 1369. – 753 с.

104. پر ویز ناتل خانلری. زبان شناسی و زبان فارسی، تهران: توس، 1373 . 301 ص.

Парвиз Нотил Хонларӣ. Забоншиносӣ ва забони форсӣ. - Теҳрон: Тус, 1373. – 301 с.

105. پرویز خانلری. تاریخ زبان فارسی.ج. 2. تهران: فرهنگ نشر نو. 1365. – 490 ص.

Парвиз Нотил Хонларӣ. Таърихи забони форсӣ. Ҷ.2. - Теҳрон: Нашриёти нав, 1365. – 490 с.

106. پرویز خانلری. تاریخ زبان فارسی.ج. 3. تهران: فرهنگ نشر نو. 1365. – 486 ص.

Парвиз Нотил Хонларӣ. Таърихи забони форсӣ. Ҷ.3. - Теҳрон: Нашриёти нав, 1365. – 486 с.

107. جلال متینی. تفسیر قرآن مجید: نسخه محفوظ بر کتاب خانه دانشکاه کیمرج. – 1349. ج.1. – 695 ص.

Ҷалол Матинӣ. Тафсири Қуръони карим: нусхаи маҳфуз дар китобхонаи Донишгоҳи Кембриҷ. — 1349. Ҷилди 1. – 695 с.

108. حبیب کمالی رستا. مجازها در زبان و ادبیات آلمانی. بزوهش زبان های خارجی. #43. 1389. ص. 49-87.

Ҳабиб Камоли Русто. Маҷозҳо дар забон ва адабиёти олмонӣ. Пажуҳиши забони хориҷӣ. № 43. – 1389. – 49-87 с.

109. حسین شمس آبادی، فرشته افضلی. شیوه های برابریابی واژگانی، ساختاری و بافتاری در ترجمه داستان از عربی به فارسی. –فصلنامه پژوهش های ترجمه در زبان و ادبیات عربی. شماره 6، سال سوم، بهار 1392. صص.29-48.

Ҳусейн Шамсабодӣ, Фариштаи Афзалӣ. Шеваҳои баробарёбии вожагонӣ, сохторӣ ва мазмунӣ дар тарҷумаи достон аз арабӣ ба форсӣ. – Фаслномаи пажуҳишиҳои тарҷума дар забон ва адабиёти арабӣ. Шумораи 6, соли сеюм, баҳори соли 2013. – С. 29-48.

110. ذبیح الله صفا. تاریخ ادبیات در ایران: از آغاز عهد اسلامی تا دوره سلجوقی\ذ. صفا. ج.1.- طهران،1369. – 716 ص.

Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон: аз оғози аҳди исломӣ то давраи Салҷуқиён/З. Сафо. Ҷилди 1. – Теҳрон, 1369. – 716 с.

111. زرینکوب ع. دو قرن سکوت: سرکزشت حوادث و اوضاع تاریخی ایران در دو قرن اول اسلام از حمله عرب تا ظهور دولت طاهریان\ع.زرینکوب. – انتشارات امیر کبیر، 1336. – 321 ص.

Заринкӯб А. Ду қарни сукут: саргузашти ҳаводис ва авзоъи таърихии Эрон дар ду қарни аввали Ислом аз ҳамлаи араб то зуҳури давлати Тоҳириён/ А.Заринкӯб. – Интишороти Амир Кабир, 1336. – 321 с.

112. عبد الرحیم همابونفرخ. دستور جامع زبان فارسی. – تهران: شرکت جاب و انتشارات علمی، 1364. – 1208 ص.

Абдурраҳим Ҳумоюн Фаррух. Наҳви фарогири забони форсӣ. - Теҳрон: Корхонаи табъу нашри илмӣ, 1364. –1208 с.

113. عبدالقاهر جرجانی. دلائل الإعجاز في القرآن. ترجمه و تحشیه سید محمد رامنش. مشهد: آستان قدس رضوی، 1368. - 365 ص.

Абдулқоҳир Ҷурҷонӣ. Далоил-ул-эъҷоз фи-л-Қуръон. Тарҷума ва шарҳи Сайид Муҳаммад Ромиш. - Машҳад: Остони Қудс Разавӣ, 1368. – с.365

114. عصام الدین عبد السلام أبوزلال. التعابیر الاصطلاحیة بین النظریة والتطبیق. – الإسکندریة، 2005. ج.1. – 247 ص.

Исомиддин Абдулсалом Абу Залол. Ат-Таъобир-ул-истилоҳия байна-н-назария ва-т-татбиқ. – Искандария, 2005. Ҷ.1. – 247 с.

115. عصام الدین عبد السلام أبوزلال. التعابیر الاصطلاحیة بین النظریة والتطبیق. – الإسکندریة، 2005. ج.2. – 167 ص.

Исомиддин Абдулсалом Абу Залол. Ат-Таъобир-ул-истилоҳия байна-н-назария ва-т-татбиқ. – Искандария, 2005. Ҷ.2. – 167 с.

116. عصمت خویینی. نکتها در باره فعل مرکب/ پژوهشنامه زبان و ادب فارسی (گوهر گویا)/ سال چهارم، شماره دوم، تابستان 1389. ص.45-58.

Исмат Хувайнӣ. Нуктаҳо дар бораи феъли мураккаб/ Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти форсӣ (Гавҳари гӯё)/Соли чаҳоруми, шумораи дувум. Тобистони 1389. – 45-58 с.

117. غلامرضا افراسیابی، سیدمحمد مهدی جعفری، حسین بحتویی. چستار در باره ی مجاز مرسل. مجله علوم اجتماعی و انسانی دانشگاه شیراز، 1375 (47). ص.1-47.

Ғуломризо Афросиёбӣ, Сайид Муҳаммад Маҳдии Ҷаъфарӣ, Ҳусейн Баҳтовӣ. Чустор дар бораи маҷози мурсал. Маҷаллаи улуми иҷтимоӣ ва инсонии Донишгоҳи Шероз, 1375 (47). – 1-47 с.

118. كريم زكي حسام الدين. الإرشادات الجسمية: دراسة لغوية لظاهرة استعمال أعضاء الجسم في التواصل. – دار غريب للطباعة والنشر، 2001. – 251 ص.

Карим Заки Ҳусомиддин. Ал-Иршодот-ул-ҷисмия: диросатун луғавия лизоҳирати истеъмоли аъзои-л-ҷисм фи-тавосул. – Дору ғариб литтибоа ва-н-нашр, 2001. – 251 с.

119. وهبة الزحيلى. التفسير الوجيز على هامش القرآن العظيم ومعه أسباب النزول وقواعد التنزيل. – بيروت، 1994. – 640 ص.

Ваҳба Аз-Зуҳайлӣ. Ат-Тафсиру-л-ваҷиз ало ҳомиш -ил-Қуръон-ил-азим ва мааҳу асбоб-ун-нузул ва қавоид-ит-танзил. – Бейрут, 1994. – 640 с.

120. يوجين ا.نيدا. نحو علم الترجمة. ترجمة ماجد النجار. – الجمهورية العراقية: مطبوعات وزارة الإعلام، 1976. – 504 ص.

Юҷин А.Найдо. Наҳва илм-ит-тарҷама. Тарҷамату Моҷид Ан-Наҷҷор. – Ал-Ҷумҳурият-ул-ироқия: Матбуоту Визорат-ил-эълом, 1976. – 504 с.

III. Фарҳангу луғатномаҳо

121. Али Акбари Деҳҳудо. Луғатномаи Деҳҳудо. Ҷ. 12 [Матн] / Деҳҳудо Али Акбар. – Теҳрон, 1998. – 17803-19456 с.

122. Али Акбари Деҳҳудо. Луғатномаи Деҳҳудо. Ҷ. 13 [Матн] / Деҳҳудо Али Акбар. – Теҳрон, 1998.– 19465-21119 с.

123. Али Акбари Деҳҳудо. Луғатномаи Деҳҳудо. Ҷ. 3 [Матн] / Деҳҳудо Али Акбар. – Теҳрон, 1998. – 3209-4800 с.

124. Али Акбари Деҳхудо. Луғатномаи Деҳхудо. Ҷ. 4 [Матн] / Деҳхудо Али Акбар. – Теҳрон, 1998. – 4809-6398 с.
125. Али Акбари Деҳхудо. Луғатномаи Деҳхудо. Ҷ. 5 [Матн] / Деҳхудо Али Акбар. – Теҳрон, 1998. – 6409-7999 с.
126. Али Акбари Деҳхудо. Луғатномаи Деҳхудо. Ҷ. 7 [Матн] / Деҳхудо Али Акбар. – Теҳрон, 1998. – 9609-11199 с.
127. Атаханов, Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Т. Атаханов. – Душанбе: Шарқи озод, 2002. – 453 с.
128. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов [Текст] / О.С.Ахманова. – М., 1966. – 571 с.
129. Бобомурдоров Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ/ Ш.Бобомуродов, З.Мухторов. – Душанбе, 2016. – 428 с.
130. Горбачевич, К.С. Словарь эпитетов русского литературного языка [Текст] / К.С. Горбачевич. – СПб.: Норинт, 2002. – 224 с.
131. Жеребило, Т.В. Словарь лингвистических терминов [Текст] / Т.В. Жеребило. – Назрань: ООО «Пилигрим», 2010. – 486 с.
132. Лола Тик Ҷунд Баҳор. Баҳори Аҷам: Фарҳанг вожаҳо, такибҳо, эпитетҳо ва зарбулмасалҳои форсӣ. Ҷилди 1. Тасхеҳи доктор Козим Дезфулиан [Матн] / Лола Тик Ҷунд Баҳор. – Теҳрон, 1392.
133. Лола Тик Ҷунд Баҳор. Баҳори Аҷам: Фарҳанг вожаҳо, такибҳо, эпитетҳо ва зарбулмасалҳои форсӣ. Ҷилди 3. Тасхеҳи доктор Козим Дезфулиан [Матн] / Лола Тик Ҷунд Баҳор. – Теҳрон, 1392.
134. Луғати русӣ-тоҷикӣ [Матн] / Зери таҳрири Асимова М.С. – М., 1985. – 1280 с.
135. Луғати терминҳои забоншиносӣ [Матн]. – Душанбе,1983. – 256 с.
136. Матвеева, Т.В. Полный словарь лингвистических терминов [Текст] / Т.В. Матвеева. – Ростовн/Д: Феникс, 2010. – 562 с.
137. Муҳаммад, Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ. 2 [Матн] / Ғиёсуддин Муҳаммад. – Душанбе: Адиб,1987. – 416 с.

138. Муҳаммадҳусайни, Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 1 [Матн] / Бурҳон Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
139. Русско-таджикский словарь [Текст] /Под ред. М.С. Асимова. – М.: Русский язык, 1985. – 1279 с.
140. Сироҷиддин, Алихони Орзу. Чароғи Ҳидоят [Матн] / Орзу Алихони Сироҷиддин. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 288 с.
141. Сулаймонӣ, С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. Чопи дувуми ислоҳшуда ва иловашуда [Матн] / С. Сулаймонӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1564 с.
142. Таджикско-русский словарь [Текст] / Под ред. М.В. Рахими, Л.В.Успенский. – М.: ГИС, 1954. – 789 с.
143. Ушаков, Д.Н. Толковый словарь русского языка [Текст] / Д.Н. Ушаков. – М.: Альта-Принт, 2005. – 1216 с.
144. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 [Матн]. – М.: Советская энсик., 1969. – 951 с.
145. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2 [Матн]. – М.: Советская энсик., 1969. – 947 с.
146. Фарҳанги забони тоҷикӣ: Иборат аз ду ҷилд [Матн] / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Сов. энциклопедия, 1969. – Ҷилди 1. – 952 с.; Ҷилди 2. – 949 с.
147. Фарҳанги киноёти сухан. Бо сарпарастиии дуктур Ҳасани Анварӣ. Ҷилди 1 [Матн]. – Теҳрон: Сухан, 1383 ҳиҷрӣ.
148. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 [Матн]. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.
149. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2 [Матн]. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.
150. Федоров, А.И. Фразеологический словарь русского литературного языка. 3-е изд., испр. [Текст] / А.И. Федоров. – М.: Астрель: АСТ, 2008. – 878 с.

151. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (фарҳанги фразеологӣ) Ҷ. 1 [Матн] / М. Фозилов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 952 с.
152. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (фарҳанги фразеологӣ). Ҷ.2 [Матн] / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 802 с.
153. Ҳасан, Умид. Фарҳанги форсии Умид [Матн] / Умид Ҳасан. – Интишороти Роҳи Рашид, 1389. – 1088 с.
154. Ҳодизода, Р. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188 с.
155. Шамси, Қайси Розӣ. Ал муъҷам [Матн] / Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
156. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик [Матн].– Душанбе, 2004 с.

IV. Сомонаҳои интернетӣ

157. Фразеология современного украинского языка // http://schooled.ru/ukrmova/phraseology/index.html. Дата обращение: 10.01.2020.
158. فان زنك ينك. تأملی بر معیارهای ترجمه\ ترجمه علی خضامفر. مجله مترجم، سال اول، شماره اول. – ص.16-20. motarjemjournal.ir. Санаи муроҷиат: 26.03.2021.
(Фон Занк Янк. Тааммуле дар меъёрҳои тарҷума/тарҷумаи Алӣ Хизомфар. Маҷаллаи Мутарҷим. Соли аввал, щумораи аввал. – С. 16-20. motarjemjournal.ir. Санаи муроҷиат: 26.03.2021).

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М] Ёраҳмадова, З. «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» – ганҷинаи воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ [Матн] / З. Ёраҳмадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 131-133.

[2-М] Ёраҳмадова, З. Тарҷумаи воҳидҳои фразеологии арабӣ ба забони тоҷикӣ (дар мисоли «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ») [Матн] / З. Ёраҳмадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 1. – С. 71-76.

[3-М] Исмонов, К.Б., Ёраҳмадова, З. Синонимияи воҳидҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ») [Матн] / К.Б. Исмонов, З. Ёраҳмадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 18-23.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[4-М] Султанзода, З. Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва бадеии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» [Матн] / З. Султанзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Масъалаҳои ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ – омили муҳимми таҳкими давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (АИДПҶТ, 20.02.2023). – Душанбе, 2023. – С. 294-297.

[5-М] Султанзода, З. Ибораҳо ва сохторҳои фразеологӣ бо феълҳои ёрирасон дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» [Матн] / З. Султанзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Стратегия ва тамоюлҳои рушди журналистика, филология ва лингводидактика» (ДСРТ, 10.11.2023). – Душанбе, 2023. – С. 327-333.